# РОҲНАМОИ ФАННИ СУРУД
# ВА МУСИҚӢ БАРОИ СИНФИ 4-УМ

## барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии
## муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ТАВСИЯ КАРДААСТ**

**ДУШАНБЕ**
**МАОРИФ**
**2016**

**ББК 82.33+82.3 (0)**
**К-90**

**К-90.** Б. Хайруллоев**. Роҳнамои фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи 4-ум барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.** Душанбе, «Маориф», 2016. 76 саҳ.

**ISBN 978-99947-1-413-1** **© «Маориф», 2016**

# Мундарича


Муқаддима ........ 5

Стандарти фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи чорум ........ 7

**I. Мазмун ва мундаричаи стандарти фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи чорум** ........ 7

1.1. Мафҳумҳои асосии стандарти фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи чорум ........ 7

1.2. Заминаи меъёрии ҳуқуқии стандарти фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи чорум ........ 10

1.3. Соҳаи истифодаи стандарти фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи чорум ........ 10

1.4. Принсипҳои асосии стандарти фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи чорум ........ 10

1.5. Мақсад ва вазифаҳои стандарти фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи чорум ........ 12

**II. Салоҳиятҳои фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи чорум** ........ 13

2.1. Самтҳо ва салоҳиятҳо аз фанни суруд ва мусиқӣ ........ 13

2.2. Баҳодиҳии салоҳиятҳои сурудан, шунидан, маърифат ва эҷоди мусиқӣ ........ 13

2.3. Салоҳиятҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ ........ 14

2.4. Нишондиҳандаҳои хислатҳо ........ 15

2.5. Салоҳиятнокии омӯзгорон ........ 16

**III. Ташкили раванди таълими салоҳиятнокӣ аз фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи чорум** ........ 17

3.1.Ба хусусиятҳои фардии хонанда диққат додан ........ 17

3.2. Принсипҳои таълими самаранок ........ 18

3.3. Ташаккули тафаккури сатҳи олӣ ........ 18

3.4. Алоқамандии байнифаннӣ ........ 19

3.5. Стратегияҳои таълими фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи чорум ........ 19

3.5.1. Таълими малакаҳои сурудан ........ 19

3.5.2. Таълими малакаҳои шунидани мусиқӣ ........ 22

3.5.3. Таълими малакаҳои маърифати мусиқӣ ........ 24

**IV. Арзёбӣ** ........ 25

5.1.Санҷиши хонандагон дар ҳар дарс. ........ 25

5.2. Санҷиши хонандагон дар нимсола ........ 26

5.3. Санҷиши солона ........ 26

5.4. Намунаҳои арзёбӣ ........ 27

**Барномаи таълими фанни суруд ва мусиқӣ дар синфи 4** ........ 30

Нақшаи тақвимӣ барои фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи 4 ........ 30

Нимсолаи якум (17 соат) ........ 31

Мавзӯи 1. Тоҷикистон, Ватанам, ифтихорам – 2 соат ........ 31

Мавзӯи 2. Муаллим – раҳнамои наслҳо – 2 соат ........ 33

Мавзӯи 3. Рӯсурхии мо аз деҳқон аст – 2 соат ........ 36

Мавзӯи 4. Ҳайвонҳо – дӯсти инсон – 2 соат ........ 38

Мавзӯи 5. Рақс ҳаракати мавзун аст – 2 соат .......... 40
Мавзӯи 6. Ватандорӣ шараф аст – 2 соат .......... 43
Мавзӯи 7. Мусиқии халқҳои ҷаҳон тавъаманд – 2 соат .......... 45
Мавзӯи 8. Мусиқӣ ва лаҳнҳои он – 2 соат .......... 47
Мавзӯи 9. Дарси арзёбӣ (дарс-консерт) – 1 соат .......... 51
**Нимсолаи дуюм (17 соат)** .......... 52
Мавзӯи 1. Баҳор – фасли гулҳо – 2 соат .......... 52
Мавзӯи 2. Парандаҳо беозоранд – 2 соат .......... 54
Мавзӯи 3. Табиат – дӯсти инсон – 2 соат .......... 57
Мавзӯи 4. Зиндагӣ – ҳаёт аст – 2 соат .......... 59
Мавзӯи 5. Модар – ҷаҳони фарзандон – 2 соат .......... 62
Мавзӯи 6. Парасту – парандаи хушрӯй – 2 соат .......... 65
Мавзӯи 7. Рақси дарё – 2 соат .......... 68
Мавзӯи 8. Таърихи куҳан дорем – 2 соат .......... 70
Мавзӯи 9. Арзёбӣ ва ҷамъбаст- 1 соат .......... 73
Адабиёт .......... 73

# МУҚАДДИМА

Соҳаи маориф аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятноки рушди мамлакат эътироф шуда, дар ин самт ҳамасола тадбирҳои зиёд андешида мешаванд. Илова ба бунёди муассисаҳои таълимии нав, таҷдиди инфрасохтор, инчунин ба сифат, мазмуну самарабахшии мундариҷа ва ҷараёни таълим низ таваҷҷуҳи қобили назар зоҳир мешавад. Таҳияи стандарт ва барномаҳои нави таълимӣ метавонанд сатҳу сифати таҳсилоти миёнаи умумиро баланд бардоранд.

Дар татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф омӯзгорон нақши калидӣ мебозанд. Ин нукта дар суханронии Асосгузори сулҳу Ваҳдати – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат (2015) хеле мушаххас баён шудааст: “... калиди ҳама гуна дастоварду пешравӣ ва истиқлолияти фикрӣ муаллим-омӯзгор ва хазинаи маънавию илмии ӯ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, самаранок ба роҳ мондани корҳои таълиму тарбия аз ҷониби омӯзгор имкон фароҳам меорад, ки сатҳи мафкура ва донишу ҷаҳонбинии толибилмон боло равад ва онҳо ҳамқадами замон гарданд”.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим ва натиҷабахшии раванди он таҳияи стандартҳои фанниро ба роҳ мондааст, ки стандарти фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи чорум аз ҷумлаи онҳост. Вазорати маориф ва илм натиҷа ва дастовардҳои ислоҳоти соҳаро, ки тайи солҳои охир татбиқ шудаанд, эътироф карда, дар асоси ба эътибор гирифтани таҷрибаи ҷаҳонӣ стандарт ва барномаҳои навро ҳамчун як ҷузъи таркибии ислоҳоти пурраи мундариҷаи таҳсилот таҳия кардааст.

Стандарти фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи чорум ҷузъи таркибии силсилаи стандартҳои фанни суруд ва мусиқӣ дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ аст. Стандарти мазкур дар асоси салоҳият таҳия шуда, талаботи Стандартҳои давлатии таҳсилоти миёнаи умумиро ба эътибор мегирад.

Сохтор ва услуби пешниҳоди стандарт тарзе интихоб шудааст, ки паҳлуҳои гуногуни раванди таълими фанни суруд ва мусиқиро дар синфи чорум фаро мегирад ва ба ин васила фаъолияти омӯзгорро дар ҷараёни банақшагирӣ ва таълиму арзёбӣ осон мегардонад.

Тавре ки таҷрибаи байналмилалӣ ва шароити кунунии Тоҷикистон нишон медиҳад, вобаста ба талаботи бозори меҳнат ва инкишофи босуръати муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарогирии ҳар чи бештари воситаҳои иттилоот (интернет, телевизион ва ғайра) имрӯз танҳо бо дониш мусаллаҳ будан кифоя набуда, дар амал истифода бурдани донишу малакаҳо муҳимтарин роҳи иҷтимоишавии ҷавонон ва дастёбӣ ба натиҷаҳои дилхоҳ ба шумор меравад. Ин нуктаи муҳим маҳаки асосии стандарти мазкурро ташкил медиҳад.

Дар ҷаҳони муосири зудтағйирёбанда ва пур аз тазодҳо шаҳрвандон бояд сифатҳои ташаббускорӣ, навоварӣ, татбиқсозӣ, тағйирпазирӣ, уҳдабароӣ, масъулиятшиносӣ ва созандагию бунёдкорӣ дошта бошанд. Онҳо бояд шахсони бомаърифати аз ҷиҳати маънавӣ-ахлоқӣ устувор ва кордоне бошанд, ки роҳҳои дастрас кардани ахбор (маълумот)-ро тавассути воситаҳои гуногун интихоб намуда, онро таҳлилу таҷзия ва арзёбӣ карда, масъалаҳои мураккаби олами атрофро дарк кунанд, мушкилиҳои гуногуни таълимию ҳаётиро пешгӯӣ ва ҳал карда тавонанд, масъулияти худро дар назди оила, аҳли ҷомеа ва кишвар дарк кунанд. Тавре ҳама медонанд, барои ташаккули ин сифатҳо маҳз дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ заминаи мусоид фароҳам оварда мешавад.

Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо Вазорати маориф ва илм низоми нави таълимро дар амал татбиқ мекунад, ки он ба ташаккули рушди салоҳиятнокии хонандагон дар истифодаи амалии дониш, малака ва маҳорат мусоидат хоҳад кард.

Натиҷаҳои салоҳиятнокии хонандагон тавассути низоми миллии арзёбӣ санҷида, натиҷаҳои он барои дуруст ва самаранок ба роҳ мондани раванди таълим истифода мешаванд.

Стандарти мазкур мазмуну мундариҷа, салоҳиятҳо, нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ ва воситаҳои арзёбиро муайян мекунад. Бо татбиқи низоми нав натиҷаҳои таълимӣ (салоҳиятнокии ӯ) асоси мақсади санҷишу назорати сифати таҳсилот мешавад.

Бо татбиқи стандартҳои нав на танҳо малакаву маҳорати касбии омӯзгор, балки натиҷаи таълим низ ҳамчун нишондиҳандаи самаранокии раванди омӯзиш шинохта мешавад. Дар низоми нави таълим масъулиятшиносии омӯзгорон барои беҳтар шудани натиҷаҳои таълимии хонандагон ба маротиб зиёд мешаванд.

Дар ҷараёни татбиқи маҷмӯи стандартҳо ва барномаҳои фаннӣ омӯзгор шахси асосӣ аст. Аз ин рӯ, самаранокии татбиқи стандартҳои нав ва ҷараёни ислоҳот маҳз ба дарки масъулият, ташаббусу эҷодкорӣ ва маҳорату малакаи омӯзгорон вобаста аст. Масъулияти омӯзгор дар ин ҷараён хеле зиёд буда, ҷанбаҳои зеринро дар бар мегирад:

- ба роҳ мондани таълим дар асоси стандартҳои нав ва барномаи фаннӣ;
- муҳокимаи масъалаҳои умдатарини татбиқи ислоҳот бо ҳамкорон;
- муҳокимаи мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо дар ҳамкорӣ бо мудирияти муассисаи таълимӣ ва идораву шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳия;
- таҳияи маводди иловагии таълимӣ ва истифодаи онҳо дар раванди таълим бо ҳамкорон.

Табиист, ки дар марҳалаи ибтидоӣ масъалаҳои зиёд пайдо мешаванд, ки ба истифодаи стандартҳо, барномаҳои таълим ва китобҳои дарсии нав алоқаманданд. Аммо мо бовар дорем, ки ботадриҷ, бо роҳи фароҳам сохтани имкониятҳои хуби иштирок дар марҳалаи татбиқи ин ислоҳот дар сатҳи мамлакат омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ пурра омода хоҳанд шуд.

Вазорати маориф ва илм ҳамаи омӯзгорон, сарварони муассисаҳои таълимӣ, кормандони раёсату шуъбаҳои маориф ва тамоми кормандони соҳаи маорифи ҷумҳуриро барои татбиқи ислоҳоти мазкур, ки самаранокӣ ва сифати таълимро барои хонандагон таъмин мекунад, даъват мекунад.

СТАНДАРТИ ФАННИ СУРУД ВА МУСИҚӢ БАРОИ СИНФИ ЧОРУМ

## I. Мазмун ва мундариҷаи стандарти фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи чорум

### 1.1. Мафҳумҳои асосии стандарти фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи чорум

**Арзёбӣ** – ҷараёни ҷамъоварии маълумот барои баҳодиҳӣ. Навъ ва воситаҳои гуногуни ташкили ҷараёни арзёбӣ вуҷуд доранд. Он барои муайян кардани дараҷаи дастовардҳои таълимии хонандагон имкон медиҳад. Маълумоте, ки тавассути арзёбӣ ҷамъ оварда мешавад, ҳам ба шахсони алоҳида ва ҳам ба муассисаҳои соҳа зарур аст. Маълумоти аз арзёбӣ бадастомадаро ба таври гуногун ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ, шахсони алоҳида, волидон, хонандагон ва омӯзгорон истифода бурда метавонанд.

**Арзёбии ташаккулдиҳанда** – усули баҳодиҳиест, ки тавассути он омӯзгору хонандагон раванди таълимро таҳлил карда, хулосаи зарурӣ мебароранд. Ин навъи арзёбӣ хонандагонро водор месозад, ки сатҳи инкишофашонро худ муайян кунанд ва барои дастрасӣ ба сатҳи дигари ахбор ва тарзи ба он расидан шароит фароҳам оваранд.

**Арзёбии ҷамъбастӣ (ниҳоӣ)** – барои муайян кардани сатҳи ташаккули дониш, маҳорату малака, салоҳиятнокӣ ҳангоми ба анҷом расонидани омӯзиши мавзӯъ, фасл то давраи муайяни вақт таъйин шудааст. Арзёбии ҷамъбастӣ аз рӯйи натиҷаҳои иҷрои намудҳои мухталиф (гуногун)-и корҳои санҷишӣ (тест (санҷиш), корҳои санҷишӣ (контролӣ), лабораторӣ, таҳқиқотӣ, иншо, эссе (ҳикоя), лоиҳа, баромадҳо ва ғайра) анҷом дода мешавад. Баҳоҳое, ки барои корҳои санҷишӣ гузошта шудаанд, барои муайян кардани баҳои ҷамъбастӣ (умумӣ) асос мебошанд.

**Баҳодиҳӣ** – ҷараёни натиҷагирӣ оид ба дараҷаи мувофиқати дониш, салоҳият, малака ва маҳорати хонанда ба талаботи муқарраркардаи стандарти фаннӣ. Баҳодиҳӣ имкон медиҳад, ки дараҷаи азхудкунии салоҳиятҳо муайян карда шавад.

**Дидактика** – соҳаи илми педагогика, ки ба омӯхтани асосҳои назариявии таҳсилот, муайян кардани қонуният, принсипҳои таълим, мазмуни таҳсилот, шаклу усули таълим ва назорати раванди таълим машғул аст.

**Зарб** – пайи ҳам ивазшавии қонуни овозҳои мусиқӣ, яке аз воситаҳои асосии ифоданок ва шаклташкилдиҳии мусиқӣ.

**Импровизатсия** – (*итолиёӣ*)- иҷро ё иншои мусиқӣ бе омодагӣ, бадоҳатан.

**Иттиҳодияи методӣ** – яке аз шаклҳои ташкили кори методӣ, паҳн кардани таҷрибаи пешқадам ва такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.

**Кори лоиҳавӣ** – машғулияти мустақилонаи гурӯҳи хонандагон буда, берун аз дарс таҳия карда мешавад. Он дар асоси маълумот ва донишу малакаи ҳосилкардаи хонандагон дар марҳилаи муайяни таълим гузаронида мешавад.

**Қаторовоз** – пайи ҳам (зина ба зина) ба тарафи боло ё поён садо додани овозҳои мусиқӣ

**Тахтаи синф** – дар зери мафҳуми тахта – ҳар чизи сатҳаш паҳни сангӣ, чӯбӣ, филизӣ ва ғайра, ки ба рӯйи он хат менависанд ё нақшу нигор мекашанд, фаҳмида мешавад;

**Мақсади таълим** – мақсади таълимии дарс дар асоси натиҷаҳои таълими дарс таҳия карда мешавад. Натиҷаҳои таълим ба қисмҳои хурдтар (мақсади таълим) ҷудо

мешаванд, ки ҳамчун зина барои расидан ба натиҷаҳои таълим хизмат мекунанд.

**Малака** – қудрат ва тавоноӣ дар иҷрои коре, ки дар натиҷаи машқу тамрин дар табиати инсон пайдо мешавад.

**Маҳорат** – фаъолияте, ки дар инсон дар натиҷаи таълим ва такрори бисёркарата ҳосил шуда, баъд ба раванди бошуурона табдил меёбад ва инсон минбаъд ҳар як кори худро дониста иҷро мекунад; моҳирӣ, устодӣ, забардастӣ, ҳунармандӣ ва ғайра маҳорат аст.

**Машқ** – барои ба даст овардани малака ва маҳорат пай дар пай иҷрои ин ё он фаъолият аст.

**Мажор** – асари мусиқие, ки хусусияти шӯху рӯҳафзо, фараҳбахш, равшан ва мутантан дошта, ба воситаи қувваи сомеа (шунавоӣ) низ муайян карда мешавад.

**Минор** – асари мусиқии характераш маҳзун (ҳузнангез) ва рӯҳнавоз, ба воситаи қувваи сомеа (шунавоӣ) низ муайян карда мешавад.

**Метод** (*юн. Methodos* – роҳ, тарз, усул, восита, назария, таълимот) – усули назариявӣ ва амалии донистани воқеият; маҷмӯи амалиёт; ташкили бонизоми фаъолияти одамон дар ҳалли масъалаҳои гузошташуда аст.

**Меъёр** – нишонае, ки дар асоси он баҳодиҳӣ, муайянкунӣ ё таснифи чизе анҷом дода мешавад.

**Нақшаи таълим** – ҳуҷҷатест, ки омӯзиши фанҳои таълимӣ ва тақсимоти солонаи онҳоро барои тамоми давраи таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ муайян мекунад.

**Натиҷаҳои таълим** – натиҷаҳои ниҳоие, ки аз омӯзиши мавод ба даст меоянд.

**Низоми таълими ба ташаккули шахсияти хонанда нигаронидашуда** – низоми таълиме, ки дар он қобилияти фардӣ ва таҷрибаи қаблии хонанда ҳамчун меҳвар (тири асосӣ) барои омӯзиши минбаъда нигаронида шудааст.

**Ним тон** – байни ҳар як ҷуфти овозҳои ҳархелаи ба ҳамдигар наздиктарин. Мисол: **до – ре** бемол; **ми – фа; ре** диез – **ми** ва ғайра.

**Нишондиҳанда** – нишодиҳандаҳо маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳое мебошанд, ки аз ноил шудан ба салоҳиятҳо дарак медиҳанд.

**Нота** – аломати хаттии шартӣ барои ифодаи баландию давомнокии овозҳо ва дигар унсурҳои мусиқӣ.

**Образҳои мусиқӣ** – образҳои мусиқӣ тавассути алҳон (овозҳои хуши мусиқие, ки ба ҳам баробаранд) ифода ёфта, рӯйдодҳо ва воқеоти олами объективиро ба таври хос инъикос мекунанд.

**Принсип** – қоидаҳои асосии таълим, ки мазмун, шаклҳои ташкилӣ ва усули таълимро дар алоқамандӣ бо мақсадҳои умумии тарбия ва меъёрҳои раванди таълим муайян мекунанд.

**Раванди таълим** – раванди мақсаднок ва муташаккилонаи ҳосил кардани дониш, маҳорат ва малакаҳо аст.

**Роҳнамои фаннӣ барои татбиқи стандартҳо** – роҳнамои омӯзгор оид ба татбиқи стандартҳо маводди иловагии методӣ мебошад. Он тавсияҳо ва намунаҳоро оид ба тарзи ташкили ҷараёни таълим фаро гирифта, ба омӯзгор дар самти ташаккули салоҳиятнокии хонандагон ёрӣ мерасонад.

**Савод** – маҳорати кор кардан бо маълумот, аз ҷумла маҳорати иҷрои амалҳои зарурии мусиқӣ-овозхонӣ, риёзӣ, дарки иттилоотии маводди чопӣ, адабиёти илмӣ, инчунин маҳорату малакаи сурудан, навиштан, дониш омӯхтан аз матни шифоҳию хаттӣ.

**Саводнокӣ** – яке аз нишонаҳои саводнокии шахс. Мувофиқи шарҳи ЮНЕСКО шахсе, ки хондан, навиштан ва мазмуни матни одиро баён карда метавонад, саводнок аст.

**Салоҳият** – маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳои ба ҳам пайванде, ки ба мақсади ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ), маърифатӣ ва касбӣ равона карда мешаванд.

**Сарпарда** – тоника, зинаи якуми гамма (қаторовози ҳаштзинавӣ). Ҳар як зинаи он номҳои махсус дорад. Зинаи якум-сарпарда (тоника) аз ҳамаи овозҳои дигари гамма устувортарин аст.

**Овозҳои устувор** – зинаҳои I-III – V-VIII-и ҳар як гамма. Овозҳои онҳо орому мустаҳкам буда, ба дигар овозҳои гирду атроф ҷорӣ намешаванд ва аксар вақт асарҳои мусиқӣ бо онҳо хотима меёбанд.

**Овозҳои ноустувор** – зинаҳои II-IV – VI-VII-и ҳар як гамма. Овозҳои ноустувор дар гирду атрофи овозҳои устувор мавҷуданд. Онҳо дар ҷояшон намеистанд ва доимо ба овозҳои устувор майлу кашиш дошта, ба онҳо ҷорӣ мешаванд.

**Стандарти фаннӣ** – санадест, ки дар он меъёри дониш, малака, маҳорати хонандагон, мазмуну муҳтавои фаннӣ, методикаи таълими фан, роҳу усули самаранок истифода бурдани вақти ба омӯзиши фан ҷудошуда ва талабот ба тарзи санҷиши дониш аз фанни мазкур ифода шудааст.

**Стратегия** – роҳу усули ноил шудан ба мақсад. Роҳ (усул)-и алтернативӣ (ҷойгузин), интихоб, таҳия ва татбиқи барномаро дар назар дорад.

**Таҳлил** – яке аз усули таълим, ки тавассути он омӯзгору хонандагон маводди омӯхташавандаро ба қисмҳои асосӣ ҷудо карда, хусусиятҳои ҳар яки онро дар алоҳидагӣ баррасӣ мекунанд.

**Тамдид** (*мадид*)–давомнокии овоз. Мадиди овозҳо аз нотаҳои пурра, нисфӣ, чорякӣ, ҳаштякӣ ва ғайра иборатанд, ки онҳо бо ченаки вақт шумурда мешаванд.

**Танфис** (*пауза*) – таваққуфест (хомӯшии муваққатӣ) дар ҷараёни мусиқӣ. Танфис дар нота дорои аломатҳои худ буда, мадиди онҳо ба мадиди овозҳо мувофиқат мекунанд.

**Тон** – муносибати фосилавии байни ду овози ҳархелаи наздиктарин.

**Усул** – маҷмӯи роҳу равиш ва тарзи омӯхтан, донистан, фаҳмидан, идрок кардан буда, барои самарабахш гардонидани ҷараёни таълим мунтазам истифода карда мешавад

**Лаҳзаи мусиқӣ** – ибораҳои мусиқӣ, ки ба ҳам пайваста як оҳанги томро ба вуҷуд меорад.

### 1.2. Заминаи меъёрии ҳуқуқии стандарти фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи чорум

Стандарти фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи 4 дар асоси Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва сархати 6, банди 7-и Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №145 тасдиқ шудааст, инчунин дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф таҳия шудида, минбаъд барои расонидани ёрии таълимию методӣ барои омӯзгорон ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон омода шудидааст.

### 1.3. Соҳаи истифодаи стандарти фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи чорум

Доираи татбиқи Стандарти фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи чорум хеле васеъ аст. Истифодабарандагони асосии стандартҳо омӯзгорони суруд ва мусиқӣ буда, дар ҳолатҳои зарурӣ бевосита омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, ки методикаи таълими ин фанро азхуд кардаанд, дар марҳалаи банақшагирӣ, таълим ва арзёбии салоҳиятнокии хонандагон онро ҳамчун ҳуҷҷати асосӣ истифода мебаранд. Инчунин, мутахассисони зинаи таҳсилоти ибтидоии муассисаҳои дахлдори соҳаи маориф, ки барои расонидани ёрии таълимию методӣ масъуланд, ҳангоми банақшагирӣ ва татбиқи чорабиниҳо дар самти расонидани ёрии методӣ ба омӯзгорони зинаи таҳсилоти ибтидоӣ стандарти мазкурро истифода мебаранд.

Минбаъд арзёбии салоҳиятҳо (дониш, малака ва маҳорат)-и хонандагони синфи чорум дар асоси талаботи стандарти мазкур ба роҳ монда мешавад. Саволу масъалаҳои санҷишии нимсола, солона ва аз синф ба синфгузаронӣ дар асоси салоҳиятҳои дар стандарт ва барномаи таълим муқарраршуда таҳия карда мешаванд.

### 1.4. Принсипҳои асосии стандарти фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи чорум

Стандарти фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи чорум дар асоси принсипҳои таълимии зерин таҳия шудааст:

- баробарҳуқуқии шаҳрвандон дар гирифтани таҳсилоти босифат;
- қонуният, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- ҳатмӣ будани таълими умумии асосӣ;
- дастрасии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва идомаи таҳсил дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот дар асоси озмун;
- бартарии арзишҳои миллию умумибашарӣ, моҳияти башардӯстонаи мазмуни таҳсилот, рушди озодонаи шахс;
- муҳаббат ба Ватан, оила ва муҳити зист;
- ҷанбаи илмӣ, дунявӣ ва башардӯстонаи таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ;
- ягонагии фазои маърифатию фарҳангӣ, рушди фарҳанг ва ҳифзи анъанаҳои миллӣ;
- ҷанбаи инсондӯстӣ, демократӣ ва давлатию ҷамъиятии идоракунии соҳаи маориф ва шаффофият дар фаъолияти он;

– раванди муттасили таҳсил;
– ҳавасмандгардонии маърифатнокшавии шахс ва инкишофи истеъдоди ӯ;
– пайдарҳамии раванди таҳсилот, ки алоқамандии зинаҳои таҳсилот ва ягонагии таълиму тарбияро таъмин месозад;
– ҳамгироии таҳсилот, илм ва истеҳсолот.
– ба қобилияти фардии хонанда диққат додан. Раванди таълим дар асоси дониш, малака ва маҳорати базавии (асосии) хонанда ба роҳ монда шуда, бояд талаботи маърифатии ӯро қонеъ намояд. Ба эътибор гирифтани қобилияти хонандагон дар иҷрои фаъолиятҳои таълимӣ ва дар заминаи он такмил додани малакаву маҳорати онҳо. Ҳар як хонанда ба дарс бо дараҷаҳои гуногуни салоҳият меояд. Аз ин лиҳоз, омӯзгор бояд қобилияти муайян кардани сатҳи салоҳиятнокии хонандаро дошта бошад. Омӯзгор барои ташаккули натиҷаҳои таълими ҳар як хонанда аз лиҳози касбӣ ва ахлоқӣ низ масъул аст.

*Таълим ҳамеша самаранок мешавад, агар:*

- хонандагон дар заминаи дониш ва малакаи базавиашон таълим бигиранд;
- хонандагон мақсаду вазифаҳои таълимии гузошташударо дарк кунанд ва онҳоро иҷро карда тавонанд;
- раванди азхудкунии маводди таълим барои хонандагон шавқовар ва ҷолиб бошад;
- барои азхудкунии маводди нави таълим ё малакаи нав ба хонандагон имконияти мувофиқи машқ кардан дода шавад;
- ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда барои таълим масъуланд;
- омӯзгорон усули гуногуни таълимро бо мақсади мустаҳкам гардонидани донишу малакаи нав истифода баранд;
- ба хонандагон ҳангоми ҳалли масъалаҳои таълимӣ ва ташаккули малака имконияти ҳамкорӣ дода шавад;
- раванди таълим ба "чӣ тавр иҷро кардан" равона шавад, на ба "оид ба чӣ иҷро кардан";
- ҳама оид ба ҷиҳатҳои суст ва қавии донишу малакаашон ростқавл бошанд;
- нокомӣ дар ҷараёни таълим ҳамчун қисми таркибии он шинохта шавад.

– **Ба эътибор гирифтани гуногунзеҳнии хонандагон.** Баъзе хонандагон тавассути фаъолияти амалӣ кореро аз худ мекунанд ва баъзеи онҳо тавассути мушоҳида дониш мегиранд. Ба баъзеи хонандагон машғулияти серҳаракат, ба дигарон бошад, баръакс, оромӣ барои таълим гирифтан мусоидат мекунад. Омӯзгорон бояд ба ҳама баробар диққат диҳанд, ёрӣ расонанд ва мувофиқи шавқу завқашон супориш таҳия кунанд.

– **Ҷанбаи башардӯстӣ доштани раванди таълим.** Вазифаи омӯзгор танҳо аз додани дониш ва аз бар кунонидани салоҳиятҳо иборат нест. Ӯ барои фароҳам овардани фазои мусоиди таълим, барои ҳамкорию ҳамдигарфаҳмӣ низ масъул аст.

– **Инкишофи арзишҳо.** Стандарти мазкур дар баробари салоҳиятҳои таълимӣ инкишофи арзишҳоро ба роҳ мемонад. Ин арзишҳо на танҳо барои аз худ кардани салоҳиятҳои таълимӣ, балки барои тарбияи шаъну шарафи шаҳрвандӣ низ заруранд.

– **Алоқамандии таълим бо ҳаёт.** Стандартҳои нав ташаккули дониш, малакаву маҳоратҳои барои имрӯз ваояндаи Тоҷикистон заруриро таъмин карда, таълимро ҳамчун раванди омӯзиш дар тӯли ҳаёт таъкид мекунад. Низоми нави таълим низ ба мақсади мутобиқ сохтани натиҷаҳои таълим ба талаботи ҳаёт равона мешавад. Яъне, дар натиҷаи таълим хонанда дониш, малака ва маҳораташро дар амал барои ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ истифода мебарад.

– **Омӯзиш дар тӯли ҳаёт.** Раванди таълим ва инкишоф беохир аст. Шояд барои пурра аз худ кардани баъзе салоҳиятҳо як умр сарф карда шавад ва баъзеашон мумкин аст

тамоман аз худ карда нашаванд. Аз ин лиҳоз “Низоми таълими салоҳиятнокии хонандагон” раванди омӯзишро дар тӯли ҳаёт тақозо мекунад.

– **Ташаккули малакаи баланди фикрронӣ.** Ҳадафи ниҳоии раванди таълим ташаккули малакаи баланди фикрронӣ мебошад. Раванди таълим мувофиқи тартиби зерин сурат мегирад:

- *таҳияи ақида дар асоси унсурҳои санҷидашуда ва боваринок, арзёбӣ ва ҷавоб додан ба ақидаҳои дигарон;*
- *санҷидани ақидаҳо ё вазъиятҳо аз нигоҳҳои гуногун, аз ҷумла таҳлили назарҳои фарҳангҳои мухталиф;*
- *таҳқиқи омилҳо ва ақидаҳо ба мақсади дарёфти хулосаи мувофиқ;*
- *истифодаи усули мухталифи тахайюлотӣ барои ҳалли масъалаҳо, махсусан масъалаҳои ношинос ва мураккаб;*
- *таҳия ва пурсидани саволҳои мантиқӣ ва таҳлилӣ.*

– **Арзёбӣ ба мақсади таълим.** Мо бояд мунтазам натиҷаҳои таълимии хонандагонро арзёбӣ кунем, то тавонем усули таълимро тағйир дода, раванди онро самараноктар гардонем.

## 1.5. Мақсад ва вазифаҳои стандарти фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи чорум

Стандарти мазкур ба мақсади татбиқи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 таҳия шудааст.

Мақсад ва вазифаҳои стандарти фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи чорум:

- муайян ва муқаррар кардани маҷмӯи салоҳият (меъёри дониш, малака ва маҳорат)-и хонандагони синфи чорум аз фанни суруд ва мусиқӣ;
- ба низом даровардани мазмун, мундариҷа ва раванди банақшагирӣ, таълим ва арзёбии фанни суруд ва мусиқӣ дар синфи чорум;
- муқаррар кардани доираи мавзӯъҳои таълими фанни суруд ва мусиқӣ мувофиқи талаботи фан ва мувофиқат ба инкишофи синну соли хонандагони синфи чорум;
- мазмун, мундариҷа ва фаъолиятҳои таълим барои ташаккули салоҳиятнокӣ равона шуда, байни онҳо робитаи қавӣ барқарор гардонида шавад;
- бояд малакаҳои гуногуни фаннӣ ба таври мушаххас ва фарогир пешниҳод гарданд, нишондиҳандаҳои азхудкунии ҳар як салоҳият оварда мешаванд;
- бо вуҷуди фаро гирифтани самтҳои гуногуни таълими фанни суруд ва мусиқӣ, стандарти мазкур фаъолияти эҷодии омӯзгорро маҳдуд накарда, бояд ӯро барои дуруст ва самаранок ташкил кардани раванди таълим ҳидоят намояд;
- мазмуну мундариҷа ва миқдори салоҳиятҳо бояд мувофиқи сарбории фан, ки нақшаи таълим муқаррар кардааст, пешниҳод шаванд.

Фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи 4 мувофиқи нақшаи таълим дар таркиби маҷмӯи фанҳои «Санъат» ҷойгир шуда, ҳаҷми сарбории хонандагон дар давоми соли таҳсил 34 соатро ташкил медиҳад:

| *Синф* | *Миқдори ҳафтаҳои соли таҳсил* | *Миқдори соатҳои ҳафтаина* | *Миқдори соатҳо дар давоми соли таҳсил* |
|---|---|---|---|
| 4 | 34 | 1 | 34 |

Дар ҷараёни таълими фанни суруд ва мусиқӣ малакаҳои таълимии зерин ташаккул меёбанд:

– таҳлили асарҳои мусиқӣ бо мақсади дарк кардани ғояи мавзӯъ ва маънои асосӣ;

– ҷустуҷӯи ахбори мушаххас ва хулосабарорӣ;

–мусоҳиба ва муҳокимаи мавзӯъҳои мухталиф бо мақсади дарёфти хулосаи зарурӣ;

–шунидани асарҳои мусиқӣ, баҳодиҳии шахсӣ ва ба дигарон баҳо додан;

–изҳори қаноатмандӣ аз натиҷаҳои бадастоварда ва мақсади нави таълимӣ гузоштан;

–муаррифии натиҷаҳои таълимии бадастоварда ва амсоли он;

Ташаккули малакаҳои боло дар рушду нумӯи маърифатии хонанда таъсири калон расонда, ӯро барои ноил шудан ба натиҷаҳои нав ҳавасманд мегардонад.

## II. Салоҳиятҳои фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи чорум

Фасли мазкури стандарти фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи чорум хеле муҳим аст. Дар фасли мазкур салоҳиятҳои фанни суруд ва мусиқӣ мувофиқи самтҳои таълим оварда мешаванд. Салоҳиятҳои ҳамаи фанҳо дорои хусусиятҳои зеринанд:

– аз рӯйи принсипи аз сода ба мураккаб тартиб дода шудаанд. Омӯзгорон метавонанд салоҳиятҳои синфи пешина ва синфи баъдинаро мушоҳида карда, мутаносибан раванди таълимро аз оғоз то анҷом ба нақша гиранд. Ин муносибати печдори татбиқи барномаи таълим мебошад. Яъне салоҳиятҳое, ки дар як синф муаррифӣ шудаанд, дар синфҳои минбаъда такмил дода мешаванд. Дар сатҳи ҳар як синф талабот ба салоҳиятнокӣ мураккабтар мешавад.
– мувофиқи самтҳои асосӣ таълими фанҳо гурӯҳбандӣ шудаанд. Аз ин лиҳоз, тартиби пешниҳоди салоҳиятҳо (малака ва маҳоратҳо) ба тартиби маводди китобҳои дарсӣ мувофиқат мекунанд.
– хусусияти арзёбӣ дошта, мушоҳида мешаванд ва азхудкунии салоҳиятҳо тавассути нишондиҳандаҳо муайян мешаванд.
– дар таҳияи салоҳиятҳо усули печдор истифода шудааст, яъне омӯзгор барои хонандагон имконияти салоҳиятнок шуданро фароҳам оварда, дар сатҳи синфҳои минбаъда ба хонанда имконияти ташаккули бештар дода мешавад. Ҳамин тавр, хонанда дараҷаи баландтари салоҳиянокиро аз худ карда, ташаккул меёбад.

### 2.1. Самтҳо ва салоҳиятҳо аз фанни суруд ва мусиқӣ

**Сурудан ё иҷро кардан**
Бо истифода аз қоидаҳои сурудан дар ду овоз суруда тавонад.

**Шунидани мусиқӣ**
Образҳоро дар асарҳои мусиқӣ дарк ва тасаввур карда, онро ба таври эҷодӣ баён ва тасвир карда тавонад.

**Маърифати мусиқӣ**
Аломатҳои тағйирдеҳ ва динамакиро донад ва таркиби сурудҳои дуовозаро бо нотаҳо ҷудо карда тавонад.

**Эҷоди мусиқӣ**
Дар заминаи қонуниятҳои мусиқӣ, овозҳои лозимаро меёбад, месанҷад, бадоҳатан иҷро мекунад ва порчаи мусиқии худро эҷод мекунад.

### 2.2. Баҳодиҳии салоҳиятҳои сурудан, шунидан, маърифат ва эҷоди мусиқӣ

Дар фасли мазкур мо тартиб ва воситаҳои арзёбии салоҳиятҳои суруд ва мусиқӣ-ро пешниҳод мекунем.

**Сурудан ё иҷро кардан:**

– Бо истифода аз қоидаҳои овозхонӣ дар ду овоз суруда тавонад.

*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*

– сурудро вобаста ба жанрҳои гуногун иҷро карда, фарқи онҳоро номбар мекунад;
– доир ба ҳамсароӣ(хор) ва яккасаро маълумот дорад;

– машқҳои дуовозаро ба таври мелодикӣ иҷро мекунад;
– машқҳои дуовозаро иҷро карда, таркиби онҳоро ҷудо карда метавонад;
– сурудҳои дуовозаро вобаста ба партитура дуруст иҷро карда метавонад.

**Шунидани мусиқӣ:**

– Образҳоро дар асарҳои мусиқӣ дарк ва тасаввур карда, онро ба таври эҷодӣ баён ва тасвир карда тавонад.

*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*

– дар муқоисаи жанрҳои гуногуни мусиқӣ нақши созҳоро дар асари шунида баён мекунад;
– вобаста ба лаҳни мусиқӣ воситаҳои муассири оҳангро ҷудо карда метавонад;
– ба жанрҳои шунида ақида ва баҳои худро асоснок карда метавонад;
– ҳиссиёти худро доир ба гуногун будани хусусияти жанрҳои мусиқӣ шарҳ медиҳад;
– вобаста ба дарки асари шунида образҳоро ба таври эҷодӣ баён ва тасвир мекунад.

**Маърифати мусиқӣ:**

– Аломатҳои тағйирдеҳ ва динамикиро донад ва таркиби сурудҳои дуовозаро бо нотаҳо ҷудо карда тавонад.

*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*

– аломатҳои бемол, диез ва бекарро аз якдигар фарқ карда метавонад;
– тарзи навишт ва мавқеи онҳоро шарҳ медиҳад;
– таъсири онҳоро дар вақти иҷрои суруд сарфаҳм меравад;
– аломатҳои динамикӣ (f, ff, mf, p, mp, pp)-ро аз якдигар фарқ карда метавонад;
– тарзи навишт ва мавқеи онҳоро шарҳ медиҳад;
– таъсири онҳоро дар вақти иҷрои суруд сарфаҳм меравад;
– вобаста ба партитура порчаҳои дуовозаи сурудро муайян мекунад;

**Эҷоди мусиқӣ:**

– Дар заминаи қонуниятҳои мусиқӣ, овозҳои лозимаро меёбад, месанҷад, бадоҳатан иҷро мекунад ва порчаи мусиқии худро эҷод мекунад.

*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*

– як ё ду банди шеърро бадоҳатан месарояд;
– вобаста ба оҳанги сароидааш нотаҳо ва тамдиди онҳоро нишон медиҳад;
– оҳанги эҷодкардаашро муаррифӣ мекунад;

### 2.3. Салоҳиятҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ

Дар таълиму тарбияи зинаи таҳсилоти ибтидоӣ азбаски хонандагон қобилиятҳои гуногун доранд, мо бояд пешрафти хонандаро берун аз салоҳиятҳои фаннӣ низ эътироф кунем. Барои нишон додани кӯшишу ғайрати хонанда ҳам бо низоми 6 (10, 20, 100) – балла баҳогузорӣ карда мешавад.

**Барои қайди муносибати хонанда ба омӯзиш корти ҳисоботи хонанда истифода карда мешавад, ки қисмҳои зеринро дар бар мегирад.** Дар омӯзиши ҳар фан хислатҳои зерин нақши асосиро мебозанд.

| **Худро идора карда тавонистан** | м | о | б |
|---|---|---|---|
| Мустақилият нишон медиҳад | □ | | |
| Интизориҳои баланд дорад | | □ | |
| Барои таваккал кардан омода аст | □ | | |
| Тобовар аст | | □ | |
| **Муносибат бо дигарон** | | | |
| Аҳамият медиҳад | | □ | |
| Таҳаммулпазир аст | | □ | |
| Ҳамкорӣ мекунад | | □ | |
| **Иштирок ва саҳмгузорӣ** | | | |
| Эътимод нишон медиҳад | □ | | |
| Масъулиятро ба дӯш мегирад | | □ | |
| Фаъол аст | | □ | |
| Мақсаднок ба коре ҷалб мешавад | □ | | |
| **Андешаронӣ** | | | |
| Фикрронии дараҷаи баланд дорад | | □ | |
| Эҷодкорӣ | | □ | |

Мунтазам
одатан
баъзан

### 2.4. Нишондиҳандаҳои хислатҳо

Дар ҷадвали зер нишондиҳандаҳое оварда шудаанд, ки хонандагони болаёқатро тавсиф мекунад. Ин нишондиҳандаҳо то андозаи муайяне хусусияти инфиродӣ доранд. Ҳангоми арзёбӣ омӯзгор нишондиҳандаҳои зеринро ба эътибор мегирад.

| **Хислат** | **Нишондиҳанда (ё муайянкунанда)** – Хонанда |
|---|---|
| **Худро идора кардан** | |
| Мустақилият нишон додан | Бе ёрии дигарон кор мекунад ва агар ёрӣ лозим шавад, пеш аз кумак пурсидан барои ҳалли ҳама гуна мушкилӣ аввал худ кӯшиш ба харҷ медиҳад. |
| Интизориҳои баланд дорад. | Ҳангоми иҷрои супориш ҳадаф мегузорад, ки натиҷааш босифат бошад бо интизории он, ки меъёрҳои баҳодиҳиро аз худ мекунад ба аз он ҳам болотар ноил мешавад. Агар вазифа ё супориш аз тарафи омӯзгор арзёбӣ нашавад ҳам, хонанда дар пеши худ меъёрҳои баланд мегузорад, то кори ӯ ҳамчун як муваффақият арзёбӣ шавад. |
| Ба таваккал кардан (дар омӯзиш) омода аст. | Зарурати таҷриба кардани ашёро эътироф мекунад, ҳарчанд он қисман ба нокомӣ ё танқид мебарад. Аммо ин хавфҳои асосноке бошанд, ки ба бехатарии шахсӣ мушкилӣ эҷод накунанд. |
| Тобовар аст | Бо вуҷуди мушкилот, ноумед намешавад ва кӯшиш мекунад, ки вазифаҳоро ба анҷом расонад. |
| Бовиҷдон аст | Арзишҳои худро ҳамеша, новобаста аз вазъият ҳифз мекунад. Арзишҳо инҳоянд:<br>– дар амалҳояш ростқавл аст;<br>– меҳрубонӣ зоҳир мекунад;<br>– адолатро риоя мекунад;<br>– ҳақгӯ аст;<br>– дар рафтору амал масъулиятшинос аст;<br>– дар амалҳояш шаффофиро риоя мекунад (ба |

| | |
|---|---|
| | истисноӣ ҳолатҳои номутобиқ);<br>– дар сахтиҳо далерӣ нишон медиҳад;<br>– фарҳанги худ ва дигаронро эҳтиром мекунад. |
| **Муносибат бо дигарон** | |
| Аҳамият медиҳад | Вақте бо дигарон кор мекунад, ба ниёзҳои онҳо аҳамият медиҳад (масалан дигаронро гӯш мекунад, сухани онҳоро намебурад). |
| Таҳаммулпазир аст | Ақида ва фарҳанги шахсони гуногунро қабул мекунад (ин маънои онро надорад, ки мо аз ин сӯиистифода кунем). |
| Ҳамкорӣ мекунад | Ҳамкорӣ мекунад, ба дигарон барои саҳм гузоштан дар иҷрои супоришҳо имкон медиҳад. |
| **Иштирок ва саҳмгузорӣ** | |
| Эътимод нишон медиҳад | Ҳангоми пурсиш ақидаашро иброз медорад ва барои иҷрои супориш на ҳамеша аз дигарон мадад меҷӯяд. |
| Масъулиятро ба дӯш мегирад | Ҳангоми иҷрои фаъолиятҳо оқибатҳои онро ба зима мегирад. Агар аз ӯ хоҳиш кунанд, масъулиятро ба дӯш мегирад. |
| Фаъол аст | Ғайрифаъол нест, баръакс кӯшиш мекунад, саҳми худро гузорад. |
| Мақсаднок ба коре ҷалб мешавад | Пеш аз ҳар гуна фаъолият мақсаде мегузорад, ки ба ҳалли вазифаи додашуда марбут аст. |
| **Андешаронӣ** | |
| Фикрронии дараҷаи баланд | Барои анҷом додани вазифаҳо малакаҳои фикрронии баландро истифода мебарад. |
| Эҷодкорӣ | Фикрҳои тоза пешниҳод мекунад. |

## 2.5. Салоҳиятнокии омӯзгорон

Барои татбиқи стандарт ва барномаи фанни суруд ва мусиқӣ омӯзгори синфҳои ибтидоӣ бояд дониш, малака ва маҳорати зеринро дошта бошад:

– назария ва принсипҳои низоми таълими салоҳиятнокиро донад ва ҷанбаҳои татбиқи амалии онро дар раванди таълим шарҳ дода тавонад;
– тарзи банақшагирӣ ва арзёбии салоҳиятнокии хонандагонро донад ва ҳангоми раванди таълим истифода барад;
– усули таълимиеро, ки барои ташаккули салоҳиятнокии хонанда мусоидат мекунанд, донад ва усули мувофиқро интихоб карда тавонад;
– усул ва воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро барои муайян кардани сатҳи азхудкунии салоҳиятҳо истифода бурда тавонад;
– натиҷаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро ба мақсади қабули қарори мувофиқ истифода бурда тавонад;
– роҳу воситаҳои самараноки ба хонандагон барои салоҳиятнок шудан ёрӣ расониданро донад ва дар раванди таълим истифода барад;
– аз уҳдаи иҷрои ҳама гуна маводди таълими фанни суруд ва мусиқӣ барояд.

## III. Ташкили раванди таълими салоҳиятнокӣ аз фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи чорум

Аксар низоми таълими анъанавӣ ба азхудкунии мавзӯъ нигаронида шудаанд, яъне омӯзгорон хонандагонро ба аз худ кардани мавзӯъ ва аз ёд кардани маълумот водор мекунанд. Чунин муносибат ба таълим дар гузашта мутобиқ буд, аммо дар замони ҳозира, ки андозаи дониш босуръат зиёд мешавад, дар раванди таълим диққати асосӣ бояд ба ташаккули малакаҳои омӯзишии хонандагон равона шавад, то онҳо тавонанд дониши зарурӣ ва маълумоти мушаххасро интихоб кунанд ва истифода баранд. Дар стандартҳои фанни суруд ва мусиқӣ ба дарки мусиқӣ ҳамчун инъикоси ҳаёт, муассир, зебо ва хушоҳанг иҷро кардани суруд, бадоҳатан сурудан (навохтан), дар амал истифода кардани донишҳои андӯхта ва ҳалли масъалаҳои ҳаётан зарур, диққати махсус дода мешаванд.

Акнун барои омӯзгорон "хонандагон чиро меомӯзанд?" ва "чӣ тавр меомӯзанд?" аз "ба хонандагон чиҳоро меомӯзонанд?" муҳимтар аст. Барои баъзеҳо омӯзондан ва омӯхтан (аз худ кардан) як маъно дорад, аммо бояд дар хотир дошт, ки агар омӯзгор нодуруст дарс диҳад, ҳатто дар ҳолати дарси зиёд додан ҳам, азхудкунӣ наметавонад самарабахш бошад

Дар низоми таълим ва арзёбии салоҳиятнокӣ ба дониш, малака ва маҳоратҳои воқеии хонандагон диққати махсус дода мешавад. Салоҳиятҳо фаъолиятҳоеро, ки хонандагон дар натиҷаи омӯхтан аз худ мекунанд, нишон медиҳанд. Масалан, дар синфи чорум салоҳияти "Бо истифода аз қоидаҳои сурудан дар ду овоз суруда тавонад", натиҷаи омӯхтани хонанда аст. Муҳим он аст, ки хонанда дар амал порча аз сурудҳоро дар ду овоз дуруст месарояд, аммо ҳангоми иҷрои фаъолиятҳо қоидаҳои дар ду овоз дуруст суруданро меомӯзад. Агар ин амалро хонанда иҷро карда тавонад, ӯ метавонад дар мавзӯъҳои гуногун тарзи иҷрои сурудҳои дуовозаро анҷом диҳад. Масалан, дар мавзӯъҳои "Ватан", "Сулҳу дӯстӣ" ва ғайра иҷрои онро дуруст нишон диҳад. Ин маънои онро надорад, ки мавзӯъҳо муҳим нестанд. Мавзӯъҳо ҳамчун восита барои ноил шудан ба салоҳият хизмат мекунанд.

Барои муайян кардани он ки оё хонанда салоҳиятҳоро аз худ кардааст ё не, барои ҳар салоҳият нишондиҳандаҳои он оварда мешавад. Нишодиҳандаҳо маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳое мебошанд, ки аз ноил шудан ба салоҳиятҳо дарак медиҳанд. Онҳо ба шумо имкони мушоҳида ва арзёбӣ карданро фароҳам оварда, нишон медиҳанд, ки то кадом андоза хонанда салоҳиятро аз худ кардааст. Тартиб додани рӯйхати пурраи нишондиҳандаҳо барои баъзе салоҳиятҳо имконнопазир аст, шояд шумораи онҳо ба садҳо нишондиҳанда расад ва микдори онҳо вобаста ба нуқтаи оғози инкишофи салоҳиятнокӣ ва вобаста ба сатҳи синф фарқ мекунад.

Дар гузашта самтҳои гуногуни раванди таълим (таҳия ва татбиқи нақшаи тақвим) бештар назорат ва мушоҳида карда мешуд. Акнун натиҷаҳои таълимии хонандагон ва раванди омӯзиши онҳо бештар назорат карда мешавад. Аз байн бурдани навъҳои дигари назорат дар ҳолате амалӣ мешавад, ки агар:

1) муассисаи таълимӣ ва омӯзгорон самаранок ба низоми таълими салоҳиятнокии хонандагон гузаранд.
2) тартиби ҷамъоварии маълумоти дуруст, ки дараҷаи азхудкунии салоҳиятҳоро нишон медиҳад, ба роҳ монда шавад.

Ба омӯзгорон озодии бештар дода мешавад ва ҳамзамон масъулияти онҳо барои беҳтар шудани дастовардҳои таълимии хонандагон зиёд мешавад. Ин чунин маъно дорад, ки арзёбии салоҳиятҳо қисми асосии ислоҳот маҳсуб меёбад.

Акнун барои омӯзгор танҳо донистани мундариҷаи фан кифоя нест. Омӯзгорон бояд дар асоси таҷриба, омӯзиши методикаи таълим, азхудкунии назарияи таълим ва маълумот оид ба ҳар як хонандаи синф барои инкишоф додани салоҳиятҳои онҳо ва таъмини пешравӣ ҷараёни таълимро ба роҳ монанд.

### 3.1.Ба хусусиятҳои фардии хонанда диққат додан

Стандарту барномаҳои нави таълим ташаккули натиҷаҳои таълимии ҳамаи хонандагонро новобаста аз қобилият ва вазъи иҷтимоӣ дастгирӣ мекунанд. Стандарт ва барномаи мазкур ақидаеро оид ба гузоштани талаботи ягона ба ҳамаи хонандагон дастгирӣ намекунад. Он

ақидаеро дастгирӣ мекунад, ки дар он ҳар як хонанда дорои маҷмӯи таҷрибаи мушаххас, инчунин дараҷаҳои гуногуни салоҳият аст. Омӯзгорон барои ташаккули натиҷаҳои таълими ҳар як хонанда аз лиҳози касбӣ ва ахлоқӣ масъуланд.

Самаранокии таълим тавассути ташаккули натиҷаҳои таълимии тамоми аҳли синф муайян карда мешавад, на дастовардҳои таълимии якчанд хонанда. Барои амалӣ сохтани мақсади мазкур омӯзгорон бояд тарзи муайян кардани сатҳи дониши мавҷудаи хонанда ва сатҳи ниҳоии азхудкунии салоҳиятҳои ҳар як хонандаро истифода бурда тавонанд.

## 3.2. Принсипҳои таълими самаранок

*Таълим ҳамеша самаранок мешавад, агар:*

- хонандагон дар заминаи дониш ва малакаи андухтаашон инкишоф ёбанд;
- хонандагон мақсади вазифаҳои таълимии гузошташударо дарк кунанд;
- мақсади таълим барои хонандагон фаҳмо бошад;
- вазифаҳои таълим мувофиқи қобилияти хонандагон таҳия шаванд;
- раванди азхудкунии маводди таълим барои хонандагон шавқовар ва ҷолиб бошад;
- барои азхудкунии маводди нави таълим ё малакаи нав ба хонандагон имконияти мувофиқи машқ кардан дода шавад;
- омӯзгорон усули гуногуни таълимро ба мақсади таҳким ва мустаҳкам гардонидани донишу малакаи нав истифода баранд;
- ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда барои таълим масъулият дошта бошанд;
- омӯзгорон усули гуногунро ба мақсади такрор ва дар хотир нигоҳ доштани донишу малака истифода баранд;
- ба хонандагон ҳангоми ҳалли масъалаҳои таълимӣ ва ташаккули малака имконияти ҳамкорӣ кардан диҳанд;
- раванди таълим ба “чӣ тавр иҷро кардан” равона шавад, на ба “оид ба чӣ иҷро кардан”;
- ҳама оид ба ҳаҷми донишу малакаашон ростқавл бошанд;
- нокомӣ дар ҷараёни таълим ҳамчун қисми таркибии он шинохта шавад;
- омӯзгор раванди омӯзишро дарк кунад ва донад, ки таълим чӣ тавр бояд ба роҳ монда шавад ва онро доимо назорат кунад.

## 3.3. Ташаккули тафаккури сатҳи олӣ

Дар низоми анъанавии таълим диққати асосӣ ба бозгӯйии дониш равона шуда, ба дарку таҳлили он вақти кам ҷудо мешуд.

Низоми таълими салоҳиятнокӣ диққати асосиро ба ташаккули фикронии дараҷаи баланд равона мекунад.

Мо дараҷабандии қобилиятҳои маърифатиро дар диаграммаи зерин мушоҳида карда метавонем.




Ташаккули тафаккури сатҳи олӣ пурра ҷараёни фикркуниро фаро мегирад, аз ҷумлаи намунаҳои зерин:

- шаклгирии ақида дар асоси унсурҳои санҷидашуда ва боваринок, арзёбӣ ва ҷавоб додан ба ақидаҳои дигарон;
- санҷидани ақидаҳо ё вазъиятҳо аз нигоҳи гуногун, аз ҷумла таҳлили назари фарҳангҳои мухталиф;
- таҳқиқи омилҳо ва ақидаҳо ба мақсади дарёфти хулосаи мувофиқ;
- истифодаи усули мухталифи тахайюлотӣ барои ҳалли масъалаҳо, махсусан масъалаҳои ношинос ва мураккаб;
- таҳия ва пурсидани саволҳои мантиқӣ ва таҳлилӣ;
- муайян кардани мавзӯъҳо ё ҳодисаҳо ва алоқаманд кардани донишҳои фаннӣ.

*Оид ба тафаккури сатҳи олӣ якчанд нуктаро бояд дар хотир гирифт:*

1. Бо вуҷуди барои хонандагон муҳим будани малакаҳои тафаккури сатҳи олӣ арзёбӣ ва санҷиши ин малакаҳо хеле мушкил аст. Аз ин лиҳоз, системаи арзёбии мо бояд пурра тағйир ёбад.
2. Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки малакаи тафаккури сатҳи олӣ маънои дар хотир нигоҳ доштани маълумотро надорад. Мақсади асосӣ таҳқиқи амиқи маълумот аст.

### 3.4. Алоқамандии байнифаннӣ

Ҳудудҳое, ки байни фанҳои синфҳои ибтидоӣ эҷод шудаанд, қисман сунъиянд, аммо барои ташкили ҷараёни таълим заруранд. Дар асл шахс дар ҳолате ки агар якчанд фанро дар як замон омӯзад, таълими хубтар мегирад. Бо назардошти ин ва фоидае, ки аз истифодаи алоқамандии фанҳо ба даст меояд (асосан алоқамандии байнифаннӣ ном бурда мешавад), Вазорати маориф ва илм онро ҳамаҷониба дастгирӣ мекунад.

Намунаи алоқамандии байнифаннӣ дар синфҳои ибтидоӣ чунин аст: омӯзгор дар синф "Доир ба се қисмати асосии дарси суруд ва мусиқӣ" фаъолиятҳои мувофиқ ташкил карда, аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки онро амалан иҷро кунанд. Онҳо метавонан бо навбат нақши иҷрокунанда, шунаванда ва эҷодкорро иҷро кунанд. Аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки оид ба амали иҷрокардаашон маълумот диҳанд (ё иншои хурд бинависанд).

*Хонандагон дар самтҳои зерин салоҳият пайдо мекунанд:*

1) Ҳангоми сурудан кор бо матни суруд (забони тоҷикӣ ё адабиёт)
2) Ҳисоб кардани зарб ё мадиди нотаи суруд (математика)
3) Муҳокимаи асари шунида (забони тоҷикӣ – таҳлил кардан)
4) Муайян кардани мазмуни матн ё оҳанги шунида (муҳити атроф ё табиатшиносӣ)
5) Иҷрои ҳаракатҳои мавзун ҳангоми сурудан (тарбияи ҷисмонӣ)
6) Навиштани матни суруд ё асари шунида (забони тоҷикӣ – навиштан)
7) Баробар сурудан ва хомӯшона шунидани мусиқӣ (малакаи иҷтимоӣ)
8) Тасвири хаёлоти худ доир ба асари шунида (санъат ва меҳнат)

Дар асл ҳангоми таълими ҳама гуна мавзӯъ мо ҳамеша якчанд салоҳияти фанҳои мухталифро ташаккул медиҳем. Омӯзгори соҳибтаҷриба инро дарк карда, кӯшиш мекунад, ки мавзӯъҳоеро фаро гирад, то салоҳиятҳои якчанд фанро дар як вақт машқ ва ташаккул диҳад. Аммо чунин навъи таълим мавзӯъ ва усули мухталифи банақшагириро тақозо мекунад.

## 3.5. Стратегияҳои таълими фанни суруд ва мусиқӣ

### 3.5.1. Таълими малакаҳои сурудан

Таълим ва омӯзиши суруд ва мусиқӣ дар заминаи назарияҳои гуногуни таълим ба роҳ монда мешавад. Бо назардошти гузариш ба низоми таълими салоҳиятнокии хонанда стандарти мазкур ба салоҳиятҳои чор самти таълими фан такя мекунад, ки сурудан яке аз самтҳои асосӣ ба шумор меравад. Бояд қайд намуд, ки салоҳиятҳои ҳар яки ин самтҳо дар раванди азхудкунии фан дар ҳар соати дарсӣ дар қиёси якдигар баробар ташаккул дода мешаванд. Дар зер мо тартиби азхуднамоии сурудро, ки он дар марҳилаҳои гуногуни омӯзиши дарс истифода мешавад, дар алоҳидагӣ тавсия мекунем. Бояд хотирнишон намуд, ки мазмун, ҳаҷм ва пуртаъсирии он дар ҳар маврид тағйир меёбад ва он дар раванди дарсҳо дар якҷояги бо дигар қисматҳо омӯхта мешавад.

Фарогирии марҳилаҳои кор асосан гуногун буда метавонад ва аз рӯйи қобилияту маҳорати касбии омӯзгор ва сатҳи тайёрии хонандагони ӯ муайян карда мешавад. Ҷадвали зерин барои муайян кардани самти асосӣ дар интихоби методу усулҳои мушаххас ҳангоми азхуднамоии суруд кумак мерасонад ва омӯзгорон метавонанд шакли муносибро барои худ ва шогирдонашон истифода кунанд.

| Вазифаҳо | Талаботи пешниҳодшуда | Методҳо ва усулҳои кор |
|---|---|---|
| **I. Оғози азхудкунӣ** | | |
| - шиносоӣ бо муаллифон ва замони эҷоди суруд;<br><br>- тайёрӣ ба дарки мазмун ва мундаричаи суруд;<br><br>- ба вуҷуд овардани ҳолати муассирӣ, ки ба хусусияти образи мусиқӣ ҳамоҳанг аст. | - мухтасарӣ<br><br>- пурмазмунӣ<br><br>- муассирӣ | - шарҳу эзоҳ<br>- суҳбат<br>- мисол (аз ҷумла оид ба мусиқӣ)<br>- вазифаи проблемавӣ<br>- намоиш (расм, сурат, асарҳои санъати тасвирӣ, корҳои эҷодии кӯдакон, бозичаҳо ва ғ.) |
| **II. Шунидан-шиносоӣ** | | |
| - намоиш ва шарҳ додани суруд;<br><br>- мафтун кардан, ҷалб намудани кӯдакон бо суруд;<br><br>- дар кӯдакон бедор кардани шавқ, таассурот, муассирӣ ба суруд. | - пуртаъсирӣ<br><br>- дилбохтагӣ<br><br>- иҷрои озод<br><br>- мувофиқатии сифати овози сарояндагӣ, иборахо ба жанр ва услуби асар. | - иҷроиш аз тарафи омӯзгор<br>- иҷроиш аз тарафи хонандаи беҳтарин<br>- иҷроиш дар аудио ва ё видеосабтҳо<br>- муқоиса дар шарҳи асарҳои гуногун |
| **III. Муҳокима** | | |
| - ба таассуроти бадастомадаи хонандагон такя карда, муносибати онҳоро ба суруд муайян кардан;<br>- сатҳи фаҳмиши кӯдаконро оид ба хусусият, мазмун ва маънои образи мусиқӣ муайян кардан;<br>– таҳлили қисматҳои нисбатан муҳим дар матни асар ва воситаҳои муассир;<br>- ҳавасманд кардан барои фаъолгардонии тафаккури хонандагон;<br>- ташаккули қобилиятҳо, ҳамкории коллективонаи хонандагон бо омӯзгор ва баръакс. | - муассирӣ<br><br>- мухтасарӣ<br><br>- фаъолнокӣ<br><br>- фаврӣ<br><br>- эҳтиром нисбат ба тамоми ҷавобҳои хонандагон<br><br>- ташкил кардани муоширате, ки ташаббускорӣ ва мустақилиятро таъмин мекунад | - суҳбат<br><br>- шарҳу эзоҳ<br><br>- мисол<br><br>- таҳлили вазъият<br><br>- вазифаҳои проблемавӣ<br><br>- кори коллективӣ<br><br>- мубоҳиса<br><br>- методи саволҳои эвристикӣ. |
| **IV. Азхуднамоӣ** | | |
| - сарфаҳм рафтан ба маънои образи бадеии суруд;<br>- сарфаҳм рафтан ба раванди азхудкунии суруд ҳамчун эҷоди образи мусиқӣ ва пурмазмунии он;<br>- маънидор будан ва муассирии тамоми кори технологӣ доир ба | - муассирӣ<br><br>- мухтасарӣ<br><br>- банақшагириии ҳар як марҳилаи кор<br><br>- гузориши дақиқи | - методи муқоиса;<br>- методи фонетикӣ<br>- методи аёнию намоишӣ<br>- методи репродуктивӣ<br>- методи таҳлили вазъият |

| | | |
|---|---|---|
| азхуднамоии суруд;<br>- муоинаи ҳар як суруд ҳамчун як марҳилаи системаноки ташаккули маҳорат ва малакаҳои сурудан;<br>- азхуднамоии оҳанг ва матни суруд;<br>- кор бо оҳанг, бурро талаффуз кардани ҳар як фосила ва дарки он;<br>- ташаккули қобилиятҳо барои тоза сурудан вобаста ба жанр ва услуби асар;<br>- гуногунӣ ва иваз кардани вазифаҳо ҳангоми азхуднамоии суруд;<br>- мувофиқатии шакли корҳои фронталӣ, гурӯҳӣ ва фардӣ;<br>- дар раванди кор фаъолнокӣ, фароҳам овардани шароит барои муайян кардани шахсиятҳои эҷодӣ;<br>- таҳия кардани раванди азхудкунӣ, ки дар асоси натиҷаи баҳодиҳӣ ба фаъолияти сурудани кӯдакон ба роҳ монда шудааст;<br>- ташкил кардани робитаи мутақобила дар раванди фаъолияти сарояндагӣ;<br>- риоя кардани принсипи муваффақият дар таълим, фароҳам овардани фазои шавқовари амали якҷоя. | вазифаҳои таълимӣ ва баҳодиҳии ҳатмӣ ба сифати корӣ иҷрошуда<br>- коркарди алоҳидаи ҷойи мураккаби суруд<br>- истифодаи методҳои гуногуни кор<br>- муносибати бошууронаи кӯдакон ба кор. | - бозӣ<br>- методи азхуднамоӣ бо воситаи сомеа<br>- методи дирижёрии озод<br>- методи театрикунонӣ<br>- методи кор бо партитура<br>- методи солфеджиохонӣ<br>- сурудан дар асоси сабти нотавӣ<br>- сурудани суруд ё қисмати он бо тарзи вокализмҳо<br>- тоза сурудани овози аввали суруд<br>- қарсакзании зарби оҳанг аз рӯйи сомеа, аз рӯйи нота ва ё оҳанги суруди иҷрошудаистода<br>- талаффузи фаъолонаи матни суруд бо ним овоз (фалсет)<br>- артикулятсия (талаффузи дурусти овозбарорӣ)-и фаъол ҳангоми сурудани матн. |
| **V. Сурудан** | | |
| - азхуднамоии шакл ҳангоми иҷроиши пурраи асар;<br>- бартарии вазифаҳои иҷрокунандагӣ;<br>- ба даст овардани сифати зарурии овоздиҳии суруд;<br>- ҳавасманд кардани кӯдакон нисбат ба муносибати эҷодӣ ҳангоми фаъолияти сарояндагӣ;<br>- муҳокимаи фаъол нисбат ба натиҷаҳои фаъолияти сарояндагӣ. | - рӯҳбаландӣ<br>- ворид кардан ба мусиқинавозӣ<br>- муносибати эҷодии омӯзгор ва хонандагон<br>- эҳсоси офариниши мусиқии асил<br>- мубоҳисаи омӯзгор ва хонандагон бо муаллифони асар (шоир ва оҳангсоз)<br>- боварии комили ҳамсароён ва | - иҷроиши пурра<br>- муқоисаи сарояндагони гуногун<br>- муқоисаи сарояндагони коллектив ё яккасаро<br>- сабти иҷроиш ва муҳокимаи минбаъдаи он<br>- иҷроиш барои экспертони ҳамсароӣ ва муҳокимаи баъд аз он<br>- иҷроиш дар толори консертӣ. |

| | | |
|---|---|---|
| | дирижёр. | |
| **VI. Иҷроиш – консерт** | | |
| - ташкили шароит барои таҷассуми хубтари образи мусиқӣ;<br><br>- ҳавасмандгардонӣ барои ташаккули қобилияти эҷодкорӣ;<br><br>- ташкили ҳолати зарури муассирӣ;<br><br>- ташкили ҳамкории хор ва дирижёр дар раванди иҷроиш. | - рӯҳбаландӣ<br>- омодагӣ<br>- таваҷҷуҳ<br>- маҳорати нишон додани муассирӣ дар раванди иҷроиш<br>- навозиши фаъолона, эҷодкорона<br>- эҷодкорӣ дар ҳамкории омӯзгор бо хонанда. | - методи ташкили ҳолати муассирӣ<br><br>- методи театрикунонӣ<br><br>- усулҳои ҳамкории хор ва дирижёр. |

### 3.5.2. Таълими малакаҳои шунидани мусиқӣ

Яке аз мақсадҳои муҳимми самти шунидани мусиқӣ ташаккули дарки мусиқӣ, тарбияи маданияти мусиқишунавӣ, ки барои шунидани асарҳо дар жанрҳои гуногуни мусиқӣ аз оғози омӯзиши фан сарчашма мегирад, ба ҳисоб меравад.

Аз мақсадҳои таълими суруд ва мусиқӣ се вазифаи муҳим дар самти шунидани мусиқӣ ба вуҷуд меояд, ки омӯзгор бояд ба он диққати ҷиддӣ диҳад:

1. Дар асоси шунидани мусиқӣ *ташаккули дарки асарҳо ва ё муассирии он.* Барои хонандагон дарки асарҳо, ки ғояи баланд доранд, маҳз дар шунидани мусиқӣ ташаккул дода мешаванд. Инчунин, ҳис кардани образҳои мусиқӣ, баёни ҳамдардӣ ва меҳрубонӣ, ба вуҷуд овардани хоҳиши шунидан ва бедор кардани завқи хонандагон тавассути шунидани асарҳои гуногуни мусиқӣ ташаккул дода мешаванд. Барои дарки мусиқӣ дар раванди он воситаҳои муқоиса бо муҳити атроф низ имконияти бештар фароҳам меорад.
2. *Ташаккули муносибати огоҳона ҳангоми интихоб ва шунидани мусиқӣ.* Барои хонандагон муҳим аст, ки аз синни хурдӣ таҷрибаи огоҳона барои интихоб ва шунидани мусиқӣ дошта бошанд. Доир ба таҷрибаи огоҳона интихоб ва шунидани мусиқӣ малакаҳои истифодаи донишҳои мусиқӣ, на танҳо ҳис кардан, балки дарки мусиқӣ, хусусияти образҳои мусиқӣ, мантиқи ташаккули он, баёни ақидаи асосии эҷоди асар ва мазмуни он ба шумор меравад.
3. *Ташаккули муносибат/фаъолияти амалӣ ба мусиқӣ*, на танҳо дар раванди он, инчунин дар раванди иҷроиши унсурҳои хурди асарҳои мусиқӣ ва ё осори классикӣ.

Самарабахшии ташаккули дарки мусиқӣ дар самти шунидани мусиқӣ то андозае аз рӯйи истифодаи роҳу воситаҳои гуногун аз ҷониби омӯзгорон муайян карда мешавад. Якчанд методи самти шунидани мусиқиро, ки барои ташаккули дарки санъати мусиқӣ равона шудааст, дар зер барои намуна пешниҳод мекунем.

**Методҳои шифоҳӣ** (нақл, тафсир, суҳбат, баҳс) дар самти шунидани мусиқӣ мавқеи хос дорад. Инчунин, баёни омӯзгор дар ин самти таълим нақши муҳим мебозад. Агар сухани омӯзгор дар мавқеи худ истифода шуда, ҷанбаҳои баланди ҳиссиётро нишон дода тавонад, пас барои хонандагон фаъолияти амалӣ ва арзиши баланди шунидани санъати мусиқиро тарғибу ташвиқ мекунад.

*Ҳангоми ташкили раванди шунидани асари мусиқӣ шартан марҳилаҳои зеринро ҷудо мекунанд:*

– сухани муқаддимавии омӯзгор;

– шунидани асари мусиқӣ;

– суҳбат оид ба асари шунида;

– таҳлили асар;

– шунидани такрорӣ.

Дар аксар ҳолатҳо омӯзгор пеш аз он ки бо асари нав шинос шавад, доир ба оҳангсоз, воқеа ё лаҳзаи аҷиби рӯзгори ӯ ва ё шароите, ки ягон асари нави ӯ ба вуҷуд омадааст, каме маълумот медиҳад (матни хурд бошад ва он аз як–ду дақиқа зиёд вақтро бояд нагирад!)

**Усули “Нақл доир ба мусиқӣ”**

Махсусияти ин усул дар он аст, ки пеш аз шунидани мусиқӣ саволҳои махсус омода шуда, хонандагон бо он шинос карда мешаванд. *Як намунаи он чунин буда метавонад:*

“Ман ... (*номи асар ва оҳангсоз*)-ро шунидам”.

Ин асар ба ман ҳиссиёти ... бахшид.

Он дар ... (*номи соз/созҳои мусиқӣ ва иҷрокунанда*) навохта/иҷро карда шуд.

Мусиқӣ ... (чӣ гуна?) овоз дод.

Ба назари ман оҳангсоз дар бораи... (*чӣ/чиҳо ва ё кӣ/киҳо*) маълумот додан мехоҳад.

Вобаста ба мақсад ва самти ташаккули салоҳиятҳо саволҳои намунавӣ метавонад пурра шавад, илова карда шавад ва тағйир ёбад. Ин усул барои ташаккули малакаҳои таҳлили асари мусиқӣ, баёни фикри шахсии хонанда, ташаккули ҷавоби мантиқӣ ва нутқи шифоҳию хаттии хонанда имконият медиҳад.

**Усули “Мусиқиро тасвир мекунем”**

Махсусияти ин усул дар он аст, ки хонандагон тасвири асари шунидаашро иҷро мекунад ва шарт нест, ки он образи аслӣ бошад. Яъне, бо воситаи ранг ва хатҳои муайян образи абстрактии асарро ба таври хос инъикос мекунад ва шарт нест, ки хонанда маҳорати расмкашӣ дошта бошад. Ӯ метавонад тавассути рангҳои гуногун ва ё хатҳои муайяни ранга образи тахайюлотии худро тасвир карда, ба дигарон муаррифӣ намояд. Муаррифӣ низ дар асоси хоҳиши хонандагон ба роҳ монда мешавад.

Чунин амал ба хонандагон имкони тасвири тахайюлоти худро, ки ҳангоми шунидан ва эҳсоси мусиқӣ пайдо мешавад фароҳам меорад. Дар ин асно мусиқӣ барои бунёди симои нав дар тафаккур ва тахайюлоти бойи хонанда замина мегузорад. Инчунин, алоқамандӣ бо фаъолияти тасвирии хонандагонро таъмин мекунад.

**Усули «Мулоҳизаи авалини ман оид ба мусиқии шунидан»**

Усули мазкур имкон медиҳад, ки муайян карда шавад: то кадом андоза асари шунида ба хонандагон таъсири худро мерасонад, кадом ҳиссиётҳо (таассурот, дарки мусиқӣ) дар ӯ бедор мешаванд, то кадом андоза образи оҳангсоз эҷодкардаро дарк мекунад. Яъне сатҳи дарк кардани санъати мусиқӣ дар хонанда муайян карда мешавад.

Тартиби он чунин аст: ба хонандагон як асари мусиқӣ бе ном, шарҳ ва номи муаллифи он шунавонда мешавад. Танҳо чунин супориш пешниҳод мешавад: оҳангсоз бо овози мусиқӣ кадом ҳиссиётҳоро баён кардан меҳоҳад? Ба мо дар бораи чӣ нақл кардан мехоҳад? Муносибати худро оид ба асари шунида баён кунед (асар ва ё порча аз он 2-3 маротиба овоз медиҳад. Талабот ба асари интихобшуда гузошта мешавад, ки бояд барои фаҳмиш дастрас бошад, ҳаяҷонбахш пурмазмун  дар хотир нигоҳ дошта шавад).

### 3.5.3. Таълими малакаҳои маърифати мусиқӣ

Маърифати мусиқӣ аз рӯйи сатҳи фаҳмиши хонандагон ҳамчун як шакли санъат, ки бо ҳаёт алоқамандии ногусастанӣ дорад, ташаккул дода мешавад. Ҳар як самти таълими фан, аз қабили сурудан, шунидан ва эҷоди мусиқӣ ба маърифати мусиқӣ пайванд буда, дар асоси ин фаъолиятҳо маърифати мусиқиро ҳамчун пояи илми мусиқӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ташаккул медиҳад. Маърифати мусиқӣ бо мисолҳо аз сурудан, шунидан ва эҷоди мусиқӣ қавӣ гардонида шуда, ба омӯзгор таъкид мешавад, ки назария натиҷаи мусиқии овоздода аст, на баръакс. Яъне, дар асоси иҷроиш ва ё шунидани асар назарияи мусиқӣ бештар азхуд карда мешавад ва инро пайваста бояд дар хотир нигоҳ дошт.

Маърифати мусиқиро дар тамоми лаҳзаи дарс истифода бурдан мумкин аст. Маъмулан бо ду тарз гузаронида мешавад:

1) маълумоти назариявӣ оид ба маърифати мусиқӣ
2) омӯзиши амалии маводди назариявӣ.

Доир ба мустаҳкам кардани донишҳои мусиқавии хонандагон амалҳои мусиқавии хонандагонро дар шаклҳои гуногуни фаъолият гузаронидан мумкин аст:

а) солфеджиохонӣ,
б) таҳлил тавассути шунидан,
в) диктанти мусиқавӣ,
г) машқҳои зарбӣ (ритмикӣ),
д) бозиҳои мусиқавию дидактикӣ,
е) бадоҳатан иҷро кардан (импровизатсия),
ж) навохтан дар созҳои мусиқӣ,
з) ҳаракатҳои мусиқию зарбӣ.

Омӯзгор вобаста ба салоҳдиди худ дилхоҳ фаъолияти амалиро интихоб карда, дар ҳар дарс ба хонандагон пешниҳод мекунад. Дар зер якчанд намунаи онро пешниҳод мекунем.

***Бозии дидактикии "Акси овоз (эхо)-и зарбӣ"***

Ин бозӣ дарки дурусти шунавоӣ, зудии таассурот, хотираро инкишоф медиҳад.

*Тарзи иҷро*: омӯзгор якчанд зарби мусиқиро қарсак мезанад, хонандагон онро бояд дуруст такрор кунанд. Агар онро хонандагон дуруст иҷро накарданд, омӯзгор аз нав такрор мекунад. Дар аввал аз ҷониби омӯзгор иҷроиши одии зарби мусиқӣ дар як ё ду тақтеъ сурат гирифта, сипас душвор мешавад.

Зарб дар асоси машқҳои хурд гузаронида шуда, тавассути қарсак, кафкӯбӣ ва пойкӯбӣ гузаронидан мумкин аст. Қисматҳои алоҳида якчанд маротиба иҷро кардашуда, ҳамчун акси овоз хонандагон онро такрор мекунанд, сипас як ҷумлаи мусиқӣ ба пурраги иҷро карда мешавад. Онро бо роҳу тарзи гуногун истифода бурдан мумкин аст. Мазмуни бозиро тавассути аломатҳои динамикӣ, андозаҳои дучоряк ва сечоряк, давомнокии нотаҳои гуногун (мисол як гурӯҳи хонандагон нотаҳои нисфӣ ва гурӯҳи дигар ҳаштякиро иҷро мекунанд) ва шаклҳои эҷодии иҷрои зарбҳоро гузаронидан мумкин аст.

Мисол:

А) аз зарби одӣ оғоз мекунем:




Б) каме зарбҳоро душвортар мекунем:




В) аз андозаҳои сода ва ҷумлаҳои мусиқӣ истифода мебарем:




## IV. Арзёбӣ

Арзёбии салоҳиятҳо аз фанни суруд ва мусиқӣ дар ҳар дарс (арзёбии ташаккулдиҳанда), ҷамъбастӣ, нимсолаю солонаи фаъолияти хонандагон ва ба натиҷаи он гузошта мешавад.

Раванди инкишофи тадриҷии фардии хонанда дар асоси муқоисаи муваффақияти ҳозира бо комёбии гузаштаи ӯ муайян карда мешавад, яъне аз нуқтаи оғози ба даст овардан то нишон додани салоҳият. Муқоисаи байниҳамдигарии хонандагон пазируфта намешавад. Ба онҳо барои иҷрои фаъолияти якҷоя низ баҳогузорӣ карда мешавад.

Дар синфҳои 2-4-ум натиҷаи фаъолияти таълимии хонандагон вобаста ба ташаккули салоҳиятҳо то 5-холӣ баҳогузорӣ карда мешавад, аммо новабаста аз гузариш ба шакли дигари баҳогузорӣ (5 – бала, 10, 20 ё 100 – бала) принсипи баҳогузорӣ, ки сатҳи ниҳоии ташаккули салоҳиятҳо ҳар як хонандаро дар бар мегирад, боқӣ мемонад.

Пешниҳод мекунем, ки дар машғулиятҳои суруд ва мусиқӣ ба натиҷаи дастовардҳои хонандагон баҳои «2» (ғайриқаноатбахш) гузошта нашавад. Чунки талабаи солиме, ки ба муассисаҳои таълимӣ қабул кардаанд, имкон надорад, ки ақаллан амалҳои одитарини суруду мусиқиро иҷро карда натавонад.

### 5.1.Санҷиши хонандагон дар ҳар дарс.

Дар ҳар дарс санҷиши хонандагон бо мақсади муайян кардани дастовардҳои мушаххас гузаронида мешавад. Чунин намуди санҷиш ҷиҳатҳои тарбиявӣ ва ҳавасмандии хонандагонро ба эътибор гирифта, барои ташаккули дурусти худбаҳодиҳии хонанда ва барои ба назар гирифтани хусусиятҳои шахсӣ шароит фароҳам меорад.

Ҳангоми **санҷиши дастовардҳои хонандагон дар ҳар дарс** омӯзгор ба сифати нишондодҳои асосии зерини таълим такя мекунад:

- сифатнок аз худ кардан, дарки мавод ва дараҷаи ташаккули салоҳиятҳои пешбинишуда;
- дараҷаи ҷалби хонанда ба фаъолияти бадеию маърифатӣ;
- ҳавасмандӣ барои иҷрои супоришҳои дараҷаи душвориаш гуногун;

– пайдо кардани малака ва маҳоратҳои алоҳидаи умумитаълимӣ дар фаъолиятҳои амалӣ;
– ба даст овардани нишондиҳандаҳои алоҳида доир ба ташаккули салоҳиятҳо дар давоми сол.

Баҳо ҳангоми санҷиши хонандагон дар ҳар дарс барои фаъолиятҳои алоҳида ва ё ба тамоми кори дар синф иҷрошуда гузошта мешавад.

Ҳангоми санҷиши хонандагон дар ҳар дарс чунин шакл ва воситаҳо истифода мешаванд:

**Дарки (шунидани) мусиқӣ:**

1. *Пурсиши шифоҳӣ(ҷавоб ба саволҳои пешниҳодшуда, таҳлили одии асарҳои шунида, тавсифи умумии эҷодиёти оҳангсоз, тасвири шифоҳии образҳои мусиқӣ ва ғайра);*
2. *Масъалаҳои хаттӣ (викторинаи мусиқии иборат аз 5-6 асар, супоришҳои тестӣ, иҷрои масъалаҳое, ки хусусияти эҷодӣ доранд, тасвири хатии образҳои мусиқӣ ва ғайра).*

**Фаъолияти амалӣ (сарояндагӣ, иҷрокунандагӣ) ва эҷодӣ:**

1. *Иҷрои овозию ҳамсароӣ (иҷрои намуди фардӣ, гурӯҳӣ, инчунин ҳамсароӣ низ тавсия мешавад);*
2. *Навозиш дар созҳо (намуди навозишҳои фардӣ ва якҷоя (гурӯҳӣ, даста);*
3. *Иҷрои супоришҳои эҷодӣ (тартиб додан ва навозиши зарбҳои одӣ, навозиши зарбҳо аз порчаҳои асарҳои омӯхташаванда, супоришҳо аз китобҳои дарсӣ).*

Дар фаъолияти амалӣ ба сатҳи ташаккули салоҳиятҳо (дониш, малака, маҳорат ва қобилиятҳо)-и мусиқии ҳар хонанда баҳо гузошта мешавад.

### 5.2. Санҷиши хонандагон дар нимсола

Бо мақсади арзёбии салоҳиятҳои бадастоварда дар муддати ним соли таълимӣ санҷиши хонандагон гузаронида мешавад.

Азбаски барои таълими фанни суруд ва мусиқӣ мувофиқи нақшаи таълим дар ҳафта як соат ҷудо шудааст, баҳои ҷамъбастиро на дар ҳар як ҷамъбасти рейтинг, балки дар нимсола гузоштан бамаврид аст. Чунин намуди санҷишро чи дар шакли шифоҳӣ ва чи хаттӣ гузаронидан мумкин аст. Санҷиш бояд самти салоҳиятҳо (ҳамаи намуди фаъолиятҳо)-ро фаро гирад, ки стандарти фан дар ҳар синф пешбинӣ кардааст.

Дар ин ҳол метавон шаклҳои дарси ғайрианъанави (дарс-консерт, дарс-мусобиқа ва ғайра)-ро низ истифода бурд. Чи дар намуди дарсҳои анъанавӣ ва чи дар ғайрианъанавӣ бояд натиҷаҳои фаъолияти таълимии ҳар як хонанда арзёбӣ карда шавад, ки дар он метавон намудҳо, методҳо ва воситаҳои гуногуни санҷиш (викторинаҳои мусиқӣ, супоришҳои тестӣ ва ғайра)-ро истифода намуд.

Арзёбӣ дар нимсола бо назардошти натиҷаҳои дар дарсҳо ба даст овардашуда ба амал меояд. Дар он бартарии баҳои хонандаро ба эътибор гирифта, омӯзгор бо назардошти дастовардҳои таълимии ӯ дар ҳамаи намудҳои фаъолият салоҳиятҳоро ташаккул медиҳад ва аз натиҷаи он баҳо гузошта метавонад.

### 5.3. Санҷиши солона

Барои муайян кардани дараҷаи бадастовардаи салоҳияти хонанда дар давоми сол санҷиш гузаронида мешавад. Баҳои солона дар асоси баҳои дар ду нимсола гирифташуда, бо назардошти дастовардҳои фардии хонанда ва аз рӯйи ҳадди ниҳоии холи гирифтааш гузошта мешавад.

Вобаста ба хусусиятҳои хоси машғулиятҳои мусиқӣ, ки се тарзи асосии кор (шунидан, сурудан, маърифат (савод)-и мусиқӣ)-ро дар бар мегирад, намудҳои назорат ҳам аз рӯйи ҳамин се самт ба роҳ монда мешавад.

***Сурудан:*** корҳои амалӣ; дарсҳои ҷамъбастӣ – консертҳо дар охири ҳар як нимсола ва охири сол бо номераҳои аз рӯйи таркиб гуногуни сурудҳо: хорӣ, ансамбл, яккасарой.

***Шунидан:*** донистан ва дар хотир доштани мусиқии омӯхташуда, баёни ҳиссиёти шахсӣ дар асарҳои шунида ва муайян кардани жанрҳои алоҳидаи мусиқӣ. Натиҷаи нисбатан самарабахши шакли назорат ташкили викторинаҳои мусиқии фарогири лаҳзаҳои асарҳои мусиқӣ ба шумор меравад.

***Маърифат (савод)-и мусиқӣ:*** масъалаҳои тестӣ. Ба масъалаҳои тестӣ маълумоти зарууртарин (мафҳум дар бораи намудҳои мусиқӣ, муаллифони осори мусиқии машҳур, донистани номи созҳои мусиқӣ, шарҳи ҳоли оҳангсозон, мазмун ва сохтори асарҳо) ворид карда мешаванд.

***Талабот ба гузарондани санҷиш:***

- саволҳои пурсишнома дар доираи муайян кардани рушди салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳо бошанд;
- супоришҳо танҳо маводди омӯхтаи фанро фаро гиранд;
- тарзи ифодаи саволҳо ба хонандаҳо фаҳмо ва дастрас бошанд;
- пурсишнома мунтазам гузаронида шавад, то ки талабагон ба талаботи он одат кунанд.

***Талабот ба гузаронидани назорати масъалаҳои тестӣ:***

- масъалаҳои таълимӣ бояд ба сатҳи стандарти давлатии таҳсилот мутобиқат кунанд.
- санҷишҳои тестӣ аз фанни суруд ва мусиқӣ алоҳида гузаронида мешаванд.
- санҷиши иҷрои талаботи стандарт бояд дар арафаи анҷомёбии давраҳои раванди таҳсил, инчунин дар охири зинаи ибтидоии таълим дар синфи 4-ум ба амал бароварда мешавад.

## 5.4. Намунаҳои арзёбӣ

### 5.4.1. Намунаҳои арзёбӣ оид ба сурудан

***Баҳодиҳӣ ба фаъолияти коллективии хонандагон***

Азбаски бештари фаъолияти хонандагон дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ ба фаъолияти сарояндагӣ равона карда шудааст, баҳодиҳии якҷояи хонандагон ҳангоми ҳамсарой пазируфта мешавад. Он дар шакли гуногун гузаронида мешавад: дар гурӯҳҳои хурд, дар саф ё қатори муайян, дар ҳамсарой. Дар ин маврид бештар ба донистани матн ва дуруст иҷро кардани суруд аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад. Масалан, аз як гурӯҳ ё қатор хоҳиш кунед, ки сурудро иҷро намояд, боқимонда хонандагон ҳамчун экспертон ба сароидани гурӯҳ ё қатор баҳо медиҳанд. Бояд дар хотир дошта бошед, ки ҳангоми баҳодиҳӣ танҳо ба иҷрои як супориш баҳо дода мешавад, на барои иҷроиши пурраи супоришҳо. Дар ин маврид як ё ду унсури одитарини меъёрҳоро баҳо медиҳем, масалан:

- иҷроиши дурусти қоидаҳои сурудан;
- тоза талаффуз кардани ҳиҷо, калима ва ибораҳои суруд;
- донистани матни суруд;
- баён кардан/нишон додани ҳиссиётҳо ҳангоми сурудан ва ғайра.

***Дар назди тахтаи синф***

Як шакли анъанавии методи пурсиш аст: хонанда месарояд, омӯзгор суруданро гӯш карда, баҳо мегузорад. Чунин шакли баҳогузорӣ дар ҳамон маврид самаранок мешавад, ки агар сурудани хонанда барои мулоҳизаронии аҳли синф замина гардад. Мисол, дар назди

тахтаи синф хонандае меистад, ки хеле хуб месарояд. Сароидани хонанда барои дигарон ҳамчун намуна хизмат мекунад.

Омӯзгорон боз як шакли дигари чунин усулро истифода мебаранд. Дар назди лавҳаи синф хонандаи беҳтарин сурудро иҷро мекунад, омӯзгор пешниҳод мекунад, ки барои беҳбудӣ ва бартараф кардани камбудиҳояш хонандагон тавсияҳо диҳанд. Чунин фаъолият барои ба якдигар баҳо додани хонандагон имконияти бештар фароҳам меорад.

***Дастгирии мусбии педагогӣ***

Дар дарсҳо истифодаи дастгирии мусбии педагогӣ барои ташаккули салоҳиятҳои хонандагон яке аз вазифаҳои муҳимми фанни мазкур ба шумор меравад. Онро дар адабиёти педагогӣ ҳамчун «баҳогузорӣ бе хол» низ меноманд. Азбаски дар дарсҳо якчанд фаъолияти мусиқӣ ба роҳ монда мешавад, ҷиҳатҳои мусбии фаъолияти хонандагонро дар дарс низ қайд кардан ба маврид аст. Масалан, Беҳрӯз, Аниса ва Аҳрор имрӯз хеле хуб сароиданд. Шодмон, Равшан ва Гулшан жанрҳоро хуб муайян карданд. Хушбахт, Фирдавс ва Меҳрӣ миқдори овозҳоро дуруст муайян карданд ва ғайра. Ин амал барои худбаҳодиҳии хонандагон замина гузошта, барои хонандагони дигар омили муҳимми кӯшиши таълимгирӣ ё таҳсубкунӣ мешавад.

Як қонунияти муҳимро дар ин маврид бояд риоя кард – тавсияҳо бояд аз ҷиҳати мусбӣ оғоз шаванд, мисол: «Ба ман тарзи иҷроиши Меҳрӣ хеле писанд омад», «Маро Фирдавс бо суродани дурусти ҳиҷо ва ҷумлаҳои матни суруд хурсанд намуд. Ӯ хеле оромона ва форам сароид». Сипас, ба тавсияҳо гузаштан лозим аст, мисол: «Фирдавс хеле оромона ва форам сароид, аммо хуб мешуд сурудро каме боҷуръат ва тантананок месароид. Зеро суруд дар андозаи 4/4 навишта шудааст». «Ба ман тарзи иҷрои Меҳрӣ писанд омад, аммо каме матни сурудро фаромӯш кард» ва монанди ин. Тавсияҳо бояд характери хайрхоҳӣ дошта бошанд, мисол: «Ман мехостам… », «Хуб мешуд, агар… », «Баъд аз ман чунин такрор намо… » ва ғайра.

### 5.4.2. Намунаҳои арзёбӣ оид ба шунидани мусиқӣ

***Пурсиши шифоҳӣ***

Аксари ҳолатҳо дар дарсҳо мо то андозае шакли пурсиширо доир ба асари шунида ба пуррагӣ мушоҳида карда наметавонем. Аз ин рӯ, дар ин самти таълими фан, ки қисмати таркибии дарс ба шумор меравад, омӯзгор аз якчанд шаклҳои пурсиши шифоҳӣ самаранок бояд истифода барад. Масалан, «Блитс-пурсиш», «Пурсиш бо рақам», «Пурсиш аз рӯйи варақаи назоратӣ» ва ғайра. Дар ин шакл аз саволҳои хусусияти гуногундошта истифода кардан мумкин аст, ки он ба таҷрибаи омӯзгор, мақсад ва вазифаи таълимии гузошта вобастагӣ дорад. Барои мисол, «Ман/мо кадом асарро айни ҳол навохтам (иҷро кардам, шунавондам)?», «Ҳангоми шунидани ин асар кадом фикрҳои муҳим шуморо ба ёд омад?», «Як лаҳза чашмонатонро пӯшед ва тасаввуроти худро бо расм ифода кунед», «Ҳангоми шунидан ин асар варақаҳоро бардоред, ки ба хусусияти оҳанг мувофиқ бошад- зард- хурсандибахш, сиёҳ- ғамангез» ва ғайра.

***Фаъолияти «Аз ҳама бодиққат»***

Омӯзгор мусиқии шиносро иҷро мекунад (менавозад). Дар як қисми асар оҳангро каме тағйир медиҳад ва ё пайдарҳамии сеовоза (аккорд)-ро тағйир медиҳад. Хонандагон бояд қисми тағйирёфтаро муайян кунанд. Ин амал сатҳи фаҳмиши шунавоии хонандагонро доир ба лаҳни мусиқӣ ва ҳамоҳангӣ (гармония) ташаккул медиҳад.

Гунаи дигар. Хонандагон ҳангоми шиносоӣ бо оҳанги нав онро ду-се маротиба бо тарзи дуруст ва баҳсталаб мешунаванд. Баъд муайян мекунанд, ки кадоме аз он дуруст ва кадоме ғалат аст. Боз чандин гунаҳои дигарро низ истифода бурдан мумкин аст.

### 5.4.3. Намунаҳои арзёбӣ оид ба маърифати мусиқӣ

Дар синфи чорум хонандагон доир ба маърифати мусиқӣ маълумоти бештар доранд. Дар ин маврид шаклҳои гуногуни санҷиш ва ё арзёбии дастовардҳои хонандагонро доир ба самти маърифати мусиқӣ муайян кардан мумкин аст. Барои мисол, омӯзгор аз қаторовоз якчанд нотаҳоро менавозад ва аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки номи онро ёфта дар дафтар бинависанд. Ва ё ҳангоми иҷрои як-ду нотаи суруд (порчаи суруд) тамдиди нотаҳоро бинависанд. Инчунин ҳангоми шунидани асар ва ё баъд аз сурудан – лаҳн (мажор ё минор), андоза (2/4 ва ё 3/4) ва монанди онро бинависанд.

Инчунин, масъалаҳои тестӣ низ дар шакли сода ба хонандагон пешниҳод карда мешаванд, масалан:

*Намунаи 1.* Кадоме аз созҳои мусиқии зерин ба гурӯҳи созҳои зарбӣ мансубанд?

а) дойра
б) ғижак
в) най
г) чанг

*Намунаи 2.* Дар рӯйи хати якуми нотагоҳ кадом нота ҷойгир аст?

а) до
б) фа
в) ре
г) ми

***Дастоварди хонанда (портфолиои хонанда)***

Ба кори худ баҳо додан фаъолияти аз ҳама мушкил барои хонанда ба шумор меравад. Ин фаъолият барои дарёфт ваислоҳи ғалатҳои содиркарда равона шуда, қобилияти мустақилона ба худ баҳо доданро ташаккул медиҳад. Барои ин таҳияи меъёрҳои муайян ва таҳияи дастоварди хонанда кумак мекунад. Дар он хонандагон дастовардҳои худро ҷамъ карда, ба кори худ баҳо медиҳанд. Як намунаи онро барои шумо дар доираи фанни мазкур пешниҳод мекунем:

1. *Корҳои эҷодӣ:*
   - расмҳо;
   - расм ва ё сурат доир ба суруд;
   - расм ва ё сурат доир ба мазмуни асарҳои шунида ва ғайра.
2. *Корҳои беҳтарин, ки доир ба мусиқӣ пешрафтро нишон медиҳад:*
   - навишти нотаҳо;
   - иҷроиши саволномаҳои тестӣ, ҷавобҳои кроссвордҳо, викторинаҳои мусиқӣ;
   - эҷоди порчаи оҳангҳо, сурудҳо;
   - ифтихорнома доир ба иштирок дар озмунҳо.
3. *Натиҷаҳои таълимӣ-маърифатии фаъолияти хонанда:*
   - мустақилона ҷамъ кардани маводди маълумотию ахборӣ аз сарчашмаҳои гуногун;
   - маърӯза;
   - мулоҳизаҳо доир ба ҷамъоварии маводди худ ва ғайра.

Натиҷаи ин фаъолият аз ташкил кардани намоиши дастовардҳо вобастагӣ дорад, ки хонандагон кори худро муаррифӣ мекунанд, яъне барои чӣ маҳз ҳамин корро анҷом додаанд. Иштироки ихтиёрии хонандагон шарти муҳим барои иштирок дар ин намоиш ба шумор меравад, омӯзгор бошад, барои ин фаъолият шароити мусоидро бояд фароҳам оварад.

**Барномаи таълими фанни суруд ва мусиқӣ дар синфи 4**

Нақшаи тақвимӣ барои фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи 4

| Мавзӯъҳои таълим | Соат | Сентябр | | | | Октябр | | | | Ноябр | | | | Декабр | | | | | Феврал | | | | Март | | | | Апрел | | | | Май | | | | Июн | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Нимсолаи I** | **17** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Мавзӯи 1. Тоҷикистон-Ватанам-ифтихорам** | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Мавзӯи 2. Муаллим-раҳнамои наслҳо** | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Мавзӯи 3. Рӯсурхии мо аз деҳқон аст** | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Мавзӯи 4. Ҳайвонҳо-дӯсти инсон** | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Мавзӯи 5. Рақс ҳаракати мавзун аст** | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Мавзӯи 6. Ватандорӣ-шараф аст** | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Мавзӯи 7. Мусиқии халқҳои ҷаҳон тавъаманд** | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Мавзӯи 8. Мусиқӣ ва лаҳнҳои он** | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Мавзӯи 9. Дарси арзёбӣ (дарс-консерт)** | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Нимсолаи II** | **17** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Мавзӯи 1. Баҳор-фасли гулҳо** | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Мавзӯи 2. Парандаҳо беозоранд** | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Мавзӯи 3. Табиат-дӯсти инсон** | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Мавзӯи 4. Зиндагӣ-ҳаёт аст** | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Мавзӯи 5. Модар-ҷаҳони фарзандон** | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Мавзӯи 6. Парасту-парандаи хушрӯй** | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Мавзӯи 7. Рақси дарё.** | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Мавзӯи 8. Таърихи куҳан дорем** | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Мавзӯи 9. Арзёбӣ ва ҷамъбаст** | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Ҳафта** | | **1** | **2** | **3** | **4** | **5** | **6** | **7** | **8** | **9** | **10** | **11** | **12** | **13** | **14** | **15** | **16** | | **17** | **18** | **19** | **20** | **21** | **22** | **23** | **24** | **25** | **26** | **27** | **28** | **29** | **30** | **31** | **32** | **33** | **34** |
| | | **НИМСОЛАИ 1** | | | | | | | | | | | | | | | | | **НИМСОЛАИ 2** | | | | | | | | | | | | | | | | | |

## НИМСОЛАИ ЯКУМ (17 СОАТ)

### Мавзӯи 1. ТОҶИКИСТОН-ВАТАНАМ-ИФТИХОРАМ – 2 соат

**Барнома.** Кишварам, шеъри Салими Хатлонӣ, мусиқии Ҷ.Обидпур. Барои шунидан бо салоҳдиди омӯзгор. Маълумот дар бораи зарб ва намудҳои он, андозаю суръати суруд. Маълумоти мухтасар дар бораи муаллифон.

**Салоҳиятҳо. Хонанда;**[1]

– бо истифода аз қоидаҳои сурудан дар ду овоз суруда метавонад;
– образҳоро дар асарҳои мусиқӣ тасаввур карда, онро ба таври эҷодӣ баён ва тасвир карда метавонад;
– аломатҳои тағйирдеҳ ва динамикиро медонад ва таркиби сурудҳои дуовозаро бо нотаҳо ҷудо карда метавонад;
– дар заминаи қонуниятҳои мусиқӣ, овозҳои лозимаро меёбад, месанҷад, бадоҳатан иҷро мекунад ва порчаи мусиқии худро эҷод мекунад.

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд;

– доир ба зарб ва намудҳои он маълумот гиранд;
– мусиқиро шунида, зарб ва суръати онро муайян кунанд;
– вобаста ба зарби додашуда бадоҳатан оҳанг эҷод кунанд;
– як банди сурудро бо оҳангаш бо ҳамовозии сози мусиқӣ иҷро кунанд;

**Методикаи таълим.** Омӯзгор дарси мазкурро чӣ тавр ба роҳ монда метавонад? Дар поён якчанд мавридҳои намунавии таълими дарси мазкур пешниҳод мешаванд. Омӯзгорон дар асоси ин мавридҳо дарсро ба роҳ монда метавонанд ва худашон нақшаи дарс тартиб дода, кӯшиш мекунанд, ки дониш, малака ва маҳорати заруриро фаро гирифта, барои ташаккули салоҳиятҳои хонандагон замина гузоранд.

***Дарси якум***

1) Қисмати ташкили дарс: *ворид шудан бо мусиқӣ ба дарс (интихобан омӯзгор оҳангро менавозад ё бо воситаҳои техникӣ мешунавонад). Ҳар як омӯзгор ба тарзи хос бо хонандагон одоби саломро ба ҷо меорад, дар дарсҳои мусиқӣ бошад, он метавонад бо воситаи оҳанг иҷро карда шавад (ба салоҳдиди омӯзгор аст). Бо хонандагон мақсадҳои дарсро муҳокима кунед.*

2) Дар вақти хонандагонро бо мавзӯъ шинос кардан омӯзгор аз методи суҳбат истифода бурда,онҳоро бо мазмуну мундариҷаи суруди «Кишварам»шинос карда, ҳамзамон дар бораи муаллифон маълумоти кӯтоҳ медиҳад.

3) Дар вақти иҷрои машқҳои овозӣ бояд аз ҳиҷоҳои **да, до, де, ду** ним тон-ним тон ба боло ва ним тон ба поён аз овози тоникаи лаҳни суруд иҷро карда шаванд, то хонандагон барои сурудан тайёр шаванд. Баъдан нотаҳои **1 (ҷои нота)** омӯзонида шаванд, то ки хонандагон дар вақти иҷрои суруд тарзи сароидани сурудро бехато аз рӯйи нота иҷро кунанд. Пеш аз оғози сароидани суруд, оҳанги онро як маротиба омӯзгор худ навозад ё ба воситаи асбобҳои техникӣ онро шунавонад. Диққати хонандагонро ба ҷойҳои нисбатан душвори сароидан равона сохта, омӯзгор онро як маротиба бо оҳанг иҷро мекунад. Дафъаи сеюм қисм – қисм ба воситаи қарсак задан як банди онро бо хонандагон аз худ кунанд ва ҷойҳои душворашро маротибаи дуюм сароида, бо сози мусиқӣ иҷро кунанд.

4) Машқҳои гуногуни ритмикиро бо хонандагон дар доираи оҳанги суруд ташкил карда, доир ба зарб ва суръати оҳанг суҳбат ташкил кунед.

---

[1] Дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ якчанд салоҳиятҳо ташаккул дода мешаванд, зеро самтҳои таълим дар ҳар дарс мувозӣ омӯхта мешавад. Такрор омадани салоҳиятҳо дар дарсҳои алоҳида ба ин талабот вобастагӣ доранд.

**Арзёбӣ.** Барои арзёбии дониш, малака ва маҳорате, ки барои ташаккули салоҳияти хонанда ҳамчун замина ба шумор меравад, меъёрҳои мушаххас тартиб дода, онро бо хонандагон аз дарси аввал муҳокима кардан лозим аст. Ин меъёрҳо ду вазифаро иҷро мекунанд: аввалан барои хонанда шаффофияти гирифтани баҳоро нишон медиҳанд, дувум барои ба сатҳи баландтар баромадан ба хонанда имконият фароҳам меоранд. Дар дарсҳо бештар арзёбии ташаккулдиҳандаро истифода бурда, аз мушоҳидаи иҷрои фаъолиятҳо дар асоси меъёрҳои пешакӣ таҳияшуда баҳоҳои хонандагонро гузоштан мумкин аст. Намунаи меъёрҳои умумиро пешкаш мекунем ва бояд қайд намуд, ки он вобаста ба шароит ва инкишофи салоҳияти хонандагон тағйир дода мешавад:

| № | Намуди фаъолият | Талабот ба хонандагон | Бал/баҳо |
|---|---|---|---|
| 1. | Шунидани мусиқӣ | Мусиқиро бодиққат гӯш мекунад. Ба саволҳо ҷавоб медиҳад. Супоришҳоро бо шавқ иҷро мекунад. | 5 |
| | | Ҳангоми шунидани мусиқӣ диққат намедиҳад. Гоҳе ба саволҳо ҷавоб медиҳад. Баъзе супоришҳоро бо шавқ иҷро мекунад. | 4 |
| | | Ҳангоми шунидани мусиқӣ тамоман диққат намедиҳад. Ба саволҳо ҷавоби нопурра медиҳад. Супоришҳоро хеле кам иҷро мекунад. | 3 |
| 2. | Сурудан | Ҳангоми сурудан тарзи нишаст ва ё рост истода суруданро риоя мекунад. Малакаҳои ҳамсароиву вокалиро нишон дода метавонад. Ҳангоми иҷроиш ҳиссиётҳоро нишон медиҳад. | 5 |
| | | Ҳангоми сурудан на ҳама вақт тарзи нишаст ва ё рост истода суруданро риоя мекунад. Малакаҳои ҳамсароиву вокалиро пурра нишон дода наметавонад. Ҳангоми иҷроиш на ҳама вақт ҳиссиётро нишон медиҳад. | 4 |
| | | Ҳангоми сурудан тарзи нишаст ва ё рост истода суруданро кам риоя мекунад. Малакаҳои ҳамсароиву вокалиро кам нишон медиҳад. Ҳангоми иҷроиш қисман ҳиссиётро нишон медиҳад. | 3 |
| 3. | Маърифати мусиқӣ (донистани мафҳумҳо) | Мафҳумҳои пешниҳодшударо медонад. Ба саволҳо, викторинаҳо ва саволҳои гузошташуда ҷавоби дақиқ медиҳад. | 5 |
| | | Мафҳумҳои пешниҳодшударо то андозае медонад. Ба саволҳо, викторинаҳо ва саволҳои гузошташуда ҷавоби нопурра медиҳад. | 4 |
| | | Доир ба мафҳумҳои пешниҳодшуда маълумоти кофӣ намедиҳад. Ба саволҳо, викторинаҳо ва саволҳои гузошташуда ҷавоби носаҳеҳ медиҳад. | 3 |

Ин намуна талаботи умумӣ буда, дар ҳар дарс онро мушаххас кардан мумкин аст. Масалан, дар дарс мо шаклҳои навишти нотаро омӯхтем. Дар қисмати маърифати мусиқӣ чунин меъёрҳоро мушаххас нишон додан мумкин аст:

- шаклҳои навишти нотаи пурра, нисфӣ, чорякӣ ва ҳаштякиро фарқ карда метавонад;
- тарзи навишти онҳоро медонад.

Пас, дар дарси мазкур омӯзгор аз мушоҳидаи супоришҳо дар раванди дарс хулосаҳои аввалини худро қайд карда, дар охир метавонад бо гузориши саволҳо ҷавоби мушаххас гирифта, баҳогузорӣ намояд. Ё санҷиши меъёри мазкурро бо як саволи тестӣ низ гирифтан мумкин аст. Чунин мисолҳоро дар варақаҳои алоҳида тартиб дода, ба чанд хонанда тақсим мекунем ва ҷавоби онҳоро мешунавем.

Мисол: кадоме аз шаклҳои зерин нотаи нисфӣ аст:

А) 𝅝

Б) ♩

В) ♪

Г) 𝅗𝅥

Таҳияи воситаҳои мушаххас имкони азхуд кардани дониш, ташаккули малака ва маҳоратҳоро дар ҳар дарс ба вуҷуд оварда, ташаккули салоҳиятҳоро дар давоми соли таҳсил таъмин мекунад. Аз ин рӯ, мо бештар ба омӯзгорон ин қисматро вогузор мекунем ва тавсия медиҳем, ки намунаҳоро аз қисмати арзёбӣ фаровон истифода баранд. Дар дарсҳои минбаъда мо намуна ва усулҳоро бе пешниҳоди шарҳ дарҷ мекунем.

**Дарси дуюм**

1) Қисмати ташкили дарс: *ворид шудан бо мусиқӣ ба дарс. Ба ҷо овардани одоби салом. Муҳокимаи мақсадҳои дарс бо нишон додани қадамҳо.*

2) Як маротиба вазифаи додашудаи дарси гузаштаро такрор карда, ба воситаи сози мусиқӣ хонандагон банди аввали сурудро иҷро мекунанд.
3) Омӯзгор дар ин дарс банди дуюми сурудро қисм ба қисм ба хонандагон бо сози мусиқӣ меомӯзонад ва дар бораи иҷрои коллективонаи суруд ва нақароти он маълумот дода, тарзи дурусти сурудро бо риояи тамоми аломатҳои мусиқӣ **(mp, mf, f, mf)** ба хонандагон мешунавонад, то ки онро дар хотир нигоҳ дошта, баъдан онро ҳамон тавр иҷро кунанд, яъне аввал 4-5 нафар хонанда қисмати аввали сурудро иҷро карда, баъдан тамоми коллективи хонандагон қисмати нақароти онро месароянд ва ҳамин тавр банди дуюм низ сароида мешавад.

4) Дар хотимаи сурудан хонандагон бо ҳамовозии сози мусиқӣ овозашонро ҷӯр карда, сурудро бо тамоми нафосату зебоияш иҷро мекунанд, то аз сароидани худ лаззат баранд.

**Арзёбӣ.** Барои санҷидани малакаи сурудан аз усули дар назди лавҳаи синф ба таври инфиродӣ ва ё гурӯҳӣ истифода баред. Вобаста ба фаъолияти ба ҳамдигар баҳо додан ин фаъолиятро дар се-чор дақиқа ташкил кунед. Меъёр барои санҷиш: – *талаффузи дурусти ҳиҷо, калимаро мувофиқи оҳанг (нотаҳо)-и суруд иҷро карда тавонанд.*

Инчунин, барои арзёбии дониш, малака ва маҳорате, ки барои салоҳиятҳои хонанда ҳамчун замина ба шумор мераванд, меъёрҳои мушаххас тартиб додан мумкин аст ва онро ба хонандагон барои шаффофияти баҳогирӣ муҳокима ё шинос кардан лозим аст.

**Намуна:** Баҳои «5» дар вақти сурудан:

- қоидаҳои суруданро риоя карда, онро бе хато ва бо овози табиӣ иҷро мекунад ва тарзи сурудани вокалӣ-хориро риоя мекунад;
- мусиқиро гӯш карда, доир ба мавзӯи он фикрашро баён карда метавонад;
- доир ба аломатҳои мусиқии дар суруд дарҷёфта ҷавоби дуруст ва фаҳмо дода метавонад;
- бо зарби пешкашшуда бадоҳатан оҳанг эҷод мекунад.

**Мавзӯи 2. МУАЛЛИМ – РАҲНАМОИ НАСЛҲО – 2 соат**

**Барнома.** Суруди «Муаллим», шеъри Н.Розиқ, мусиқии Ҷ.Обидпур. Барои шунидан: «Иди Зафар», мусиқии З.Шаҳидӣ. Маълумот доир ба фосила ва шаклҳои он. Шиносоӣ бо лаҳни суруд ва оҳанги шунида.

**Салоҳиятҳо. Хонанда:**

–бо истифода аз қоидаҳои сурудан дар ду овоз суруда метавонад;

– образҳоро дар асарҳои мусиқӣ тасаввур карда, онро ба таври эҷодӣ баён ва тасвир карда метавонад;
– аломатҳои тағйирдеҳ ва динамикиро медонад ва таркиби сурудҳои дуовозаро бо нотаҳо ҷудо карда метавонад;
– дар заминаи қонуниятҳои мусиқӣ, овозҳои лозимаро меёбад, месанҷад, бадоҳатан иҷро мекунад ва порчаи мусиқии худро эҷод мекунад;

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
- бо риояи қоидаҳои нафаскашӣ, овозбарорӣ ва талаффуз сурудро бо оҳангаш иҷро кунанд;
- фосила ва шаклҳои онро донанд;
- мусиқии «Иди Зафар»-ро шунида, ба мазмуни он сарфаҳм раванд;
- ба ритми мусиқии суруд аҳамият дода, онро дуруст иҷро кунанд;
- сурудро дар як банд бо оҳанг табиӣ иҷро кунанд;

**Методикаи таълим.** Дар поён намунаи дарс/фаъолиятҳои таълим оварда мешаванд. Ин қисмат тавсиявӣ аст. Аз ин лиҳоз, омӯзгор вобаста ба қобилияти хонандагон ва шароити муассиса онро метавонад тағйир диҳад, иловаҳо ворид намояд. Аммо омӯзгорон бояд натиҷаҳои ниҳоии таълимии дарс ва ташаккули салоҳиятҳоро ҳамчун меҳвари дарс қарор диҳанд.

**Дарси якум**

1) Қисмати ташкили дарс: *ворид шудан бо мусиқӣ ба дарс. Ба ҷо овардани одоби салом. Шиносоӣ бо мақсади дарс.*Зери навои оҳанги халқӣ хонандагон ба синф ворид мешаванд ва одоби салом ба ҷо меорад. Баъди ҳозирғоиб кардан номи мавзуъ дар лавҳаи синф навишта мешавад. Омӯзгор доир ба мазмуни мавзӯъ ба хонан-дагон суҳбат карда, нақши омӯзгорро дар тарбияи маънавию зебоипарастии хонандагон махсус қайд карда, ин мисраъро мехонад.

   Ҳар кӣ бе устод кард оғози кор,
   Кору бори ӯ надорад эътибор.

2) Баъдан омӯзгор мухтасар дар бораи фаъолияти муаллифон маълумот медиҳад ва нақши онҳоро дар раванди тарбияи зебоипарастӣ махсус қайд мекунад. Хонандагонро бо суръати суруд шинос карда, доир ба тарзи иҷрои он ба хонандагон маълумот медиҳад. Омӯзгор оҳанги сурудро як маротиба бо сози мусиқӣ ё воситаҳои техникӣ иҷро мекунад, то он дар хотираи хонандагон ҷой шавад. Маротибаи дуюм сурудро бо оҳанг якҷоя аз аввал то охир месарояд ва доир ба ҷойҳои душвори он ба хонандагон маслиҳат медиҳад. Баъдан қисм- қисм чапак зада, як тақтеъ-як тақтеъ банди аввали сурудро ба онҳо меомӯзонад. Аз шакли суруд, яъне яккахон бо хор маълумот дода, ҳар қисмати онро алоҳида меомӯзонад. Ҳаминро бояд қайд намуд, ки суруд ду қисмат мебошад ва қисми аввалашро яккахон (солистҳо) иҷро карда, қисми нақаротро хор месарояд. Инчунин омӯзгорон метавонанд аз тавсияҳои қисмати "Таълими малакаҳои сурудан" истифода бурда, омӯзиши сурудро тибқи вазифаҳои "*I.Огози азхудкунӣ*", "*II.Шунидан-шиносоӣ*" ва *"IV. Азхуднамоӣ"* ба роҳ монанд.

3) Маърифати мусиқӣ. Хонандагон фосилаҳои соддаро то кварта аз тоникаи «ре минор» ба боло созанд ва онро сароянд. Инчунин доир ба лаҳни минорӣ маълумот гиранд (Т,О,5,Т,Т,О,5,Т,Т) ва онро дар дафтарҳои нота иҷро карда, омӯзгор сохтани фосилаҳои содаро барои хона вазифа диҳа.

4) Шунидани мусиқӣ: оҳанги «Иди Зафар»-ро шунида, доир ба мазмуну мундариҷаи он баҳс доир карда шавад. Доир ба масъалаи ҷангу сулҳ мусоҳиба гузаронида шавад, то ки хонандагон фикри худро доир ба ин мавзӯъ иброз доранд.

**Арзёбӣ.** Барои санҷидани малакаи сурудан аз усули дар назди лавҳаи синф ба таври инфиродӣ ва ё гурӯҳӣ истифода баред. Вобаста ба фаъолияти ба ҳамдигар баҳо додан ин фаъолиятро дар ду-се дақиқа ташкил кунед. Вобаста ба қисматҳои маърифати мусиқӣ ва шунидан қайдҳои дар раванди дарс анҷомдодаро ба хонандагон муаррифӣ карда, ба сифатҳои азхудкунӣ ба малакаву маҳорати онҳо баҳо диҳед.

*Меъёрҳо барои санҷиш:*

- хонандагон дар сурудан бо оҳанг овозашонро ҷӯр карда метавонанд:
- қоидаҳои овозхониро медонанд;
- сароидани сурудро метавонанд;
- аз тоника ба боло ё поён фосилаҳоро то квартаи тоза месозанд;
- мусиқиро шунида, онро дарк мекунанд; ва ғ.

**Дарси дуюм**

1) Қисмати ташкили дарс: *ворид шудан бо мусиқӣ ба дарс. Ба ҷо овардани одоби салом. Ба хотир овардани мақсадҳои дарс ва баррасии он бо хонандагон.*
2) Давоми иҷрои суруди дарси гузашта. Ба тавсияҳои қисмати “Таълими малакаҳои сурудан” нигаред ва омӯзиши сурудро тибқи вазифаҳои “*III.Муҳокима*”, *“IV. Азхуднамоӣ” ва “V. Сурудан”* ба роҳ монед.

Вазифаи хонагиро аз хонандагон пурсида, баъдан онҳоро барои сурудани суруди «Муаллим» тайёр кардан лозим аст. Машқҳои овозиро аз китоби дарсӣ иҷро карда, сеовозаи асосии лаҳнро ба боло ва ба поён месароянд. Ҳамчунин қаторовозаро аз поён ба боло ва аз боло ба поён бо даҳони пӯшида ва бо 2-нафасӣ иҷро мекунанд. Оҳанги сурудро як маротиба ба хонандагон шунавонида, маротибаи дуюм омӯзгор сурудро бо сози мусиқӣ навохта, аз аввал то охир онро месарояд, то раванди азхудкунӣ осон шавад. Дар охир омӯзгор як маротибаи дигар ҷойҳои мураккаби сурудро ба хонандагон фаҳмонида, бо баҳисобгирии аломатҳои динамикӣ **(mf, p, mp)** ҳамаи бандҳои онро дар оҳанги эҷодшуда бо ҳамовозии сози мусиқӣ меомӯзонад. **Y-** нафаси мусиқиро дар оҳанг ва нотаҳои он нишон медиҳад.

3) Омӯзгор сохтани фосилаҳои содаро, ки дар хона вазифа дода буд, тафтиш карда, як қисми хонандагонро ба лавҳаи синф даъват мекунад. Сохтани фосилаҳои содаро яктогӣ ба онҳо супориш медиҳад ва ҳамзамон қисми дигарро барои сурудани ин фосилаҳо ба сози мусиқӣ месанҷад. Ҳамин тавр, хонандагон то фосилаи квинта онро месозанд ва месароянд.

4) Шунидани мусиқӣ. Дар ин қисмат омӯзгор метавонад порчаҳои мусиқиро ба хонандагон пешкаш карда, бозии мусиқӣ-чистонро ташкил кунад ва савияи мусиқидарккунии хонандагони худро такмил диҳад, вале оҳангҳо набояд берун аз барномаи таълимӣ гирифта шаванд.

**Арзёбӣ.** Барои санҷидани малакаи сурудан аз усули дар назди тахтаии синф ба таври гурӯҳӣ истифода баред. Вобаста ба фаъолияти ба ҳамдигар баҳо додан ин фаъолиятро дар ду-се дақиқа ташкил кунед. Вобаста ба қисматҳои маърифати мусиқӣ ва шунидан қайдҳои дар раванди дарс анҷомдодаро ба хонандагон муаррифӣ карда, ба сифатҳои азхудкунӣ ба малакаву маҳорати онҳо баҳо диҳед. Аз меъёри дарси гузашта истифода баред.

## Мавзӯи 3. РӮСУРХИИ МО АЗ ДЕҲҚОН АСТ – 2 соат

**Барнома.** Шиносӣ бо фермата, фосилаҳои квинта, секста ва сароидани онҳо. Репертуар: барои иҷро: суруди «Меҳргон» – шеър ва оҳанги Ҷ.Обидпур, барои шунидан: «Ғамҷудо» – оҳанги халқӣ, такмили А.Одинаев.

**Салоҳиятҳо. Хонанда.**

– бо истифода аз қоидаҳои сурудан дар ду овоз суруда метавонад;
– образҳоро дар асарҳои мусиқӣ тасаввур карда, онро ба таври эҷодӣ баён ва тасвир карда метавонад;
– аломатҳои тағйирдеҳ ва динамикиро медонад ва таркиби сурудҳои дуовозаро бо нотаҳо ҷудо карда метавонад;
– дар заминаи қонуниятҳои мусиқӣ, овозҳои лозимаро меёбад, месанҷад, бадоҳатан иҷро мекунад ва порчаи мусиқии худро эҷод мекунад;

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– дар вақти сурудан фосилаҳои секундаи хурдро ба боло ва поён тоза сароянд;
– доир ба оҳанги шунидашуда фикрашонро баён карда тавонанд;
– аломатҳои фермата ва фосилаҳои квинта, секстаро аз нотаи тоникаи лаҳни ре-минор ба боло сохта, онҳоро сароянд.

**Методикаи таълим.** Дар поён баъзе тавсияҳои методиро оид ба гузаронидани мавзӯи мазкур пешниҳод мекунем. Боварӣ дорем, ки шумо ба он вобаста ба қобилияти хонандагон ва шароити муассиса тағйиру иловаҳо ворид месозед.

**Дарси якум**

1) Қисмати ташкили дарс: *ворид шудани хонандагон ба синф бо ҳавои мусиқӣ ва одоби саломро иҷро кардан. Ҳолати тозагии синфро аз назар гузаронида, ҳозиргоиб кардан ва ба хонандагон мақсади машғулиятро муҳокима кардан.*

2) Аввали дарс бояд дар заминаи сурудан амалӣ шавад, яъне омӯзгор ба воситаи истифодаи методҳои суҳбат, аёнӣ-шунавоӣ, таҳлилу муқоиса, мазмуну мӯҳтавои мавзӯъро ба хонандагон фаҳмонад ва баъдан барои омӯзиши суруд шурӯъ намояд. Бояд хотиррасон намуд, ки барои ин қисмати дарс 18-20 дақиқа вақт ҷудо карда мешавад. Барои хонандагонро ба сурудан тайёр кардан бояд омӯзгор аввал оҳанги сурудро як маротиба аз аввал то охир дар сози мусиқӣ навозад ё шунавонад. Дафъаи дуюм сурудро аз аввал то охир ба воситаҳои сози мусиқӣ навохта (ё ҳамовозии воситаҳои техникӣ) сарояд ва доир ба ҷойҳои мураккаби он ба хонандагон маслиҳат диҳад. Маротибаи сеюм ба овозхонии хонандагон шурӯъ намояд, яъне овози онҳоро ба сурудан ба воситаи иҷрои машқҳои овозӣ тайёр кунад. Машқҳои овозӣ бояд дар доираи қаторовоза ва лаҳни суруд «ля минор» амалӣ шавад, то хонандагон дар давраи лаҳнӣ ворид шаванд ва ҳар як аломати мусиқии лаҳнро ҳис карда, онро иҷро кунанд. Суруд аз 2-қисм иборат буда, он бо овози солист шурӯъ мешавад ва нақорат, зарб ба 6/8 тағйир ёфта, хор ба сароидан шурӯъ мекунад. Суруд баъзан бо нотаҳои шонздаҳякии пайвасти лигадор дар як ҳиҷо дучор мешавад, ки ин лигаро эҳтиёткорона ба хонандагон омӯзонидан лозим аст. Ё нотаи чоряки нуқтадор низ вомехӯранд. Шакли омӯзиши 2 нотаи шонздаҳякӣ дар 1-қарсак ва нотаи чорякии нуқтадор бо 3-қарсак аст, ки сурудани ин тамдид каме душвор буда, барои ҳамин омӯзгор бояд эҳтиёткор бошад. Бо ҳамин усул суруд бояд то банди охир омӯзонида шаваду барои дар хона такрор кардани он вазифа дода шавад.

3) Дар қисмати маърифати мусиқӣ бошад, якҷоя бо хонандагон фосилаҳои соддаро дар дафтари нота созед. Онро машқ ва аз худ кунед.

4) Шунидани мусиқӣ: дар шунидани мусиқӣ бошад, доир ба мазмуну муҳтавои оҳанги «Ғамҷудо» баҳс дар мавзӯи суръатҳо, зарб, андоза, характери мусиқӣ ташкил карда, дар хона барои навиштани нақл дар бораи фарқияти оҳанги сурудашуда ва шунидашуда вазифа супорида шавад. Ин лаҳзаи дарсро бо усули "Мулоҳизаи аввалини ман оид ба мусиқии шунида" гузаронидан мумкин аст. Бе шарҳ ва бе номи асар аз шунидан оғоз кунед. Пеш аз шунидан супориш диҳед. Ҳангоми шунидан бояд дар бораи якчанд масъала шумо бояд ҷавоб ёбед. Яъне, ба саволҳои "Оҳангсоз бо овози мусиқӣ кадом ҳиссиётҳоро баён кардан меҳоҳад? Ба мо дар бораи чӣ нақл кардан мехоҳад?" ҷавоб пешниҳод кунед.

   Баъд аз шунидан доир ба саволҳои гузошта суҳбат ташкил кунед. Инчунин, дар бораи писанд омадан ё наомадани асари мазкур саволгузорӣ кунед.

**Арзёбӣ.** Барои санҷидани малакаи сурудан аз усули дар назди лавҳаи синф ба таври инфиродӣ истифода баред. Вобаста ба фаъолияти ба ҳамдигар баҳо додан ин фаъолиятро бо якчанд хонанда дар ду–се дақиқа ташкил кунед. Дар робита ба қисматҳои маърифати мусиқӣ ва шунидан қайдҳои дар раванди дарс анҷомдодаро ба хонандагон муаррифӣ карда, ба сифатҳои азхудкунӣ ба малакаву маҳорати онҳо баҳо диҳед. Ҳамчунин амалҳои дар дарс овардашударо ба шакли тестӣ саволнома тартиб дода, дониши хонандагонро аз ҷиҳати назари явӣ ва амалӣ арзёбӣ кардан мумкин аст. Масалан;

1. Суръати сурудро чӣ тавр муайян кардан мумкин аст? Ё сохтани лаҳни реминор.
   а) аз рӯйи зарб
   б) аз рӯйи андоза
   в) аз рӯйи усул
   г) аз рӯйи характер

Ҳамин тавр, омӯзгор дарс ва мавзӯъро ҷамъбаст карда, дониши хонандагонро ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ арзёбӣ мекунад.

**Дарси дуюм**

1) Қисмати ташкили дарс: *ворид шудан ба дарс бо мусиқӣ. Ба ҷо овардани одоби салом. Ба хотир овардани мақсадҳои дарс ва баррасии он бо хонандагон.*

2) Шунидани мусиқӣ: «Ғамҷудо» – оҳанги халқӣ, такмили А.Одинаев. Ин лаҳзаи дарсро бо фаъолияти "Аз ҳама бодиққат" оғоз кунед. Порчаи оҳангро бо тартиби дуруст ва маротибаи дуюм бо иваз кардани он истифода баред ва савол диҳед: "Кадоме аз ин порчаи шунидаи асар бароятон шинос аст?", "Кадоме дуруст ва кадоме ғалат аст?", "Чӣ ном дорад?", "Кӣ онро эҷод кардааст?" ва ғайра. Тартиби қисматҳои шунидани мусиқиро истифода бурда, тасаввуроти хонандагонро доир ба асари пешниҳодшуда мустаҳкам кунед.

3) Давоми иҷрои суруди «Меҳргон» – шеър ва оҳанги Ҷ.Обидпур. Пеш аз оғози азхуднамоии банди дуюми суруд машқи хурди овозӣ гузаронед. Сипас аз тавсияҳои қисмати "Таълими малакаҳои сурудан" истифода бурда, омӯзиши сурудро тибқи вазифаҳои "*III.Муҳокима*", *"IV. Азхуднамоӣ" ва "V. Сурудан"* ба роҳ монед.

***4)*** Маърифати мусиқӣ. Шиносоӣ бо фермата, фосилаҳои квинта, секста ва сароидани онҳо. Аломати ферматаро нишон диҳед. Онро аз нотаҳои суруд дар шакли хаттӣ нишон дода, тарзи иҷрояшро аввалан худи омӯзгор, сипас амалан бо хонандагон

иҷро кунед. Фосилаҳои квинта (**До- Сол**), секста (**До-Ла**)-ро дар фортепиано иҷро кунед ва онро бо хонандагон сароед. Тарзи навишти ин аломатҳоро дар дафтари нота бо хонандагон машқ кунед.

**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба қисматҳои сурудан ва шунидани мусиқӣ қайдҳои дар раванди дарс анҷомдодаро ба хонандагон муаррифӣ карда, ба сифатҳои азхудкунӣ ба малакаву маҳорати онҳо баҳо диҳед. Иҷрои супоришҳоро аз маърифати мусиқӣ низ ба сифати баҳодиҳӣ истифода бурдан мумкин аст.

## Мавзӯи 4. ҲАЙВОНҲО – ДӮСТИ ИНСОН – 2 соат

**Барнома.** Маълумот доир ба лаҳни **Ре**-мажор ва иҷрои он. Маълумот доир ба сохти суруд ва аломатҳои он. Репертуар: барои иҷро: «Баррачеки масти ман» мусиқии Ҷ.Охунов, шеъри А.Деҳотӣ; барои шунидан: оҳанги Ашерон.

**Салоҳиятҳо. Хонанда:**
- бо истифода аз қоидаҳои сурудан дар ду овоз суруда метавонад;
- образҳоро дар асарҳои мусиқӣ тасаввур карда, онро ба таври эҷодӣ баён ва тасвир карда метавонад;
- аломатҳои тағйирдеҳ ва динамикиро медонад ва таркиби сурудҳои дуовозаро бо нотаҳо ҷудо карда метавонад;
- дар заминаи қонуниятҳои мусиқӣ, овозҳои лозимаро меёбад, месанҷад, бадоҳатан иҷро мекунад ва порчаи мусиқии худро эҷод мекунад.

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:
- оҳанги сурудро дар андозаи 6/8 иҷро карда тавонанд;
- доир ба суръат, зарб, усули суруд ва муаллифони вай маълумот пайдо кунанд;
- доир ба лаҳни **Ре**-мажор маълумот пайдо кунанд;
- фарқи лаҳни **Ре**-мажор аз **Ре**-минорро донанд;
- ақидаи худро доир ба мусиқии Ашерон гуфта тавонанд.

**Методикаи таълим.** Намунаи дарс оварда мешавад. Ин қисмат тавсиявӣ буда, омӯзгор вобаста ба қобилияти хонандагон ва шароити муассиса онро метавонад тағйир диҳад, иловаҳо ворид намояд. Лекин бояд дар хотир дошт, ки натиҷаҳои ниҳоии таълимии дарс ва ташаккули салоҳиятҳо ҳамчун меҳвари дарс ба ҳисоб меравад.

**Дарси якум**

1) *Қисмати ташкили дарс*: хонандагон қатор шуда, дар зери навои мусиқии халқӣ ба синф ворид мешаванд. Одоби саломро ба ҷо оварда, хонандагонро ҳозирғоиб кардан лозим аст. Дар лавҳаи синф бо зикри санаи рӯз, номи суруд ё мавзӯъро нависед ва мақсади дарсро бо хонандагон муҳокима кунед.

1) Ин дарс бояд аз қисмати сурудан оғоз шавад. Барои ин хонандагонро ба 2 қатор ҷудо карда, овозҳои духтарон дар тарафи дасти чап ва овози писарон дар тарафи дасти рост ҷой мегиранд. Овози хонандагон аввалан дар қаторовозаи **До, Ре, Ми, Фа Ү Сол, Ла, Си, До** аз поён ба боло ва аз боло ба поён бо 2-нафасӣ барои сурудан тайёр шавида, баъдан ба сурудани се овози асосии қаторовоза мустаҳкам карда мешаванд. Бо ин тарз низ машқи овозиро бояд иҷро кунанд: бо ним зинагӣ (0,5 тон)-и

болобароянда ва поёнфароянда**: До, До#, Ре, Ре#, Ми, Фа, Фа#, Сол, Сол#, Ла, Ла#, Си, До** талаффузи (дам, дабидам, дам) ҳамин машқро метавонад дар лаҳни суруд ре-мажор низ иҷро кунанд, то хонандагон дар давраи овозии суруд ворид шаванд ва барои тозаю табиӣ иҷро кардани суруд давраи лаҳнӣ ҳама вақт дар гӯшашон садо дода истад.

3) Барои аз худ кардани суруд омӯзгор пеш аз ҳама дар бораи муаллифон маълумот дода, дар бораи суръат, лаҳн, аломатҳои мусиқӣ ба хонандагон донишҳоро пешниҳод мекунад ва чӣ тарз иҷро кардани сурудро фаҳмонида, худ онро якчанд маротиба навохта, месарояд. Баъдан онро бо хонандагон қисм-қисм меомӯзонад, то банди аввали онро пурра аз аввал то охир бо ҳисобгирии тамоми аломатҳои мусиқӣ иҷро кунанд. Ҳангоми омӯзиш хуб мешуд, ки яккахон аз байни духтарҳо интихоб шавад, чунки духтарҳо нисбат ба писарҳо ҳассостаранд.

4) Маърифати мусиқӣ. Доир ба шакли суруди 2-қисма маълумот дода шавад (солист ва хор). Дар вақти навишти диезҳо (#) омӯзгор ҷойи онҳоро дар нотагоҳ ба хонандагон фаҳмонад ва тарзи навишташонро омӯзонад. Фарқияти лаҳни ре-мажор аз ре-минор дар чӣ таҷассум ёфтааст ба хонандагон фаҳмонед ва агар вақт бошад, як маротиба ин лаҳнҳоро сароянд, фарқияти онҳо боз ҳам равшантар мешавад.

5) Шунидани мусиқӣ. Дар вақти шунидани оҳанги Ашерон бо раванди ҳаракати мелодияи оҳанг ба боло ва овоз додани онҳо дар октаваи 2 диққати хонандагонро ҷалб сохта, онҳо ин овозҳо (нотаҳо)-ро бояд дарк карда, дар хотира мустаҳкам нигоҳ доранд, чунки оянда боз сурудҳо дар ин нотаҳои болоӣ ба онҳо омӯзонида мешаванд. Ба ин сабаб бояд онҳо дар хотир нақш банданд ва ҳамчунин садои сурнай низ диққати онҳоро ба худ ҷалб кунад. Дар вақти шунидани оҳанг он бояд баланд садо диҳад ва шавқи хонандагонро нисбат ба суруду мусиқӣ бедор карда, онҳоро ба ваҷд биёрад.

**Арзёбӣ.** Барои донишу фаҳмиш, маҳорату малака ва салоҳияти хонандагонро ташаккул додан, арзёбии ташаккулдиҳанда тартиб дода истифода бурда шавад, то ин ки хонандагон барои тараққиёти тарафҳои гуногуни фаъолияти худ кӯшиш карда, ба рафиқонашон баҳо диҳанд, чунки санъатро ҳама мебинад, мешунавад, ҳис мекунад ва дар охир вобаста ба савияи дониши худ онро арзёбӣ мекунад.

*Масалан, чунин саволҳоро гузоштан мумкин аст:*

1. Сурудро кӣ дуруст ва табиӣ иҷро кард?
2. Овози кӣ фораму дилнишин аст?
3. Кадом лаҳнҳо 1 аломати алтератсия доранд?
4. Садои сурнай ба кадом гурӯҳи овозҳои созӣ медарояд?

Дар охири дарс омӯзгор дараҷаи азхудкунии мавзӯъро пешниҳод мекунад ва баҳоҳои хонандагонро эълон дошта, барои хона вазифаи мушаххас медиҳад, яъне, дар бораи 2 сози мусиқие, ки дар саҳифаи 37-и китоби дарсӣ оварда шудааст, навишта дарси дигар пешниҳод кунанд.

**Дарси дуюм**

1) Қисмати ташкили дарс: ворид шудан бо мусиқӣ ба дарс. Ба ҷо овардани одоби салом. Шиносоӣ бо мақсади дарс.

2) Сурудани «Баррачеки масти ман» мусиқии Ҷ.Охунов, шеъри А.Деҳотӣ. Овози хонандагон аввал дар қаторовозаи **До, Ре, Ми, Фа Ү Сол, Ла, Си, До** аз поён ба боло ва аз боло ба поён бо 2-нафасӣ барои сурудан тайёр шавида, баъдан ба сурудани се овози асосии қаторовоза мустаҳкам карда мешаванд. Сипас сурудро банд ба банд азхуд карда, ифоданок суруданро машқ кунед. Метавонед як банди сурудро бо нишон додани нотаҳо сароед.

3) Дар бораи лаҳни суруд маълумоти мушаххас пешниҳод карда, аломатҳои онро аз нотаҳои суруд, ки дар китоб омадааст, нишон диҳед. Ин фаъолиятро тавассути нишон додани якчанд сурудҳо машқ карда, ба роҳ монда метавонед. Шакли гузаронидани он ба шумо вогузор мешавад.

4) Шунидани оҳанги Ашеронро тибқи қадамҳо вобаста ба қисмати методикаи таълим ба роҳ монда, бо истифода аз усули "Нақл доир ба мусиқӣ" гузаронида метавонед:

– Ман оҳанги... шунидам.
– Ин асар ба ман ҳиссиёти ... бахшид.
– Мусиқӣ ... (чӣ гуна?) овоз дод.

Онро бо ду тарз истифода бурда метавонед: агар вақт имкон диҳад, хаттӣ ва агар не, шифоҳӣ. Инчунин метавонед шифоҳӣ амал карда, навиштанро вазифаи хонагӣ супоред. Фаромӯш насозед, ки дар сурати барои хона вазифа супоридан ҳатман дарсро дар рӯзи дигар аз ҳамин фаъолият оғоз кунед.

**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба қисматҳои сурудан ва маърифати мусиқӣ қайдҳои дар раванди дарс анҷомдодаро ба хонандагон муаррифӣ карда, бо дарназардошти сифатҳои азхудкунӣ ба малакаву маҳорати онҳо баҳо диҳед. Вобаста ба иҷрои фаъолияти хонандагон дар мавриди гурӯҳбандии созҳои мусиқӣ низ баҳо диҳед.

## Мавзӯи 5. РАҚС ҲАРАКАТИ МАВЗУН АСТ – 2 соат

**Барнома.** Шиносоӣ бо суръати **moderato** (муътадил), тарзи навиштани нотаҳои шонздаҳякӣ ва ҳисоби онҳо. Репертуар барои иҷро: «Моҳираҷон мерақсад», шеъри С. Гулназар, оҳанги Ҷ.Обидпур; барои шунидан. Суруди «Қаҳрамон» – халқии тоҷикӣ, такмили А.Ленский.

**Салоҳиятҳо. Хонанда:**
– бо истифода аз қоидаҳои сурудан дар ду овоз суруда метавонад;
– образҳоро дар асарҳои мусиқӣ тасаввур карда, онро ба таври эҷодӣ баён ва тасвир карда метавонад;
– аломатҳои тағйирдеҳ ва динамикиро донад ва таркиби сурудҳои дуовозаро бо нотаҳо ҷудо карда метавонад;
– дар заминаи қонуниятҳои мусиқӣ, овозҳои заруриро меёбад, месанҷад, бадоҳатан иҷро мекунад ва порчаи мусиқии худро эҷод мекунад.

**Мақсади дарс.** *Хонандагон бояд:*
– оид ба жанрҳои шунида ақида ва баҳои худро асоснок карда тавонанд;
– ҳиссиёти худро доир ба гуногун будани хусусияти жанрҳои мусиқӣ шарҳ диҳанд;
– тарзи навишт ва мавқеи суръати **moderato** (мӯътадил)-ро шарҳ диҳанд;
– мадиди нотаи шонздаҳякиро донанд ва онро навишта, иҷро кунанд.

**Методикаи таълим.** Дар поён баъзе тавсияҳои методиро оид ба гузаронидани мавзӯи мазкур пешниҳод мекунем. Боварӣ дорем, ки шумо ба он вобаста ба қобилияти хонандагон ва шароити муассиса тағйиру иловаҳо ворид месозед.

**Дарси якум**

**1)** Қисмати ташкили дарс: хонандагон зери мусиқии маршӣ ба синф ворид мешаванд ва ба воситаи сози мусиқӣ саломномаро месароянд. Муллим ба тозагии синф диққат дода, онро ба саҳна мубаддал мешавонад, то дар вақти сурудан хонандае тавонад рақсад ё ҳаракатҳои мавзунро иҷро намояд.

**2)** Омӯзгор доир ба муаллифи суруд маълумот дода, доир ба партияҳои яккахон ва хор ба хонандагон суҳбат мекунад ва аз байни онҳо 2-3 нафари овози хуб ва ҳиссиёти баланди мусиқӣ доштаро барои солист интихоб карда, тарзи иҷрои партияро ба онҳо барои сурудан мефаҳмонад.

**3)** Омӯзгор овози хонандагонро барои сурудан тайёр мекунад. Онҳоро бо машқҳои сурудани қоторовоза аз поён ба боло ва аз боло ба поён ба шакли мелодикӣ бо иҷрои се овози асосиаш, ҳатто бо даҳони пӯшида ба ҳамовозии сози мусиқӣ месароянд.

4) Ҳангоми азхуд кардани банди аввали суруд аз рӯйи нота ва онро тавассути методи зарбӣ-шунавоӣ истифода бурдан ба манфиат аст (барои ҳисоби нота гирифта шавад). Ҳар чӣ қадар хонандагон зарб ва андозаи асари мусиқиро хуб аз худ кунанд, ҳамон қадар дар вақти сурудан ба хатогӣ камтар роҳ медиҳанд. Бояд хотиррасон намуд, ки суруд бо ду андоза 2/4 ва 6/8 иҷро карда мешавад, ки каме дар усули овозхонӣ душворӣ эҷод мекунад, вале ба ин нигоҳ накарда, омӯзгор бояд онро пай дар пай дар 2 дарс омӯзонад ва хонандагон сурудро бо шавқ аз аввал то охир ба тарзи эстрадӣ сароянд.

**5)** Шунавонидани мусиқии «Қаҳрамон» – мусиқии халқии тоҷикӣ, такмили А.Ленский. Қадамҳо ва ё тартиби маъмулии шунавонидани мусиқиро риоя карда таъкид кунед. Дар вақти шунидани мусиқӣ бояд ҳама ба хомӯшӣ риоя кунанд, то ҳар як зарб ва дарозии овоз ҳис карда шавад. Доир ба характер, суръат ва овозҳои сози мусиқӣ баҳс барпо карда, нақши ҳар кадоми ин аломатҳоро дар банду бастшавии мусиқӣ бояд шарҳ дод.

**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба қисматҳои сурудан ва шунидани мусиқӣ қайдҳои дар раванди дарс анҷомдодаро ба хонандагон муаррифӣ карда, бо дарназардошти сифатҳои азхудкунӣ ба малакаву маҳорати онҳо баҳо диҳед. Дар охири дарс барои фаҳмидани дониш, ташаккули лаёқату маҳорат ва малакаи хонандагон метавон ба тарзи тестӣ ё ба шакли анъанавӣ саволгузорӣ намуд.

Мисол: 1.Солистон аз уҳдаи иҷрои партияи овозии худ баромаданд?

а) ҳа с) қисман

б) не д) пурра

2.Баъди ҷавобҳои хонандагонро гирифтан, маҳорати онҳоро ҳамаҷониба таҳлил карда, баҳоро дар ҷамъбаст ба ҳама эълон ва ҷойҳои хаторо бори дигар ислоҳ кардан лозим аст.

Барои вазифаи хонагӣ дар мавзӯи мусиқӣ дар ҳаёти ҳаррӯзаи мо ба хонандагон дар доираи якчанд ҷумла навиштани фикри худ супориш дода, ҳамчунин аз овози **Фа** ба боло фосилаҳои соддаро аз прима то октава созанд.

**Дарси дуюм**

1) Қисмати ташкили дарс: *ворид шудан бо мусиқӣ ба дарс. Ба ҷо овардани одоби салом. Шарҳи мақсадҳои дарс тавассути қадамҳои мушаххаси фаъолиятҳо дар дарс. Мисол: “Биёед имрӯз банди аввали сурудро ба ёд оварда, баъд банди дуюми онро сароем. Тасаввур*

*кунед, ки мо оҳангеро шунида, дар бораи он фикру мулоҳизаи худро ҳамчун коршиносон баён мекунем. Хуб огоз мекунем!”*

**2)** Пеш аз оғози азхуднамоии банди дувуми суруд машқи хурди овозӣ гузаронед. Ҳамчун намуна аз банди суруди дарсҳои қаблии солҳои таҳсили гузашта, ки барои хонандагон писанд омадааст, метавонед истифода баред:







Сипас банди аввалро ба хотир оварда, азхудкунии банди дуюми сурудро вобаста ба қисматҳои “*III.Муҳокима*”, *“IV. Азхуднамоӣ” ва “V.Сурудан”*, ки дар боло омадааст, ба роҳ монда иҷро кунед. Аз банди аввали суруд якчанд нотаро, ки дар китоби дарсӣ омадааст, истифода бурда, зарби онро якҷоя бо қарсак ифода кунед.

3) Доир ба мусиқии «Қаҳрамон» –суруди халқии тоҷик, такмили А.Ленский суҳбат ташкил кунед. Сипас оҳангро шунавонед. Таассуроти хонандагонро тавассути “Рӯзномаи дубахша” инъикос кунед. Дар тахтаи синф тавассути саволҳо фикри хонандагонро навишта, аз онҳо шифоҳӣ шарҳро талаб кунед. Тавсия мекунем, ки қисматҳои рӯзномаи дубахшаро дар лавҳаи синф омӯзгор пур кунад.

Намуна:

| Иқтибос аз оҳанг | Шарҳ |
|---|---|
| | |

4) Ҷамъбаст ва робитаи мутақобила (рефлексия)-и дарсро гузаронед. Робитаи мутақобиларо тавассути чеҳраҳо ба роҳ монед. Дар тахтаи синф ва ё варақаи калон се чеҳраро ба таври зайл тасвир кунед ва онро ба се қисм тақсим кунед:

1. Хурсанд, 2. Начандон, 3. Ғамгин:

☺ 😐 ☹

Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки муносибати худро нисбат ба дарси имрӯза баҳогузорӣ кунанд ва дар зери чеҳраи мувофиқ ишора гузоранд. Тартиб ва гузоштани ишораро вобаста ба имконият, фаҳмиши синфи худ ва тарзе ки ба шумо мувофиқ аст, фаҳмонда метавонед. Аз ишораи гузоштаи хонандагон натиҷаи кори худро таҳлил карда метавонед.

**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба қисматҳои сурудан ва шунидани мусиқӣ қайдҳои дар раванди дарс анҷомдодаро ба хонандагон муаррифӣ карда, бо дарназардошти сифатҳои азхудкунӣ ба малакаву маҳорати онҳо баҳо диҳед. Бояд дар назар гирифт, ки дар раванди азхудкунии суруд ва ҳангоми иҷро кор бо ғалатҳо сурат мегирад ва омӯзгор ҳатман мушоҳидаҳои худро дорад. Тавсия мекунем, ки пеш аз ҳар дарс якчанд меъёри муваффақиятро таҳия карда, бо хонандагон муҳокима кунед ва дар охир баҳогузориро тибқи он ба роҳ монед.

## Мавзӯи 6. ВАТАНДОРӢ ШАРАФ АСТ – 2 соат

**Барнома.** Маълумот доир ба суръати марш ва лаҳни сеаломатдор. Шиносоӣ бо унсурҳои аввалини дуовозагӣ. Репертуар барои иҷро: «Ватан» шеъри А.Лоҳутӣ, мусиқии Ш.Шарифов; барои шунидан. «Гулдаста» оҳанги Х.Абдуллоев.

**Салоҳиятҳо. Хонанда:**

–бо истифода аз қоидаҳои сурудан дар ду овоз суруда метавонад;
– образҳоро дар асарҳои мусиқӣ тасаввур карда, онро ба таври эҷодӣ баён ва тасвир карда метавонад;
– аломатҳои тағйирдеҳ ва динамикиро медонад ва таркиби сурудҳои дуовозаро ба нотаҳо ҷудо карда метавонад;
– дар заминаи қонуниятҳои мусиқӣ, овозҳои лозимаро меёбад, месанҷад, бадоҳатан иҷро мекунад ва порчаи мусиқии худро эҷод мекунад.

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– порчаи сурудро дар ду овоз, вобаста ба ҳар як овоз, аввал ба таври мелодикӣ, баъдан ба таври гармоникӣ сароянд;
– сурудро аз рӯйи нота дар лаҳни сеаломатдор дар 2/4 сароянд;
– оҳангро ҳис карда, фикри худро доир ба шаклҳои овози созҳои мусиқӣ иброз кунанд;
– навишти нотаҳои камонӣ ва нуқтадорро нишон дода, ҳангоми иҷро ба мадиди онҳо диққат диҳанд;
– нотаҳои нуқтадор ва камониро ҳисоб карда, тарзи навишт ва суруданашонро тавонанд.

**Методикаи таълим.** Дар поён баъзе тавсияҳои методиро оид ба гузаронидани мавзӯи мазкур пешниҳод мекунем. Боварӣ дорем, ки шумо вобаста ба қобилияти хонандагон ва шароити муассиса тағйиру иловаҳо ворид месозед. Мавзӯи мазкур душвортар буда, он аввалин маротиба ба хонандагон дар шакли дуовозагӣ пешкаш мешавад, аз ҳамин сабаб омӯзгор бояд ба дарс тайёрии ҳаматарафа бинад, то тавонад тарзи зебо сароидани сурудҳои дуовозаро дар замири хонандагон ҷой намояд ва ин суруд дар 2 дарс азхуд карда мешавад. Омӯзгор бояд тамоми малакаю маҳорати худро барои ташаккули салоҳияти хонандагон равона созад.

**Дарси якум**

*1)* Қисмати ташкили дарс: ба синфхона дар зери оҳанги маршӣ хонандагон бояд дохил шаванд, то ки дар тамоми вақти аз худ кардани суруд дар ҳиссашон суръати марш ҷойгир бошад. Баъди одоби саломро ба ҷо овардан ба шакли ҷойгиршавии мизҳо диққат додан лозим аст ҳангоми иҷрои суруд хонандагон дар ҷойи худ қадамзании низомона кунанд. Омӯзгор бояд нақшаи азхудкунии сурудро дар 2 дарс тарҳрезӣ кунад. Хонандагон дарси якум, банди якумро ба тарзи мелодикӣ аз худ карда, баъдан то охир онро ба суръати маршӣ буррою тантананок сароянд.

2) Дар тахтаи синф номи мавзуъ ва репертуари сурудро навишта, доир ба мазмуну муҳтавои он ба хонандагон маълумот диҳед. Баъдан доир ба ҳаёт ва фаъолияти муаллифони суруд маълумоти мухтасар пешниҳод карда, хонандагонро барои иҷрои машқҳои овозӣ тайёр кардан лозим аст. Машқҳои овозиро бо ҳиҷоҳои **ма, мо, му ё да, до, ду** дар лаҳни **До**-минор бо (0,5) ним тонӣ ба боло ва аз боло ба поён иҷро кунанд. Баъд омӯзиши суруд сар мешавад, ки ҳамон тарзи як маротиба оҳангро навохтан ва маротибаи

дуюм навохтаю сароидани омӯзгор лозим аст, то дар хотираи онҳо ҳаракати оҳанг ҷой гирад ва баъд қисм-қисм суруд ба хонандагон омӯзонида шавад, то ки як банд ва дарси дуюм, банди дуюм ва то охир суруд бо оҳанг дар суръати маршӣ бо риояи қонуниятҳои овозхонӣ суруда шавад.

*3)* Маърифати мусиқӣ: омӯзгор доир ба суръати маршӣ ба хонандагон маълумот дода, чанд мисоли дигар аз оҳангҳои маршӣ мерад ва тарзи сурудани нотаҳои камонӣ ва нуқтадорро ба онҳо мефаҳмонад ва якҷоя бо омӯзгор ин қисматро месароянд.

*4)* Ҳангоми шунидани мусиқии «Гулдаста» хонандагон бояд ба овози созҳои мусиқии рубоб диққат дода, аз рӯйи мелодияи оҳанг характери онро муайян кунанд (лирикӣ). Яъне, касро ба олами орзуҳо ва фикр кардан талқин мекунад. Баъд аз шунидани оҳанг аз хонандагон таассуроташон пурсида шавад, ки ҳисси мусиқии онҳо дар ҳамин лаҳза муайян мешавад.

**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба қисматҳои сурудан ва шунидани мусиқӣ қайдҳои дар раванди дарс анҷомдодаро ба хонандагон муаррифӣ карда, бо дарназардошти сифатҳои азхудкунӣ ба малакаву маҳорати онҳо баҳо диҳед. Доир ба маърифати мусиқӣ метавонед ба хонандагони алоҳида саволи иловагӣ пешниҳод кунед (ба салоҳияти омӯзгор).

**Дарси дуюм**

1) Қисмати ташкили дарс: ворид шудан бо мусиқӣ ба дарс. Ба ҷо овардани одоби салом. Шарҳи қадамҳои дарс вобаста ба мақсадҳои дарс.

2) Суруди «Ватан», шеъри А.Лоҳутӣ, оҳанги Ш.Шарифов. Ҳангоми сурудан зарби қисматҳои алоҳидаи сурудро иҷро кардан мумкин аст. Сипас ба қисмати охири банди суруд эътибор дода, тарзи иҷрои аломати лига аз ҷониби омӯзгор нишон дода мешавад. Ба нотаи суруд диққати хонандагонро равона карда, якчанд маротиба нотаҳои пайвастшуда нишон дода, сипас якҷоя суруда мешавад.

**3)** Маърифати мусиқӣ. Тарзи иҷрои банди сурудро, ки дар он дуовоза истифода мешавад, нишон дода, дар асоси нотаҳои он машқ карда, навишт ва хондани онро аз рӯйи нота дар якчанд фразаҳои мусиқӣ амалан машқ кунед. Тарзи навишти сурудро нишон диҳед ва дар дафтарҳо машқ кунед.

**4)** Шунидани мусиқии «Гулдаста». Аз қисмати тавсиявии шунидани мусиқӣ истифода бурда, ин лаҳзаи дарсро гузаронад. Метавонед тавассути бедор кардани тахайюлоти хонандагон мусиқиро бо чашмони пӯшида шунавонед. Пеш аз шунидан таъкид кунед, ки хонандагон тасаввуроти худро баъди шунидан баён хоҳанд кард.

**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба қисматҳои сурудан ва шунидани мусиқӣ қайдҳои дар раванди дарс анҷомдодаро ба хонандагон муаррифӣ карда, бо дарназардошти сифатҳои азхудкунӣ ба малакаву маҳорати онҳо баҳо диҳед. Доир ба маърифати мусиқӣ метавонед ба хонандагони алоҳида саволи иловагӣ пешниҳод кунед (ба салоҳияти омӯзгор) ва ё пеш аз дарс меъёрҳои муваффақият таҳия карда, бо фаъолияти ба якдигар баҳодиҳиро ба роҳ гузоред.

*Намунаи меъёрҳо:*

- машқи овозро хуб иҷро мекунад;
- нотаҳои камониро навишта, суруда метавонад;
- унсурҳои аввалини дуовозиро ҳис карда, мешунавад;
- машқҳои дуовозиро дар ду овоз суруда метавонад;

– доир ба оҳанги шунидашуда фикрашро иброз медорад;
– вобаста ба характеру лаҳни мусиқӣ, андоза ва зарби онро муайян мекунад.

Дар охири дарси дуюм бояд доир ба сифати азхудкунии мавзӯъ, малакаю маҳорат ва дониши хонандагон баҳо гузошта шавад. Омӯзгор ба он кӯшиш намояд, ки баҳои гузошта фаъолияти хонандаро пурра дар бар гирад, то дар оянда вай бароиислоҳи камбудию норасоии худ кӯшиш кунад.

## Мавзӯи 7. МУСИҚИИ ХАЛҚҲОИ ҶАҲОН ТАВЪАМАНД – 2 соат

**Барнома.** Шиносоӣ бо зарб, андоза ва пештақтеъ (затакт). Репертуар барои иҷро: «Миму» (Модар) шеъри халқии англисӣ, оҳанги Ҷ.Обидпур; барои шунидан «Ташна», оҳанги халқии тоҷикӣ дар созҳои мусиқии тоҷикӣ.

**Салоҳиятҳо. Хонанда:**

– бо истифода аз қоидаҳои сурудан дар ду овоз суруда метавонад;
– образҳоро дар асарҳои мусиқӣ тасаввур карда, онро ба таври эҷодӣ баён ва тасвир карда метавонад;
– аломатҳои тағйирдеҳ ва динамикиро медонад ва таркиби сурудҳои дуовозаро бо нотаҳо ҷудо карда метавонад;
– дар заминаи қонуниятҳои мусиқӣ, овозҳои зарурииро меёбад, месанҷад, бадоҳатан иҷро мекунад ва порчаи мусиқии худро эҷод мекунад.

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– доир ба зарб, андоза ва пештақтеъ маълумот доранд ва онҳоро иҷро мекунанд;
– овозҳои созҳои мусиқии халқиро донанд ва дар вақти иҷрои суруд аз онҳо истифода бурда тавонанд;
– ба матни шеърии ба синфи 4 мувофиқ бадоҳатан оҳанг эҷод кунанд;
– сурудро бо забони англисӣ бурроию фаҳмо сароянд.

**Методикаи таълим.** Дар поён баъзе тавсияҳои методиро оид ба гузаронидани мавзӯи мазкур пешниҳод мекунем. Боварӣ дорем, ки шумо ба он вобаста ба қобилияти хонандагон ва шароити муассиса тағйиру иловаҳо ворид месозед. Мусиқии суруди «Модар» сода буда, диапазони овози сароянрагии он барои синфҳои 2-3 рост меояд, вале азбаски матнаш ба забони англисист, муаллиф онро барои синфи 4-низ пешкаш кардааст. Дар ин ҷо пеш аз ҳама бояд ба саршавии суруд аз пештақтеъ таваҷҷуҳ намуд, ки сароиданаш каме душвор мебошад ва ҳисоби онро бояд дар 2/4 аз «И » зарби 2-юм сар кард. Суруд бояд дар 2 дарс аз худ карда шавад.

**Дарси якум**

1) Қисмати ташкили дарс: дар зери навои таскинбахш ба синф ворид шудани хонандагон ва ба ҷо овардани одоби салом. Баъди ҳозирғоиб кардан, ба онҳо доир ба иҷрои машқҳои овозӣ муроҷиат кардан лозим, ки чӣ тарз нишинанд ва тайёр шаванд.

2) Иҷрои банди якуми суруди «Миму» (Модар), шеъри халқии англисӣ, оҳанги Ҷ.Обидпур. Аз тавсияҳои қисмати дарсҳои гузашта истифода баред. Бояд дар хотир дошта бошед, ки тарзи дурусти он аввал аз ҷониби омӯзгор, сипас банд ба банд тавассути машқ бо хонандагон ва бандҳои суруд аз худ карда мешаванд. Доир ба тоза сурудани нотаҳо ва

матни суруд аҳамият диҳед. Машқи тозасароии нотаҳоро тавассути солфеджиохонӣ истифода бурда, якчанд маротиба машқ кунед.

Сурудро омӯзгор бояд дар сози мусиқӣ як бор навозад ва бори дуюм онро навохта сарояд. Ба хонандагон дар бораи нафаси мусиқиро дар кӯҷои суруд гирифтан маълумот додан лозим аст. Хотиррасон бояд кард, ки ҳар маротиба бо аз худ кардани суруд, пеш аз ҳама овози хонандагонро бо сароидани машқҳои овозии гуногун барои сурудан тайёр кардан лозим аст. Ҳамчунин бояд тазаккур дод, ки дар охири машқи овозӣ яке аз он машқҳо сурудани қаторовозаи лаҳни аз поён ба боло ва аз боло ба поён мебошад. Дар ин машқ 3 манфиат ҷой дорад:

а) Хонандагон ба давраи овозҳои лаҳнӣ ворид мешаванд;

б) Дар вақти ҳар маротиба ин машқро бо тарзҳои гуногун иҷро кардан барои аз ёд кардани қаторовоза замима мешавад;

в) Дар хонандагон фаҳмиши давраи кварта – квинтогӣ бо тадриҷ амалӣ мешавад ва онҳо ин мавзӯи мураккаби лаҳниро дар майнаи худ ҷой мекунанд, ки он дар фаҳмиши назариявии маърифати мусиқии онҳо дар оянда нақши калон гузошта, дар ташаккули маънавиёташон таъсиргузор мешавад.

3) Маърифати мусиқӣ. Маърифати мусиқиро аллакай мо қисман дар вақти иҷрои машқҳои овозӣ амалӣ намудем. Дар бораи зарб бошад, мо онро аз суруди «Модар» ба воситаи қарсак задан ба хонандагон меомӯзонем.

Омӯзгор метавонад сурудро аз рӯйи зарбу андозааш ба хонандагон ба тарзи қарсак зада, сароида ва навиштани нотаҳои онро омӯзонад.

4) Шунавонидани мусиқӣ. Тартиб ва қадамҳои гузаронидани шунидани мусиқиро фаромӯш насозед. Оҳанги «Ташна»-ро ба хонандагон пешкаш карда, дар бораи тобишҳои он баҳс ташкил кардан лозим аст, ки баъдан дар ҳамин замина лаҳни мусиқиро муайян кардан осон мешавад (оҳанги мазкур дар лаҳни **Ла**-минор навишта шудааст). Дар ин ҷо омӯзгор аз рӯйи 3 овози асосии лаҳни ля-минор **Ла, До, Ми** ба хонандагон донишҳои назариявиро хотиррасон карда, вобаста ба мафҳуми оҳангу суруд, яъне муътадилӣ, оромӣ ва азоби ташнагиро инъикос кардани онҳо ишора карда, асоснокии лаҳни **Ла**-минорро дар оҳанги «Ташна» хулоса мекунад.

**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба қисмати сурудан қайдҳои дар раванди дарс анҷомдодаро ба хонандагон муаррифӣ карда, бо дарназардошти сифатҳои азхудкунӣ ба малакаву маҳорати онҳо баҳо диҳед. Доир ба маърифати мусиқӣ метавонед ба хонандагони алоҳида саволҳои иловагӣ пешниҳод кунед (вобаста ба салоҳияти омӯзгор).

**Дарси дуюм**

**1)** Қисмати ташкили дарс: *ворид шудан бо мусиқӣ ба дарс. Ба ҷо овардани одоби салом. Шарҳи мақсадҳои дарс ва ба хотир овардани дарси гузашта. Доир ба номи суруд, маърифати мусиқӣ якчанд саволҳо пешниҳод кунед. Масалан: "Дарси гузашта доир ба кадом аломат суҳбат карда будем? Кадом сурудро иҷро намудем?" ва ғайра.*

**2)** Давоми азхуднамоии суруди «Миму» (Модар) шеъри халқии англисӣ, оҳанги Ҷ.Обидпур. Баъди дар лавҳаи синф навиштани номи мавзӯъ, дар бораи мазмуну мундариҷаи суруди «Модар» бо хонандагон суҳбат оростан лозим аст ва хуб мебуд, ки аз дигар шоирон низ порчаҳои шеърӣ дар васфи модар хонда шаванд.

*Масалан*: Эй модари ман, бахти ҷавонам,
Номи хуши ту, вирди забонам.

Ҳамин тавр, дар бораи муҳаббати модар ва нақши вай дар камолоти инсон ба хонандагон бояд нақлҳои ҷолиброрпешкаш кардан лозим аст. Дар вақти омӯзиши суруд хонандагон ба хомӯшӣ риоя кунанд. Банди дигари суруд аз ҷониби омӯзгор иҷро мешавад,

сипас хонандагон тавассути бозии “Акси овоз” онро аз худ мекунанд. Суруд ифоданок ва бурро иҷро карда мешавад, дар сурати ғалат кардани хонандагон ҷиҳатҳои нодурусти суруд бартараф карда мешавад.

3) Маърифати мусиқӣ. Дар бораи андоза ва пештақтеъ аз матни суруд истифода бурда, маънои онро фаҳмонидан зарур аст. Инчунин, оид ба он якчанд машқи амалӣ таҳия кунед ва бо хонандагон машқ кунед. Андозаи мусиқиро бо истифода аз порчаи сурудҳои дарси гузашта, зарби онро бо қарсақ задан, навишти онро дар тақтеъҳои алоҳида машқ кунед. Инчунин, шумо метавонед тарзи навишти андозаҳои гуногунро тавассути машқҳои эҷодӣ ё саволномаҳо ба роҳ монед.

*Намунаи 1:*

Андозаҳоро бо шарҳи он мувофиқ кунед (бо тирча нишон диҳед):

| **Аломат** | **Ном ё шарҳи мазмуни аломат** |
|---|---|
| 2/4 | Андозаи се чоряк аст. Дар як тақтеъ бо ҳисоби 1и 2и 3и нотаҳо шумурда мешавад. |
| 3/4 | Андозаи чор чоряк аст. Дар як тақтеъ бо ҳисоби 1и 2и 3и 4и нотаҳо шумурда мешавад. |
| 4/4 | Андозаи ду чоряк аст. Дар як тақтеъ бо ҳисоби 1и 2и нотаҳо шумурда мешавад. |

*Намунаи 2:*

Дар тақтеъҳо нотаҳоро тарзе нависед, ки дар андозаи 2/4 рост оянд:



4) Доир ба саҳифаи 59-и китоби дарсӣ ба хонандагон барои навиштани фикру андешаҳои худ дар бораи сози мусиқии дар расм тасвирёфта барои вазифаи хонагӣ ба тариқи хаттӣ супориш диҳед. Дар охири дарс хонандагон қатор шуда, бо оҳанги мусиқии ором аз синф хориҷ мешаванд.

**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба қисмати сурудан қайдҳои дар раванди дарс анҷомдодаро ба хонандагон муаррифӣ карда, бо дарназардошти сифатҳои азхудкунӣ ба малакаву маҳорати онҳо баҳо диҳед.

Дар ҷамъбасти дарс омӯзгор доир ба азхудкунии мавзӯъ ба хонандагон чанд суҳбат ва саволу ҷавоб карда, доир ба бурду бохти онҳо доир ба тарбияи зебоипарастӣ қайдҳои худро мегӯяд ва тавсияҳои судмандро пешниҳод карда, ҳамзамон донишу малакаю маҳорати шогирдонро арзёбӣ мекунад.

## Мавзӯи 8. МУСИҚӢ ВА ЛАҲНҲОИ ОН – 2 соат

**Барнома.** Маълумот дар бораи навъҳои мусиқии халқии тоҷикӣ ва лаҳнҳо дар мусиқӣ. Репертуар бо салоҳдиди омӯзгор

**Салоҳиятҳо. Хонанда:**

– бо истифода аз қоидаҳои сурудан дар ду овоз суруда метавонад;

– образҳоро дар асарҳои мусиқӣ тасаввур карда, онро ба таври эҷодӣ баён ва тасвир карда метавонад;
– аломатҳои тағйирдеҳ ва динамикиро медонад ва таркиби сурудҳои дуовозаро бо нотаҳо ҷудо карда метавонад;
– дар заминаи қонуниятҳои мусиқӣ, овозҳои заруриро меёбад, месанҷад, бадоҳатан иҷро мекунад ва порчаи мусиқии худро эҷод мекунад.

**Мақсади дарс.** *Хонандагон бояд:*
– ҳангоми сароидан овозашонро ба оҳанги мусиқӣ ҷӯр кунанд;
– талаффузи дурусти ҳиҷо, калимаро мувофиқи оҳанг (нотаҳо)-и суруд иҷро карда тавонанд;
– дар бораи навъҳои мусиқии халқи тоҷик маълумот дода тавонанд;
– лаҳни мажорро аз минор фарқ карда тавонанд;
– вобаста ба мазмуни оҳанг ақидаи худро баён карда тавонанд;

**Методикаи таълим.** Дар поён баъзе тавсияҳои методиро оид ба гузаронидани мавзӯи мазкур пешниҳод мекунем. Боварӣ дорем, ки шумо вобаста ба қобилияти хонандагон ва шароити муассиса тағйиру иловаҳо ворид месозед.

**Дарси якум**

**1)** Қисмати ташкили дарс. *Воридшавӣ ба синф:* хонандагон ба синф бо оҳанги халқии тоҷикӣ (*мажорӣ, бо интихоби омӯзгор*) ворид мешаванд. *Ба ҷо овардани одоби салом. Шиносоӣ бо мақсади дарс:* Бачаҳо, имрӯз шумо бо мафҳуми асосии дарс шинос мешавед; оҳангеро якҷоя мешунавем, такроран якчанд сурудро иҷро карда, онро таҳқиқ мекунем.

**2)** *Аз чизи шавқовар огоз мекунем:* Буд-набуд дар давлати «Лаҳнҳо» ду бародар подшоҳӣ мекарданд. Яке аз подшоҳон чунин буд (*плакатро, ки расми зерин тасвир шудааст, меовезем*);




Ба фикри шумо ӯ чӣ гуна хислат дорад?

Ӯ мусиқиро бисёр дӯст медорад. Чӣ гуна мусиқӣ бошад?

Ӯро шоҳаншоҳ ***Мажор*** мегӯянд. Мусиқие, ки ӯ дӯст медорад, дар лаҳни мажор навишта шудааст. Ин лаҳн хурсандӣ, фараҳ, хушнудӣ ва рангҳои рахшонро ифода мекунад.

*Навохтани порча аз овозҳои мажорӣ (бо хоҳиши омӯзгор аз дарсҳои қаблӣ):*

Подшоҳи дигаре чунин буд (*плакатро меовезем*):

Ба фикри шумо ин подшоҳ чӣ гуна хислат дорад?

Ӯ кадом мусиқиро дӯст медорад?




Ӯро шоҳаншоҳ ***Минор*** мегӯянд. Мусиқие, ки ӯ дӯст медорад, дар лаҳни минор навишта шудааст. Ин лаҳн ғамангез, ҳузнангез, андуҳ ва рангҳои торикро ифода мекунад. Ана гӯш кунед, ки ӯ чӣ гуна мусиқиҳоро дӯст медорад. *Навохтани порча аз овозҳои минорӣ (бо хоҳиши омӯзгор).*

3) *Шарҳи омӯзгор:* ҳар як инсон, ҳатто парандаю ҳайвонот ба худ табъ доранд. Мусиқӣ ҳам ба худ табъ дорад. Шояд, танҳо шунидани мусиқиҳои хурсандибахш аҷиб набошад ва ё баръакс-мусиқиҳои ғамангез, зеро шунидани оҳанг аз табъ ва завқи мо вобаста аст. Бинобар ин, мо имрӯз бо шумо дар бораи характери мусиқӣ ҳарф мезанем. Барои ифодаи харектери мусиқӣ лаҳн кумак мекунад, Шояд касе дар бораи ин калима маълумот дорад? Лаҳн чист? Шумо чӣ фикр доред? Баъдан бо хонандагон муҳокима ташкил кунед.

4) Асарҳои омӯхташударо истифода бурда, порчаҳо аз онҳоро барои сурудан ва шунидан барои дарки лаҳнҳои мажор ва минор истифода баред. Сипас якчанд саволро таҳия ва баррасӣ кунед.Намунаи саволҳо: Суруд дар кадом лаҳн иҷро шуд? Он хурсандиро ифода мекард ё ғамангез буд? Пас, лаҳнҳо чӣ гуна рангҳоро ифода мекунанд? Кадом лаҳнҳоро фаҳмидед?

5*) Кори эҷодӣ:* аз варақаҳои ранга истифода бурда, дар доираи лаҳнҳо ду чеҳраро тасвир кунед. Барои ин амал 5 дақиқа вақт. Суҳбат баъд аз тасвири чеҳраҳо. Ду лаҳни асосӣ вуҷуд дорад: мажор ва минор. Онҳоро боз чӣ гуна ном гирифтан мумкин аст? (ҷавоби хонандагон). Ба тахтаи синф назар афканед:

| ***Мажор*** | ***Минор*** |
|---|---|
| *хурсандибахш* | *ғамангез* |
| *фараҳбахш* | *ҳузнангез* |
| *хушнудӣ* | *андуҳ* |
| *хандонрӯй* | *гирён* |

*6) Мустаҳкамкунӣ: дар тамоми асарҳо мо мажор ё минорро вомехӯрем. Ҳатто дар* варақаҳое, ки тасвир шудаанд, шумо онро муайян карда метавонед. Кор бо варақаҳо:



*Хулосабарорӣ:* дар дарс чӣ амалҳоро иҷро намудем? Бо чиҳо шинос шудем? Дар куҷо онҳоро дидан мумкин аст?

*Рефлексия:* Бачаҳо, ҳар яки мо низ табъи худро дорем. Биёед, бо варақаҳое, ки мо дар он чеҳраҳоро тасвир намудем, табъи худро дар дарс баён кунем (*ҳисоби варақаҳо аз тарафи омӯзгор, таҳлили он*). *Ҷамъбаст, эълони баҳо ва берун шудан аз дарс бо мусиқӣ.*

**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба қисматҳои шунидан, сурудан ва маърифати мусиқӣ қайдҳои дар раванди дарс анҷомдодаро ба хонандагон муаррифӣ карда, бо дарназардошти сифатҳои азхудкунӣ ба малакаву маҳорати онҳо баҳо диҳед. Хуб мешавад, ки пеш аз оғози дарс аз мақсадҳои дарс истифода бурда, якчанд меъёрҳоро барои баҳогузорӣ таҳия намуда, бо хонандагон муҳокима карда, сипас дар охир истифода баред.

**Дарси дуюм**

*1)* Қисмати ташкили дарс: *ворид шудан бо мусиқӣ ба дарс. Ба ҷо овардани одоби салом тавассути оҳанг. Шарҳи мақсадҳои дарс тавассути гузориши омӯзгор:"*Бачаҳо, тасаввур кунед, ки дарси мо дар устохонаи санъат баргузор мешавад. Синфи мо ба як устохонае мубаддал меёбад, ки омӯзгор дар он ҷо усто мешавад. Бачаҳо, шумо дар синфи мо кӣ мешавед? Кӣ ба усто ёрӣ медиҳад? Ӯ ба кӣ барои офаридани «муъҷиза» ёрӣ медиҳад? (Хонандагон номбар мекунанд, омӯзгорислоҳҳо ва самти ҷавобҳоро муайян мекунад)». Бояд қайд намуд, ки пеш аз ворид шудан ба дарс бозии таълимиро ҳаматарафа омода ва муайян кунед.

А) марҳалаи гузаронидани бозӣ, тартиб (регламент), қоидаи бозӣ, ташкили гурӯҳҳо, кори гурӯҳӣ доир ба вазифаҳои мушаххас, тайёр кардани мавод.

Б) марҳилаи таҳлил ва ҷамъбасткунӣ: хулоса аз бозӣ, таҳлил, баҳо ва худбаҳодиҳӣ, рефлексия.

Инчунин маводди зеринро омода кунед: тахтаи синф; онро ба се қисм тақсим кунед барои дарҷ кардани ҷавобҳо ва ҳисоби натиҷаҳои бозии гурӯҳҳо; созҳои мусиқӣ, шақшақа, дойра ва ғайра; фломастерҳо, варақ, коғазҳои ранга, нишончаҳо ё рамзҳо.

2) Ман пешниҳод мекунам, ки ба се гурӯҳ муттаҳид шавем (*бо дарназардошти шумораи хонандагон омӯзгор синфро ба гурӯҳҳо муттаҳид мекунад*). *Хонандагон курсиҳоро тавре мегузоранд, ки барои муҳокима ва эҷод кардан мувофиқ бошад(1- 2 дақиқа).*

3) Акнун барои гурӯҳи худ номгузорӣ кунед ва нишонаи устохонаи худро тасвир кунед. Эҷодкорона муносибат кунед*(Хонандагон ба устохонаи худ ном гузошта, нишонаи онро тасвир мекунанд) (5 дақиқа).*

4) Бачаҳо, тасаввур кунед, ки мо бо шумо дар як ҷашни калоне ширкат дорем. Он фестивал ном дорад, ки аз тамоми миллатҳо дар он иштирок мекунанд. Вазифаи мову шумо аз он иборат аст, ки доир ба мусиқии халқии тоҷик ҳамаи он чизеро, ки медонем, нақл кунем ва якчанд асарҳоро иҷро кунем. Инчунин, фаромӯш накунед, ки дар бораи оҳангсозон низ маълумот додан шояд зарур шавад. Ҳамаи гурӯҳҳо дар бораи ин савол чизе, ки медонанд, номбар мекунанд, аммо ақидаи шунидаро такрор намекунем.

*Дар тахтаи синф номи мавзӯъ навишта шудааст:* «Мусиқии халқии тоҷикӣ» ва савол ба гурӯҳҳо: «**Дар бораи мусиқии халқи худ шумо чӣ медонед**?» (*2- 4 дақиқа*)

5) Кор дар гурӯҳҳо ҷамъбаст шуда, варианти ҷавобҳоро омӯзгор дар тахтаи синф дарҷ мекунад (*Тахтаи синф бо миқдори гурӯҳҳо тақсим карда шудааст. Барои ҳар ҷавоб гурӯҳ ҳавасманд карда мешавад (нишонча, рамз))*. Мисол, устохонаи:

| «Фалак», | «Шашмақом», | « Гуруғулӣ» |
|---|---|---|
| 1. | 1. | 1. |
| 2. | 2. | 2. |
| 3. | 3. | 3 ва ғайра. |

Саволи дуюмро омӯзгор дар тахта менависад (*хуб мешуд, агар омӯзгор саволро пешакӣ дар варақаи калон навишта омода созад ва онро овезон кунад*): **«Мусиқӣ кадом ҳиссиётҳоро таҷассум мекунад?»** (*2-4 дақиқа*). *Ҷараёни кор ба монанди вазифаи якум сурат гирифта, барои ҷавобҳои навбатии гурӯҳҳо омӯзгор нишонча медиҳад.*

Доир ба анҷоми кор бо хонандагон ба чунин хулоса омадан муҳим аст: **«Мусиқии халқӣ ва касбии тоҷик ҳиссиёти мардумро доир ба ҳаёт таҷассум мекунад».**

**6) Омӯзгор.** Бачаҳо, шумо медонед, ки ҷашнҳо бе суруду мусиқӣ шуда наметавонанд. Барои меҳмонони мо, шумо бояд сурудҳоеро, ки халқамон эҷод кардаанд, иҷро кунед. Аммо пеш аз он, ки шумо сурудеро иҷро кунед, устохонаҳои худро ба озмоишгоҳ табдил медиҳед. Барои муайян кардани он, ки кадом сурудро, бояд иҷро кунед, шумо бояд ду вазифаро иҷро кунед.

**Вазифаи №1. (5 дақиқа)** Бо матни суруд шинос шавед ва муайян кунед, ки он ба кадом жанр тааллуқ дорад. Ба кӯдакон варақаҳо бо матни сурудҳо, ки жанрҳои гуногун доранд, тақсим карда мешавад.

**Вазифаи №2. (5 дақиқа)**

Ҳангоми шунидани мусиқӣ дар ёд оред, ки онро шумо дар кадом кинофилм шунидаед *(Мусиқиеро аз филмҳои ҳунарии тоҷик шунавонед).*

**Вазифаи №3. 15 дақиқа** барои шиносоии банди аввали суруди нав ва эҷодкории кӯдакон равона мешавад. Як банди порчаи шеърино пешниҳод кунед ва супориши эҷоди мусиқӣ диҳед. Ҳангоми сурудани мусиқии эҷодшуда, талаб он аст, ки хонандагон бо тарҳи рӯй(мимика) характери сурудро нишон диҳанд. Бо нишонча кори гурӯҳе, ки нисбатан аҷоибу ғароиб аст, қадр карда мешавад. Сурудро дар охир бо хонандагон иҷро карда, муаллим бо корҳои эҷодии хонандагон муқоиса мекунад.

7) **Ҷамъбаст (3-5 дақиқа).** Дар охир омӯзгор дарсро ҷамъбаст мекунад ва муайян мекунад, ки хонандагон бо кадом табъ аз дарс мераванд. Баъд аз дарси эҷодӣ кадом таассурот боқӣ монд? Чӣ чизи навро фаҳмиданд? Оё мехоҳанд, ки боз дар чунин устохонаҳо иштирок кунанд ва устоҳои ҳақиқӣ бошанд? (Омӯзгор метавонад барои робитаи мутақобила ва муайян кардани эҳсоси хонандагон аз якчанд усул истифода намояд, мисол «чеҳраҳо», «эссе», ҷадвалҳои «робитаи мутақобила» ва ғ.)

***Вазифаи хонагӣ:*** Доир ба матни додашуда оҳангеро эҷод кунанд, инчунин якчанд сурудҳои халқии тоҷикиро аз оинаи нилгун номнавис кунанд.

**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба корҳои эҷодӣ, кори гурӯҳҳоро, бо дарназардошти сифатҳои азхудкунӣ ба малакаву маҳорати онҳо баҳо диҳед.

## Мавзӯи 9. ДАРСИ АРЗЁБӢ (дарс-консерт) – 1 соат

**Барнома.** Муайян кардани сатҳи дониш, малака ва маҳорати хонандагон доир ба фаъолиятҳои сурудан, шунидан, эҷод ва маърифати мусиқӣ дар нимсолаи аввали соли таҳсил. Усулҳои гуногуни арзёбӣ. Арзёбии инфиродии хонандагон. Таҳлил ва натиҷагирӣ.

**Салоҳиятҳо. Хонанда:**

- бо истифода аз қоидаҳои сурудан дар ду овоз суруда метавонад;
- образҳоро дар асарҳои мусиқӣ тасаввур карда, онро ба таври эҷодӣ баён ва тасвир карда метавонад;
- аломатҳои тағйирдеҳ ва динамикиро донад ва таркиби сурудҳои дуовозаро ба нотаҳо ҷудо карда метавонад;
- дар заминаи қонуниятҳои мусиқӣ, овозҳои лозимаро меёбад, месанҷад, бадоҳатан иҷро мекунад ва порчаи мусиқии худро эҷод мекунад.

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

- қоидаҳои суруданро истифода бурда, порчаи асарҳои интихобшударо дар ду овоз суруда тавонанд;
- ҳангоми шунидани порчаи оҳангҳои азхудкарда номи асар, муаллифон ва мазмуни онро гуфта тавонанд;
- тарзи пур кардани ребусҳои мушаххас, зарбҳои одиро иҷро карда тавонанд;

**Методикаи таълим.** Дар доираи мавзӯи мазкур салоҳиятҳои хонандагон доир ба фаъолиятҳои сурудан, шунидан, эҷод ва маърифати мусиқӣ санҷида, доир ба ташаккули салоҳиятҳо маълумот гирд оварда мешавад. Ин ба шумо, омӯзгорон, имкон медиҳад, ки дар кадом сатҳ қарор доштани дараҷаи салоҳиятнокии хонандагони синфи чорумро барои нимсолаи якум санҷида ба қайд гиред. Натиҷаи арзёбии мазкурро шумо метавонед минбаъд бо арзёбии салоҳиятнокии хонандагон дар нимсолаи дуюм ва охири соли таҳсил муқоиса карда, инкишофи онҳоро муайян созед. Барои омӯзгороне, ки дар синфашон шумораи хонандагон зиёд аст, барои арзёбии салоҳиятҳо шояд вақт камӣ кунад. Онҳо метавонанд аз кумаки ҳамкасбони худ истифода баранд.

Барои гузаронидани арзёбӣ намунаи дастур доир ба се самти салоҳиятҳо ва дарс-консерти намунавӣ дар зер пешниҳод мешавад, ки аз он истифода бурда метавонед. Дарс-консерт дар зарфи 45 дақиқа гузаронида мешавад. Намунаи он хеле зиёд буда фаъолиятҳои сурудан, шунидан ва маърифати мусиқиро дар вақти муайян, ба воситаву усулҳои гуногун гузаронидан мумкин аст, ки ба салоҳияти омӯзгорон вогузор карда мешавад.

*Дастур барои гузаронидани дарс – консерт.*

а) *Сурудан*

1) номгӯйи сурудҳои азхудкардаро дар вараҷи алоҳида ё тахтаи синф нависед;

2) асареро, ки барои фаъолияти сурудан истифода мешавад, интихоб кунед. Шарт нест, ки як асар дар дарс истифода шавад: а) Шумо метавонед порчаи ҳар як асари то нимсола/солона гузаштаро дар алоҳидагӣ истифода баред. б) Як асарро тавассути намоиш ё "Консерт дар назди тамошобинон" истифода баред;

3) тартиби иҷрои асарро пешниҳод карда, дар мавриди зарурӣ шарҳу эзоҳ диҳед;

4) иҷрои асарро ба роҳ монда, мушоҳидаҳои худро баён кунед ва қайдҳоятонро доир ба қисмати сурудан қайд кунед.

б) *шунидан*

1) Дастур ва саволҳоро то шунидани мусиқӣ омода кунед;

2) Порчаи асарҳои гузашта шунавонида мешавад (метавонед ду ва зиёда порчаи асарҳоро шунавонед);

3) Таҳлили асар ва суҳбат доир ба асарҳои шунида гузаронида мешавад (дар ин марҳала номи асар, муаллифон, мазмун ва муносибати хонандагон ба асари шунида фаҳмида мешавад ва тавассути марҳалаҳои шунидани мусиқӣ ва саволгузорӣ ба роҳ монда мешавад, яъне, саволҳо то шунидан ва баъд аз он муҳим аст);

4) Баёни мушоҳидаҳо ва қайди омӯзгор доир ба қисмати шунидани мусиқӣ.

в) *маърифати мусиқӣ*

1) Истилоҳ, мафҳум, қоидаҳо ва назарияи мусиқиро, ки то имрӯз омӯхтаанд, муайян кунед;

2) Тартиби иҷрои фаъолият, дастур ва машқҳои амалиро, ки барои арзёбии мафҳумҳои омӯхташаванда истифода бурда мешавад, таҳия кунед (вараҷаҳо, саволу супоришҳои амалӣ, тест ва монанди онҳо).

3) Супоришҳоро ба хонандагон тақсим кунед (шарт нест, ки ба ҳама дар бораи як мавзӯъ ё мафҳум супориш пешниҳод кунед).

4) Барои иҷро вақт диҳед ва кори онҳоро шунавед;

5) Натиҷаи корҳоро баррасӣ карда, қайдҳоро оид ба ин қисмат дарҷ кунед.

Натиҷаи ҳамаи кори хонандагонро баррасӣ карда, арзёбии фаъолиятҳоро дар умум баррасӣ ва дарҷ кунед. Арзёбии ҷамъбастиро ба хонандагон баён кунед, то ки натиҷаи кори худро донанд.

## НИМСОЛАИ ДУЮМ (17 СОАТ)

### Мавзӯи 1. БАҲОР – ФАСЛИ ГУЛҲО – 2 соат

**Барнома.** Шиносоӣ бо паузаҳо (аломати хомӯшӣ) ва намудҳои он. Репертуар: барои иҷро: «Туҳфаи баҳор» – шеъри Н.Бақозода, мусиқии Ҷ.Обидпур; барои шунидан: «Бадахшон» оҳанги З.Зулфиқоров.

**Салоҳиятҳо. Хонанда:**

- бо истифода аз қоидаҳои сурудан дар ду овоз суруда метавонад;
- образҳоро дар асарҳои мусиқӣ тасаввур карда, ба таври эҷодӣ баён ва тасвир карда метавонад;

– аломатҳои тағйирдеҳ ва динамикиро медонад ва таркиби сурудҳои дуовозаро бо нотаҳо ҷудо карда метавонад;

– дар заминаи қонуниятҳои мусиқӣ, овозҳои зарурииро меёбад, месанҷад, бадоҳатан иҷро мекунад ва порчаи мусиқии худро эҷод менамояд.

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– сурудро дар лаҳни додашудаи ду аломатдор дар 6/8 иҷро кунанд;

– паузаҳоро донанд ва дар вақти иҷро риоя кунанд;

– аломатҳои мусиқии дар оҳанги суруд бударо донанд ва иҷро кунанд;

– доир ба мусиқии шунида фикрашонро баён кунанд ва овози сози мусиқиро шиносанд.

**Методикаи таълим.** Дар поён баъзе тавсияҳои методиро оид ба гузаронидани мавзӯи мазкур пешниҳод мекунем. Боварӣ дорем, ки шумо ба он вобаста ба қобилияти хонандагон ва шароити муассиса тағйиру иловаҳо ворид месозед.

То аз худ кардани суруд бояд омӯзгор дар бораи фасли баҳор, зебогӣ ва нафъи он ба хонандагон маълумот дода, дар бораи вожаи шоир ва бастакор донишҳоро ба хонандагон ироа намояд. Ҳамчунин мухтасар дар бораи ҳаёт ва фаъолияти муаллифон маълумот диҳад. Лаҳни сурудро бояд омӯзгор муайян намояд, ки он **Ре**-мажор буда, ду аломати баландкунанда (#)- и овоз дорад, **Фа #, До#.** Дар вақти сурудан ба тағйирёбии овозҳо бояд диққат дод. Мавзӯъ бояд дар 2 дарс тарҳрезӣ шуда, суруд бо тамоми хусусиятҳои мусиқияш то охир аз худ карда ва суруда шавад.

**Дарси якум**

1) Қисмати ташкилии дарс. Зери навои оҳанги характери зиндадилона дошта хонандагон қатор шуда, ба синф медароянд, ки ин амал аз тарафи омӯзгор ба воситаи навохтан дар сози мусиқӣ ё ба васоити техникӣ иҷро мешавад. Баъди одоби саломро ба ҷо овардан, доир ба давомоти хонандагон аз навбатдор ё сардори синф маълумот мегирад ва шурӯъ ба дарс мекунад.

2) Номи мавзӯъро дар тахтаи синф бо ҳамроҳии таърихи рӯз навишта, доир ба паҳлуҳои гуногуни машғулият ба хонандагон маълумот медиҳад. Аз ҷумла дар бораи суруди «Туҳфаи баҳор», аломатҳои паузаҳо (аз маърифати мусиқӣ) ва шунидани оҳанги «Бадахшон», яъне дар бораи се самти фаъолият дар дарс хонандагонро огоҳ мекунад ва ҳар як самтро дар алоҳидагӣ не, балки дар алоқамандӣ бо як дигар меомӯзонад.

3) Пеш аз ҳама дар бораи мазмуну мундариҷаи суруди «Туҳфаи баҳор» ва муаллифон маълумот медиҳад ва оҳанги сурудро як маротиба менавозад. Маротибаи дуюм онро навохта, худаш бо ҳамовозии сози мусиқӣ аз аввал то охир месарояд, то кидар хотири хонандагон нақш бандад. Ҷойҳои душворро нишон дода, таъкид мекунад, ки хонандагон дар сурудан бодиққат бошанд ва хоҳиш мекунад, ки ба сурудан тайёр шаванд. Дар аввал машқҳои овозиро, ки дар китоби дарсӣ дода шудааст хонандагон иҷро мекунанд ва мо тавсия медиҳем, машқи **«ма-мо-му»**-ро аз поён ба боло ва аз боло ба поён **«да-до-ду»**-ро дар лаҳни ре-мажор 0,5 тонӣ (ним пардагӣ) иҷро кунанд, ки дар натиҷа хуб ба доираи лаҳн ворид мешаванд. Баъдан омӯзгор аз байни хонандагон 4 нафар солист, 2 писар ва 2 духтарро ҷудо карда, партияи онҳоро омӯзонида, сипас ба партияи хор мегузорад ва ба хонандагон банди якуми сурудро меомӯзонад.

4) Аломатҳои паузаҳо (хомушӣ) вобаста ба намудҳояш пурра, нисфӣ, чорякӣ, ҳаштякӣ ва шонздаҳякӣ, ки дар оҳанги суруд қисме аз онҳо мавҷуд мебошанд, омӯзонида мешаванд.

5) Оҳанги «Бадахшон» (муаллиф З.Зулфиқоровро) дар навозиши сози сетор ё рубоби бадахшонӣ ба хонандагон пешниҳод карда мешавад. Баъди шунидани оҳанг дар атрофи он баҳс ба вуҷуд оварда, ҳар як лаҳзаи онро аз ҷиҳати банду баст ва мувофиқатии овози сози мусиқӣ бо оҳанг таҳлилу муқоиса карда, овози сози мусиқиро муайян карда, онро дар хотири хонандагон мустаҳкам бояд кард.

**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба маърифати мусиқӣ, қисматҳои сурудан ва шунидани мусиқӣ қайдҳои дар раванди дарс анҷомдодаро ба хонандагон муаррифӣ карда, бо дарназардошти сифатҳои азхудкунӣ ба малакаву маҳорати онҳо баҳогузорӣ кунед. Доир ба маърифати мусиқӣ метавонед ба хонандагони алоҳида саволи иловагӣ пешниҳод кунед.

**Дарси дуюм**

1) Қисмати ташкили дарс: *ворид шудан бо мусиқӣ ба дарс. Ба ҷо овардани одоби салом.*

*Шиносоӣ бо мақсади дарс.*

2) Аз дарси гузашта банди якуми сурудро ба пуррагӣ сароед. Онро ба тариқи бозӣ, қарсак ва пойкӯбӣ истифода бурда, баъзе нотаҳои душворро такроран машқ кунед. Баъдан омӯзгор аз байни хонандагон 4 нафар солист, 2 писар ва 2 духтарро ба сифати яккахон ҷудо мекунад ва партияи хорро ба дигар хонандагон аз банди дуюм суруд меомӯзонад.

3) Оҳанги «Бадахшон», муаллиф З.Зулфиқоровро бо тартиби муайяни марҳалаҳои шунидан баргузор кунед (метавонед онро бо методи “Мусиқиро тасвир мекунем” гузаронед. Дар ин асно шунидани мусиқиро бо оҳанги на он қадар баланд иҷро карда, тасвир карданро дастур диҳед. Ба дигарон халал нарасониданро таъкид кунед. Пеш аз шунидани оҳанги такрорӣ кори хонандагонро назорат карда, тавсияҳо диҳед ва сипас онро гузаронед. Муаррифиро дар асоси хоҳиши хонандагон ба роҳ монед).

4) Шаклҳои гуногуни фосилаҳо (паузаҳо)-ро дар лавҳаи синф тасвир кунед. Онро ба хонандагон пешниҳод карда, дастур диҳед, ки шакли фосилаҳоро муайян карда, мавқеи онҳоро шарҳ диҳанд. Зарби нотаҳои муайянро, ки бо фосилаҳо (танфис, аломати хомӯшӣ) мувофиқанд, номбар карда, онро бо қарсак нишон диҳанд. Ин зарбҳоро аввал омӯзгор метавонад иҷро карда, такрорашро аз хонандагон талаб намояд.

**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба қисматҳои сурудан ва шунидани мусиқӣ қайдҳои дар раванди дарс анҷомдодаро ба хонандагон муаррифӣ карда, бо дарназардошти сифатҳои азхудкунӣ ба малакаву маҳорати онҳо баҳо диҳед. Доир ба маърифати мусиқӣ метавонед ба хонандагони алоҳида саволи иловагӣ пешниҳод кунед.

## Мавзӯи 2. Парандаҳо беозоранд – 2 соат

**Барнома.** Шиносоӣ бо лаҳни до-мажори гармоникӣ. **Репертуар:** барои иҷро: «Чӯҷаҳои заррин», шеъри Ҷ. Ҳошимӣ, мусиқии Қ. Яҳёзода; барои шунидан: «Аскарча» мусиқии халқии тоҷики, такмили А.Одинаев.

**Салоҳиятҳо. Хонанда:**

– бо истифода аз қоидаҳои сурудан дар ду овоз суруда метавонад;

– образҳоро дар асарҳои мусиқӣ тасаввур карда, онро ба таври эҷодӣ баён ва тасвир карда метавонад;

– аломатҳои тағйирдеҳ ва динамикиро медонад ва таркиби сурудҳои дуовозаро ба нотаҳо ҷудо карда метавонад;

– дар заминаи қонуниятҳои мусиқӣ, овозҳои заруриро меёбад, месанҷад, бадоҳатан иҷро мекунад ва порчаи мусиқии худро эҷод мекунад.

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– сурудро табиӣ ва бо оҳанг иҷро кунанд (сароянд);

– лаҳни суруд до-мажори гармоникиро донанд ва суруда тавонанд;

– дар вақти сароидан ба талаффузи ҳарфҳои “р”, “н” диққат диҳанд;

– оҳангро тибқи қоидаҳо шунаванд ва дар бораи он фикрашонро гӯянд.

**Методикаи таълим.** Дар поён баъзе тавсияҳои методиро оид ба гузаронидани мавзӯи мазкур пешниҳод мекунем. Боварӣ дорем, ки шумо ба он вобаста ба қобилияти хонандагон ва шароити муассиса тағйиру иловаҳо ворид месозед.

Омӯзгор дар бораи суръат ва лаҳни суруд маълумот медиҳад. Дар ҳамин раванд доир ба ҳаёту фаъолияти муаллифони суруд Ҷ. Ҳошимӣ ва Қ. Яҳёзода маълумот дода, диққати хонандагонро ба тарзи иҷрои тобишнокии овозҳо **(mf, mp)** равона сохта, тарзи сурудани онҳоро нишон медиҳад. Суруд ба тарзи анъанавӣ – халқӣ дар 2 дарс бояд иҷро карда шавад.

**Дарси якум**

1) Қисмати ташкили дарс. Хонандагон дар паси дари синф тайёр шуда, баробари овоз додани занги мактаб дар зери навои халқӣ ба синф ворид шуда, одоби саломро ба ҷо меоранд. Омӯзгор баъди ҳозирғоиб кардани хонандагон номи сурудро дар лавҳаи синф навишта, доир ба мазмуну мундариҷаи он маълумот медиҳад. Баъдан ба хонандагон барои аз худ кардани суруд тавсияҳо пешниҳод карда, онҳоро ба дарс тайёр мекунад, яъне тарзи иҷрои сурудро нишон медиҳад. Аввал оҳанги сурудро дар сози мусиқӣ як маротиба бо ҳардуи бандҳояш менавозад ва маротибаи дуюм онро навохта, худ месарояд. Дар бораи ҷойҳои душвори оҳанг маслиҳат медиҳад ва овози хонандагонро ба воситаи машқҳои овозии дар китоби дарсӣ додашуда барои сурудан тайёр мекунад. Ҳаминро бояд қайд кард, ки дар ҳамаи ин давра хонандагон бояд хомӯшона ба фаъолияти омӯзгор назорат кунанд.

2) Кор бо хонандагон дар азхудкунии малакаҳои аввалини вокалӣ-хорӣ ба он равона карда мешавад, ки овози хонандагон барои сароидани суруд дуруст ба роҳ монда ва эҳтиёткорона нигоҳ дошта шавад, то ки он рӯз то рӯз сайқал ёбад. Аз ин рӯ, омӯзгор бояд донад, ки дастгоҳи овози кӯдакон рӯз ба рӯз ва сол то сол аз рӯйи баландӣ, қувватнокӣ ва нафисӣ тағйир меёбад. Дар баробари мустаҳкамкунии озодонаю табиии сароидан, омӯзгор бояд ба он диққат диҳад, ки кӯдакон дар вақти сароидани суруд бодиққат бошанд ва сурудро пеш аз ҳама бо ҳамаи аломатҳои мусиқию нозукияш сароянд. Ба васеъшавии диапазони овози сарояндагии онҳо аҳамияти махсус диҳад, ки ин муваффақият дар натиҷаи машқҳои гуногуни мутобиққунии овоз ва сароидани шаклҳои гуногуни сурудҳои репертуари барномаи мактабӣ амалӣ мешавад. Дар баробари васеъшавии диапазони овози кӯдакон набояд онро фаромӯш кард, ки беаҳамиятӣ нисбат ба овози шогирдон метавонад

дар овози онҳо дағалӣ оварад. Омӯзгорон аз надонистани меъёри овозашон ба хонандагон сароидани сурудҳои ба меъёри овози онҳо хос набударо месупоранд ва сароидани онро талаб мекунанд. Омӯзгорон бояд бохабар бошанд, ки меъёри овоз дигар асту меъёри овози сарояндагӣ дигар ва дар вақти сароидани хонандагон ин хусусиятҳоро ҳамавақт пеши назар дошта бошанд. Аз ин рӯ дар вақти сароидани машқҳои овозӣ ва сурудҳо омӯзгор дар бораи дуруст гирифтани нафаси сарояндагӣ, талаффузи бурройи овоз, тозагии овоз, васеъшавии тамоми дастгоҳи мусиқиқабулкунии онҳо диққат диҳад. Ҳангоми таълими суруд он қисм- қисм бояд аз рӯйи нота омӯзонида шавад. Хуб мебуд, ки омӯзгор аз методи зарбӣ-шунавоӣ (чаппак задан) моҳирона истифода бурда, банди аввали сурудро бо оҳанг аз худ кунонад.

3) Омӯзгор бояд ба он кӯшиш намояд, ки ба хонандагон оҳангҳои ба синну соли онҳо мувофиқро шунавонида, дар атрофи он суҳбат ташкил намояд, ё якчанд оҳангро шунавонида онҳоро ба якдигар аз рӯйи характер, суръат, зарб ва андоза муқоиса кунад. Мақсади шунидани мусиқӣ дар хонандагон ташаккул додани маданияти мусиқидарккунӣ буда, дар ҳамин замина дар онҳо ҳосил кардани робитаи муттасил ба мусиқӣ мебошад. Шунидани мусиқӣ ба эҳсосоти хонандагон таъсир расонида, фаҳмиши бадеиро ташаккул дода, ҷаҳони ботинии онҳоро бой намояд, дар рӯҳияи зебоипарастӣ, хештаншиносӣ, ватандӯстӣ тарбия менамояд, то хонандагон фикри худро доир ба ҳар кадом жанри мусиқӣ иброз дошта тавонанд.

4) Кори омӯзгор дар вақти рушд додани овозхонии мелодикӣ аз назарияи мусиқӣ оғоз мешавад ва шаклҳои гуногуни сурудан ва шунидани мусиқӣ асосан аз назарияи мусиқӣ сарчашма мегирад. Масалан, дар вақти сароидани суруди имрӯза хонандагон бояд фосилаҳои секундаи хурд, терсияи калон ва ғайраҳоро омӯзанд, сохта тавонанд ва дар навбати худ сароянд, то ки сурудро дуруст иҷро кунанд. Ҳамчунин барои аз тоникаи суруд ба боло ва поён сохтани ин фосилаҳо ба хонандагон вазифаи хонагӣ додан лозим аст.

**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба қисматҳои сурудан ва шунидани мусиқӣ қайдҳои дар раванди дарс анҷомдодаро ба хонандагон муаррифӣ карда, бо дарназардошти сифатҳои азхудкунӣ ба малакаву маҳорати онҳо баҳо диҳед. Доир ба маърифати мусиқӣ метавонед ба хонандагони алоҳида саволи иловагӣ пешниҳод кунед.

**Дарси дуюм**

1) Қисмати ташкили дарс: *ворид шудан бо мусиқӣ ба дарс. Ба ҷо овардани одоби салом.*

*Шарҳи мақсад (ба салоҳдиди омӯзгор)ва ба хотир овардани қадамҳои асосии дарси гузашта.*

2) Дарси гузашта мо дар бораи сохтани лаҳни “**до** мажор”-и гармоникӣ суҳбат кардем. Имрӯз мо дар бораи ҳамон қоида суҳбат мекунем, аммо дар аввал лаҳни “**Ла** минор” ва “**Ла** минор” онро такрор мекунем. Дар лавҳаи синф ба таври графикӣ “лаҳни **Ла** мажор” ва “**Ла** минор”-ро тасвир карда фахмонед. Овози онҳоро дар фортепиано навохта, тарзи навиштро бори дигар нишон диҳед:







Метавонед ин тавр фаҳмонед: биёед аккорди аввалро интихоб мекунем ва менавозем: масалан, “**Ла**” –“**До**” –“**Ми**”. Дар ин маврид мо лаҳни ля минорро иҷро кардем. Мепурсед, ки чӣ тавр? Барои он ки мо ҳамаи фосилаҳоро аз нотаи ля оғоз кардем ва нотаи “**Ла**” сарпарда (тоника) ба ҳисоб меравад. Барои чӣ минор? Нигаред: боз як сеовозаро иҷро мекунем, аммо ба ҷойи “**До**”- “**До**-диез”-ро истифода мебарем, ки дар ин маврид терсияи калонро менавозем. Дар ин сурат “**Ла**-мажор” мешавад. Бубинед, ки дар ду сеовоза мо танҳо фосилаи терсияҳоро иваз кардем, ки мажор ва минорро ба вуҷуд овард. Бо истифода аз шарҳи мазкур мо “**до** мажор”-ро ба хотир оварда, дигар сеовозаҳоро ташкил ва месозем. Онро дар якчанд сеовозаҳо машқ кунед.

3) Идомаи сурудани «Чӯҷаҳои заррин», шеъри Ч. Ҳошимӣ, мусиқии Қ. Яҳёзода. Пеш аз банди дуюмро аз худ кардан аз ҳаракатҳои мавзуни даст истифода бурда, унсурҳои рақсро вобаста ба банди аввал нишон диҳад. Инчунин, омӯзгор метавонад, ки аввал сурудро ифоданок иҷро карда, сипас азхудкунии банди дуюм ва иҷрои пурраи сурудро бо хонандагон фаҳмонад.

4) Шунавонидани «Аскарча» – мусиқии халқии тоҷикӣ, такмили А.Одинаев. Доир ба оҳанг ва мазмуни он суҳбат ташкил карда, аз қадамҳои иҷрои шунавонидани мусиқӣ истифода баред.

**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба қисматҳои сурудан ва шунидани мусиқӣ қайдҳои дар раванди дарс анҷомдодаро ба хонандагон муаррифӣ карда, бо дарназардошти сифатҳои азхудкунӣ ба малакаву маҳорати онҳо баҳо диҳед. Доир ба маърифати мусиқӣ метавонед ба хонандагони алоҳида саволи иловагӣ пешниҳод кунед.

**Мавзӯи 3. ТАБИАТ – ДӮСТИ ИНСОН – 2 соат**

**Барнома.** Шиносоӣ бо аломатҳои назди калид ва унсурҳои суруди дуовоза. Репертуар барои иҷро оҳанги халқӣ-тоҷикӣ «Гулбед», шеъри Гулназар, мусиқии Ҷ.Обидпур, барои шунидан: «Оҳуи дар кӯҳсор».

**Салоҳиятҳо. Хонанда:**

– бо истифода аз қоидаҳои сурудан дар ду овоз суруда метавонад;

– образҳоро дар асарҳои мусиқӣ тасаввур карда, онро ба таври эҷодӣ баён ва тасвир карда метавонад;

– аломатҳои тағйирдеҳ ва динамикиро медонад ва таркиби сурудҳои дуовозаро бо нотаҳо ҷудо карда метавонад;

– дар заминаи қонуниятҳои мусиқӣ, овозҳои заруриро меёбад, месанҷад, бадоҳатан иҷро мекунад ва порчаи мусиқии худро эҷод мекунад.

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– сурудро дар лаҳни до-минор бо унсурҳои дуовозагӣ иҷро кунанд;

– дар вақти сурудан партияи овози худро иҷро карда тавонанд;

– ба аломатҳои назди калид аҳамият дода, онҳоро донанд ва сароянд;

– қисматҳои сурудро донанд ва онҳоро бо зарбу андозаашон иҷро кунанд;

– мусиқиро шунида, зарб, суръат ва андозаи онро муайян карда, овози сози мусиқиро шиносанд;

**Методикаи таълим.** Дар поён баъзе тавсияҳои методиро оид ба гузаронидани мавзӯи мазкур пешниҳод мекунем. Боварӣ дорем, ки шумо ба он вобаста ба қобилияти хонандагон ва шароити муассиса тағйиру иловаҳо ворид месозед.

Дар бораи табиат маълумот дода, омӯзгор нақши онро дар ҳаёти инсон махсус қайд мекунад ва мувозинати ҳаётро бо табиат дар ҳамбастагӣ зикр мекунад. Аҳамияти дарахтон дар ҳаёти инсон, яъне бо оксиген таъмин карданро фаҳмонида, шарҳ диҳад, ки матну оҳанг дар симои гулбед нозукии табиатро таҷасум мекунад. Лаҳни сурудро муайян карда(**До-**минор), барои дуруст сурудани овозҳои он, пеш аз ҳама дар бораи он тасаввурот доштанро зикр намояд ва тарзи сурудани аломати бемолро ба онҳо нишон дода, дар бораи сеовозаи асосии лаҳн, ки ҷиҳатҳои фарқкунандаи он мебошад, маълумот диҳад. Ин мавзӯъ бояд дар ду дарс аз худ карда шавад.

**Дарси якум**

1) Қисмати ташкили дарс: хонандагон дар зери мусиқии халқӣ ба синф ворид шуда, одоби саломро ба ҷо меоранд ва омӯзгор онҳоро ҳозирғоиб карда, ба гузаронидани машғулияти суруду мусиқӣ оғоз мебахшад. Омӯзгор номи мавзӯъро дар тахтаи синф бо таърихи рӯз навишта, доир ба ҳар се қисмати раванди дарс ба хонандагон маълумот медиҳад ва онҳоро барои машғулият тайёр карда, вазифаи гузашта (хонагӣ)-ро мепурсад ва дар бораи таври вокалӣ-хорӣ сурудан каме маълумот медиҳад.

2) Дар бораи мазмуну мундариҷаи суруд ба хонандагон нақл карда доир ба худи калимаи «гулбед» маълумот медиҳад. Доир ба ҳаёт ва фаъолияти муаллифон маълумоти кӯтоҳ дода, лаҳни суруд, андоза, зарб ва суръати онро мефаҳмонад ва худ низ онҳоро иҷро мекунад. Дар вақти омӯзонидани суруд бори дигар диққат додан ба оҳанги онро хотиррасон мекунад. Аввал як бор оҳанги сурудро дар сози мусиқӣ менавозад ва бори дуюм онро навохта матнро то охири банди дуюм месарояд. Дар қисмати дуюми суруд андозаю суръати суруд тағйир меёбанд, ки он бояд махсус нишон дода шавад, то ин ки хонандагон дар вақти сурудан аз як зарбу андоза ба зарбу андозаи дигар саросема нашуда гузаштанро донанд. Баъди ҳамаи инро фаҳмонидан ва нишон додан, барои сурудан тайёр кардани хонандагон фаро мерасад. Ба хонандагон машқҳои овозиро дар лаҳни до-минор ба боло **Y До Ре, bМи, Фа Y, Сол, bЛа, bСи, До Y** ба поён сароида, ҳамин машқро бо даҳони пӯшида бо ҳамовозии сози мусиқӣ ба поён (ҳм) гуфта иҷро кунанд, то нафосати овозҳои **bМи, bЛа-** ро дарк карда тавонанд.

3) Оҳанги «Оҳуи дар кӯҳсор» мусиқии халқии тоҷикиро бодиққат шунида, доир ба он баҳс ташкил кардан лозим аст, то дар раванди ин баҳс хонандагон лаҳн, суръат, зарб ва дилнишинии оҳангро муайян кунанд.

**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба қисматҳои сурудан ва эҷоди мусиқӣ қайдҳои дар раванди дарс анҷомдодаро ба хонандагон муаррифӣ карда, бо дарназардошти сифатҳои азхудкунӣ ба малакаву маҳорати он баҳо диҳед. Доир ба маърифати мусиқӣ метавонед ба хонандагони алоҳида саволи иловагӣ пешниҳод кунед.

**Дарси дуюм**

1) Қисмати ташкили дарс: *ворид шудан бо мусиқӣ ба дарс. Ба ҷо овардани одоби салом.*

*Шарҳи қадамҳои дарс(ба салоҳдиди омӯзгор).*

2) Пеш аз сурудан машқи овозиро фаромӯш накунед (метавонед ба сифати машқи овозӣ аз банди аввали суруди дарси гузашта истифода баред). Бо истифода аз методикаи азхуднамоии банди аввали суруд машқи азхудкунии банди дуюмро гузоред. Пеш аз банди дуюм аз ҳаракатҳои мавзуни даст истифода бурда, унсурҳои рақсро фаҳмонад. Дар ин ҳолат дарс бештар шавқовар мешавад. Инчунин, омӯзгор метавонад, ки аввал сурудро ифоданок иҷро карда, сипас азхудкунии банди дуюм ва иҷрои пурраи сурудро бо хонандагон нишон диҳад.

3) Ба нотаҳои суруд, ки дар китоби дарсӣ омадаст, кор бурда, аломатҳои назди калидро нишон диҳед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки фарқи онҳоро дар навишт, вазифа ва мавқеяшонро онро дар мусиқӣ шарҳ диҳанд.

**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба қисматҳои сурудан ва эҷоди мусиқӣ қайдҳои дар раванди дарс анҷомдодаро ба хонандагон муаррифӣ карда, бо дарназардошти сифатҳои азхудкунӣ ба малакаву маҳорати онҳо баҳо диҳед. Доир ба маърифати мусиқӣ метавонед ба хонандагони алоҳида саволи иловагӣ пешниҳод кунед.

## Мавзӯи 4. ЗИНДАГӢ – ҲАЁТ АСТ – 2 соат

**Барнома.** Маълумот дар бораи андозаи 7/8. Репертуар барои иҷро «Дӯстдори зиндагӣ», шеъри А.Насимӣ, оҳанги халқӣ, такмили Ҷ.Обипур. Барои шунидан: ташкил кардани суруд-чистон

**Салоҳиятҳо. Хонанда:**

– бо истифода аз қоидаҳои сурудан дар ду овоз суруда метавонад;

– образҳоро дар асарҳои мусиқӣ тасаввур карда, онро ба таври эҷодӣ баён ва тасвир карда метавонад;

– аломатҳои тағйирдеҳ ва динамикиро медонад ва таркиби сурудҳои дуовозаро бо нотаҳо ҷудо карда метавонад;

– дар заминаи қонуниятҳои мусиқӣ, овозҳои заруриро мeёбад, месанҷад, бадоҳатан иҷро мекунад ва порчаи мусиқии худро эҷод мекунад.

‚**Мақсади дарс.** *Хонандагон бояд:*

– лаҳни сурудро муайян карда тавонанд;

– дар андозаи 7/8 овозхонӣ карда тавонанд;

– аз рӯйи иҷрои мусиқӣ суръат, зарб ва андозаю характерашро муайян кунанд;

– суръат, андоза ва зарби оҳанги иҷрошударо ёбанд.

**Методикаи таълим.** Дар поён баъзе тавсияҳои методиро оид ба гузаронидани мавзӯи мазкур пешниҳод мекунем. Боварӣ дорем, ки шумо ба он вобаста ба қобилияти хонандагон ва шароити муассиса тағйиру иловаҳо ворид месозед. Омӯзгор пеш аз он, ки сурудро ба хонандагон омӯзонад, дар бораи мақсаду мароми суруд суҳбати кӯтоҳе анҷом дода, нақши мусиқию сурудро дар ҳаёт нишон медиҳад. Доир ба фаъолияти муаллифон ва шакли оҳангҳои халқӣ ба хонандагон суҳбат мекунад ва дар ҳамин раванд оид ба чӣ тавр муайян кардани лаҳни суруд ба хонандагон маслиҳат медиҳад ва онро якҷоя муайян мекунанд. Лаҳни суруд до-мажор буда, дар назди калид аломат надорад ва суръаташ низ хушҳолона аст, ки ин баёнгари мусиқии мажорӣ мебошад.

**Дарси якум**

1) Қисмати ташкили дарс: хонандагон баробари овози занг зери навои мусиқии мажорӣ (зиндадилона, рӯҳафзо) ба синф ворид шуда, одоби саломро баҷо меоваранд ва ҷойҳои худро ишғол мекунанд. Омӯзгор баъди фаҳмидани давомоти хонандагон, онҳоро ба ду гурӯҳ – овозҳои духтарона тарафи дасти чап ва овозҳои писарона тарафи дасти рост, тақсим мекунад ва ба машғулият оғоз мебахшад.

2) Номи мавзӯи дарсиро дар лавҳаи синф якҷоя бо таърихи рӯз навишта, ҳамаи паҳлуҳои дарси имрӯза (сурудан, маърифати мусиқӣ, шунидани мусиқӣ ва эҷод)-ро ба хонандгон муаррифӣ мекунад ва доир ба таърихи эҷодшавии суруд ва маънои он маълумот медиҳад. Суруди «Дӯстдори зиндагӣ» оҳанги халқӣ, яке аз сурудҳои дӯстдоштаи мардуми тоҷик дар асри гузашта ба ҳисоб мерафт ва онро аввалин маротиба Ҳофизи халқии Тоҷикистон Иброҳим Кобулиев бо ҳамовозии сози сетор иҷро кардааст, ки хусусияти болидарӯҳиро дорост ва он бояд бо завқ суруда шавад. Барои шинос кардани хонандагон бо оҳанги суруд омӯзгор онро аввал як бор менавозад ва маротибаи дуюм дар сози мусиқии «рубоб» навохта, аз аввал то охирин мисраъҳо месарояд ва доир ба ибтидо, авҷ, бозгӯ ва хотима хонандагонро шинос мекунад ва онҳоро ба сурудан тайёр мекунад. Аввал ба хонандагон машқи овозии қаторовозаи **«Ү До, Ре, Ми, Фа, Сол, Ла, Си, До»**-ро бо 2 нафас сурудан ба боло ва 2 нафаси дигар сурудан ба поён анҷом медиҳад. Сеовозаи асосии онро низ ба болою поён бо 1 нафас месароянд: **До, Ми, Сол.** Ҳаминро бояд қайд намуд, ки пеш аз саршавии суруд дар шаш тақтеъ мусиқии суруд (ибтидо)-и он навохта мешавад ва баъдан суруд аз овози **До 1** сар мешавад ва авҷи баланди он нотаи **До 2** аст, ки онро писарбача иҷро мекунанд. Баъди мисраи 1 мисраҳои 2,3,4 ду бор бо аломати реприза такрор меёбанд. Ҳамчунин, аломати дигари такрор ишора ба он мекунад, ки суруд якчанд маротиба такрор меёбад. Мо пешниҳод мекунем, ки суруд тақтеъ ба тақтеъ дар як мисраи мусиқӣ аз худ карда шавад.

3) Маърифати мусиқӣ. Хонандагон андозаи сурудро бояд хуб омӯзанд, тарзе ки зарби доира дар китоби дарсӣ нишон дода шудааст. Лаҳни сурудро метавонед аз рӯйи сеовозаҳои асосии лаҳнҳои беаломатдори давраи кварта-квинтогӣ муайян кунед.

1 3 5

**До**-мажор; **До Ми Сол**

1 3 5

**Ла**-минор; **Ла До Ми**

Акнун месанҷем, ки суруд аз кадом сеовоза ё тоникаи он сар шуда, дар кадом овоз хотима ёфтааст.

Суруд аз нотаи до 1 сар шуда, авҷаш то сол 1-то до 2 мерасад ва боз дар овози до 1 хотима меёбад. Яъне, тоникаи суруд до1 мебошад ва боз ба до1 хотима меёбад ва аз ин ҷо муайян мешавад, ки лаҳни суруд до-мажор буда, диапазони овозӣ низ аз до1 то овози до2-ро дар бар мегирад, ки онро чунин ишора мекунанд. Диапазони суруди «Дӯстдори зиндагӣ» **до** 1-**до** 2-ро дар бар мегирад ва он дар ҳудуди 8-овозӣ 1-октава эҷод шудааст ва ба хусусияти овози сарояндагии хонандагони синфи 2 ва аз он боло рост меояд.

4) Омӯзгор аз оҳанг ё сурудҳои гузашта мусиқӣ-чистон ташкил мекунад ва баъди навозиши онҳо лаҳн, суръат ё характерашонро хонандагон муайян месозанд, ё аввали оҳангро менавозад, сипас оҳангро якҷоя муайян мекунанд.

**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба қисматҳои сурудан ва шунидани мусиқӣ қайдҳои дар раванди дарс анҷомдодаро ба хонандагон муаррифӣ карда, бо дарназардошти сифатҳои азхудкунӣ ба малакаву маҳорати онҳо баҳо диҳед. Доир ба маърифати мусиқӣ метавонед ба хонандагони алоҳида саволи иловагӣ пешниҳод кунед. *Масалан, аз рӯйи ду меъёр арзёбӣ кардан мумкин аст:*

– дар мусиқӣ, лаҳн, андоза ва характерашро муайян мекунад;

– тобишнокии овози сурудро медонад ва онро дуруст месарояд.

Ин нишондиҳандаҳоро омӯзгор дар анҷоми дарс муҳокима карда, ба фаъолияти шогирдон дар раванди дарс баҳогузорӣ мекунад, ки он рушди салоҳиятнокии хонандагонро дар машғулиятҳои мусиқӣ нишон дода, онҳоро барои аз бар кардани дониш ва тақвияти лаёқату малакаашон ҳавасманд мекунад. Ба шогирдон вазифаи хонагиро як бори дигар хотиррасон мекунад ва онҳо зери навои мусиқӣ аз синф берун мешаванд.

**Дарси дуюм**

1) Қисмати ташкили дарс: *ворид шудан бо мусиқӣ ба дарс. Ба ҷо овардани одоби салом. Шарҳи қадамҳои дарс(бо салоҳдиди омӯзгор.)*

2) Машқи овозӣ бо салоҳдиди омӯзгор. Иҷрои банди аввали суруд ва пурсиши онро тавассути ҳамсароӣ, гурӯҳи хурд (ансамбл) ва инфиродӣ ба роҳ монед. Давоми сурудро банд ба банд аз худ кунед. Ба хонандагон доир ба матни он саволҳо диҳед. Аз онҳо пурсед, ки суруд дар кадом лаҳн овоз дод? Оё хурсандибахш буд ё ғамангез?

3) Дар ин лаҳзаи дарс бо хонандагон корҳои эҷодӣ иҷро карда мешавад. Омӯзгор вобаста ба вақт ва имкониятҳо метавонад фаъолиятҳои гуногунро ба роҳ монад.

**А) Бозии майдони муъҷизот.** Омӯзгор шеъри зеринро қироат карда, шарти бозиро мефаҳмонад:

Ҳама чизро, ки донӣ,

Бозӣ кардан тавонӣ,

Дар майдони муъҷизот,

Як марди паҳлавонӣ.

**Шарҳи бозӣ**

Дар рӯйи барабан номи аломатҳои омӯхташуда: фермато, сарпарда, тақтеъ ва хатҳои тақтеъ, лига, паузаҳо (танфис, таваққуф, аломатҳои ист дар мусиқӣ), бемол, бекар, инчунин диез гузошта шудааст. Бозингар ақрабакро тоб медиҳад ва кадом аломатро, ки ақрабак нишон диҳад, онро гирифта, шарҳ дода, амалан иҷро мекунад.

**Б) ребус чистон.** Дар нотагоҳ машқи навиштани нотаҳои сурудҳои дарси гузаштаро бо

нишон додани аломатҳои омӯхта супориш диҳед.



**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба қисматҳои сурудан, шунидан ва эҷоди мусиқӣ қайдҳои дар раванди дарс анҷомдодаро ба хонандагон муаррифӣ карда, бо дарназардошти сифатҳои азхудкунӣ ба малакаву маҳорати онҳо баҳо диҳед.

## Мавзӯи 5. МОДАР – ҶАҲОНИ ФАРЗАНДОН

**Барнома.** Шиносоӣ бо суръат ва намудҳои он. Репертуар барои иҷро. «Идат муборак», шеъри Н. Бақозода, оҳанги Қ. Яҳёзода. Барои шунидан: «Рақси тоҷикӣ» – оҳанги халқии тоҷикӣ, такмили А. Ленский.

**Салоҳиятҳо. Хонанда:**

– бо истифода аз қоидаҳои сурудан дар ду овоз суруда метавонад;

– образҳоро дар асарҳои мусиқӣ тасаввур карда, онро ба таври эҷодӣ баён ва тасвир карда метавонад;

– аломатҳои тағйирдеҳ ва динамикиро медонад ва таркиби сурудҳои дуовозаро бо нотаҳо ҷудо карда метавонад;

– дар заминаи қонуниятҳои мусиқӣ, овозҳои заруриро меёбад, месанҷад, бадоҳатан иҷро мекунад ва порчаи мусиқии худро эҷод мекунад.

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– дар вақти сурудан ба суръат диққат диҳанд;

– дар бораи оҳанги шунида фикрашонро иброз доранд;

– сурудро дар шакли дуовоза дар андозаи 2/4 сароида тавонанд;

– тарзи навишти якчанд намуди суръатро дар аввали нотагоҳ тавонанд.

**Методикаи таълим.** Дар поён баъзе тавсияҳои методиро оид ба гузаронидани мавзӯи мазкур пешниҳод мекунем. Боварӣ дорем, ки шумо ба он вобаста ба қобилияти хонандагон ва шароити муассиса тағйиру иловаҳо ворид месозед.

Омӯзгор дар бораи «Иди модар» ва таърихи пайдоиши он ба хонандагон маълумоти мухтасар дода, модарро ҳамчун олиҳаи ҳастӣ васф мекунад ва нақши ӯро дар эҷодиёти шоирону нависандагон махсус қайд мекунад, то меҳри модар дар дили хонандагон зиёдтар ҷойгир шавад. Баъдан дар бораи лаҳн, андоза ва суръати суруд як-як маълумот пешкаш мекунад. Дар бораи муаллифони суруд Н. Бақозода ва Қ. Яҳёзода маълумоти мухтасар медиҳад ва доир ба нотаҳои камонӣ ва тарзи сурудани онҳо маълумот ва тавсияҳоро ба хонандагон пешниҳод мекунад.

**Дарси якум**

1) Қисмати ташкили дарс: баъди занг хонандагон дар зери навои мусиқӣ ба синф ворид шуда, одоби саломро ба ҷо меоранд(бо салоҳдиди омӯзгор) ва дар ҷойҳои худ менишинанд. Давомоти хонандагонро дида, омӯзгор ба дарс шурӯъ мекунад. Дар тахтаи синф номи мавзӯъро навишта, ҳар кадом самти фаъолияти онро бо хонандагон муҳокима мекунад ва онҳоро вобаста ба гурӯҳи овози сопрано дар тарафи чап ва овози дискант дар тарафи рост мешинонад ва барои сароидани машқҳои овозӣ шурӯъ мекунад.

2) Хонандагон машқи овозиро дар лаҳни до-мажор аз поён ба боло бо 2-нафас ва аз боло ба поён низ бо 2-нафас иҷро мекунанд. Шарти дигари машқи овозӣ ин дар лаҳни ми-минор ба таври мелодикӣ сурудан мебошад, то ба давраи суруд дохил шаванд ва ҳамчунин 3-овози асосии лаҳни суруд ми 1-**Сол** 3-**Си** 5-ро ба таври мелодикӣ ва ҳам гармоникӣ сароянд. Баъдан омӯзгор оҳанги сурудро як маротиба бо ҳардуи овоз менавозад. Бори дуюм бошад онро навохта ҳар як овозро алоҳида-алоҳида месарояд, то ҳар дуи овозҳо партияҳои овози худро ба хотир гиранд. Мо тавсия медиҳем, ки партияи овози болоӣ **Ре 2, Ре 2, До 2, Си 1, До 2**, ва ғ.-ро овози сопранно сарояд ва **Си 1, Си1, Ла 1, Сол 1 Ла 1** –ро овози дискант сароянд, ба мақсад мувофиқ мебошад. Баъд барои омӯзиши суруд 3 нафар хонандаро ҷудо карда, партияи онҳоро ба онҳо то аломати **f** меомӯзонад, аз **f** – баъд «Идат муборак»-сопранно 1 бор, ва «Идат муборак» дискант 1 бор месароянд ва ҷойи 2-овозагиро хор (ҳамаи синф) месарояд. Баъдан 1-овозагии «Идат муборак» 1-бор сопрано ва «Идат муборак» 1-бор дискант месароянд. Ба ҳамин тарз банди 2 ва 3 низ аз худ карда мешаванд.

Бояд хотиррасон кард, ки суруд аз 4 қисм иборат аст ва он ҳар як кадом бандро дар бар гирифта, суруда мешаванд.

1) солистон, 2) овози сопрано ва дискант, 3) хор ва 4) сопрано дискант. Суруд дар 2 дарс ба шакли мелодикӣ омӯзонида ва гармоникӣ суруда шавад, то ҳисси қабулкунӣ ва гармоникии хонандагон ташаккул ёбад.

3) Маърифати мусиқӣ. Андозаи асарро хонандагон бо суръаташ «шодона» донанд ва онро сароянду ҳисоб карда тавонанд. Фосилаҳои септимаро ба боло аз нотаи **Ми1-Ре2**-ро бо зина ва тонҳояш донанд, созанд ва сароянд. Ҳамчунин фосилаҳои терсияи худро дар 2-овозагӣ **Си1, Ре2** (1,5т.) ва **Ла1, До2** (1,5т.), терсияи калон **Сол 1-Си 1** (2т.)-ро донанд, ба таври мелодикӣ ва гармоникӣ онҳоро сароянд.

4) Дар вақти шунидани мусиқии «Рақси тоҷикӣ» бисёртар ба нотаҳои камонӣ бояд диққат дод, ки суръати мусиқиро муайян мекунанд, ҳарчанд дар суръат на он қадар шӯх

навишта шуда бошад ҳам. Мусиқиро хуб мешуд, ки омӯзгор худ дар сози мусиқии рубоб навозад, ки ба хонандагон таассуроти зиёдтар мегузорад. Лаҳнашро, ки аз 3-аломати диез иборат аст ва аз овози **Ла 1** сар шуда, боз дар ҳамин овоз хотима меёбад, яъне сарпарда (тоника) **ля**-мажор ҳисоб меёбад. Дар вақти гӯш кардан ҳамчунин ба диапазони оҳанг таваҷҷуҳ кардан лозим аст. Он нотаҳои **Ла 1-Ла 2**-ро дар бар мегирад, ки дар доираи 8 овози лаҳни пурраи ля-мажор рақс эҷод карда шудааст.

**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба қисматҳои сурудан, шунидан ва эҷоди мусиқӣ қайдҳои дар раванди дарс анҷомдодаро ба хонандагон муаррифӣ карда, бо дарназардошти сифатҳои азхудкунӣ ба малакаву маҳорати онҳо баҳо диҳед.

**Дарси дуюм**

1) Қисмати ташкили дарс: ворид шудан бо мусиқӣ ба дарс. Ба ҷо овардани одоби салом. Шарҳи қадамҳои дарс (*ба салоҳдиди омӯзгор*).

2) Давоми азхуднамоии банди дуюми суруди «Идат муборак», шеъри Н. Бақозода, оҳанги Қ. Яҳёзода. Пеш аз азхуднамоии банди дуюм банди аввал ба сифати машқи овозӣ истифода шуда, ҳамчунин бо мақсади пурсиши дарси гузашта, ислоҳи ғалатҳо оид ба тарзи дурусти нафасгирӣ амалӣ карда мешавад. Баъд аз он банди дуюми суруд банд ба банд ва иҷроиши форами он талаб карда мешавад. Дар охир суруд ифоданок сароида мешавад.

3) Шунидани асари «Рақси тоҷикӣ» оҳанги халқи тоҷикӣ, такмили А. Ленскийро тавассути усули "Нақл дар бораи мусиқӣ" ба роҳ монед. Бигузор хонандагон тасаввуроти худро ба таври хос баён кунанд. Дар ин маврид оҳангро бо овози паст гузоред ва таъкид кунед, ки ҳангоми овоздиҳии оҳанг ба ҳамдигар халал нарасонанд ва фикрҳои худро бо чанд ҷумла бинависанд.

4) Дар дарси мазкур мо дар бораи суръат суҳбат мекунем. Агар ба шумо дар бораи суръати асари мусиқӣ савол диҳанд, пас дар кадом суръат иҷро кардани асар дар назар дошта шудааст. Каме аз таърих маълумоти ҷолиб оред. Масалан, аз рӯзе, ки овозҳоро ба нота даровaрданд, оҳангсозон тарзи дақиқи иҷрои суръатро дар мусиқӣ ҷустуҷӯ карданд. Ин амал барои осон кардани хондан ё иҷро кардани нотаҳои асар имконият пайдо мекунад. Бо мурури замон одамон ҳис карданд, ки ҳар як асар аз ҳисоби муайян (набз, пулс) иборат буда, дар муқоисаи он ки дили одамон гуногун кор мекунад (гуногун метапад, бо суръати ҳархела кор мекунад) барои ҳар як асар гуногун аст. Агар барои санҷидани набзи инсон миқдори тапиши дилро муайян кунанд, пас дар мусиқӣ барои муайян кардани суръат миқдори ҳиссаҳо (зарб)-ро дар як дақиқа ҳисоб мекунанд.

*Биёед як кори амалӣ мекунем*: дар даст соатро мегирем ва ба миқдори ҳар як сония як маротиба пойкӯбӣ мекунем. Акнун дар як дақиқа ду маротиба пойкӯбӣ мекунем. Чӣ ҳосил шуд? Чӣ фарқиятро мебинед? Бале, зудии иҷроиши зарби пойҳоро суръат мегӯем. Суръатҳо бо калимаҳои итолиявӣ навишта мешаванд ва намунаи онро дар тахтаи синф, аз нотаҳои китоби дарсӣ ва монанди он, дар ҳар дарс шарҳу эзоҳ диҳед:

- *Adagio – (адажио) – ором, суръати суст*
- *Largo – (лярго) – хеле суст*
- *Andantino – (андантино) – саросема нашуда*
- *Moderato – (модэрато) – муътадилона*
- *Allegro – (аллегро) – тез, зуд*

**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба қисматҳои сурудан, шунидан ва эҷоди мусиқӣ қайдҳои дар раванди дарс анҷомдодаро ба хонандагон муаррифӣ карда, бо дарназардошти сифатҳои азхудкунӣ ба малакаву маҳорати онҳо баҳо диҳед.

**Мавзӯи 6. ПАРАСТУ – ПАРАНДАИ ХУШРӮЙ – 2 соат**

**Барнома.** Корҳои эҷодӣ доир ба фосилаҳо. Репертуар – барои иҷро: «Парасту», шеъри А. Раҳмон, оҳанги Н. Бобокалонова; барои шунидан «Сарахбори кӯҳистон», оҳанги халқии тоҷикӣ.

**Салоҳиятҳо. Хонанда:**

– бо истифода аз қоидаҳои сурудан дар ду овоз суруда метавонад;

– образҳоро дар асарҳои мусиқӣ тасаввур карда, онро ба таври эҷодӣ баён ва тасвир карда метавонад;

– аломатҳои тағйирдеҳ ва динамикиро медонад ва таркиби сурудҳои дуовозаро бо нотаҳо ҷудо карда метавонад;

– дар заминаи қонуниятҳои мусиқӣ, овозҳои зарурира меёбад, месанҷад, бадоҳатан иҷро мекунад ва порчаи мусиқии худро эҷод мекунад.

**Мақсади дарс.** Хонандагон:

– фосилаҳои квартаи тоза, терсияи хурдро медонанд ва онҳоро месозанд;

– оҳангро шунида, доир ба қисмат ва зарбҳояшон он фикрашонро мегӯянд;

– фосилаҳои квартаи тоза ва терсияи хурдро ба боло ва поён месозанд;

– вобаста ба лаҳни мусиқӣ воситаҳои муассири оҳангро ҷудо карда метавонанд;

–

**Методикаи таълим.** Дар поён баъзе тавсияҳои методиро оид ба гузаронидани мавзӯи мазкур пешниҳод мекунем. Боварӣ дорем, ки шумо ба он вобаста ба қобилияти хонандагон ва шароити муассиса тағйиру иловаҳо ворид месозед.

Омӯзгор дар бораи «Парасту» ҳамчун парандаи беозор ба хонандагон маълумот дода, доир ба ҳаёт ва фаъолияти муаллифони суруд маълумоти кӯтоҳе пешниҳод мекунад ва нақши суруду мусиқӣ дар ҳаётро нишон медиҳад. Баъдан лаҳни суруд ми-мажорро муайян карда, дар бораи 4 аломати назди калидии он (**Фа #, До #, Сол #, Ре #)** маълумот медиҳад ва онҳоро иҷро мекунад. Ҳамчунин дар бораи қисматҳои суруд ба хонандагон маълумот дода, тарзи иҷрои онро фаҳмонида месарояд. Суруд аз 2 қисм – яккахон ва нақарот (хор) иборат буда, ҳар байти он ду маротибагӣ бо аломати реприза такрор ёфта, банди дуюм бо дарназардошти аломати такрор аз аввал то охир ба тарзи банди якум суруда мешавад. Дар вақти сурудан бояд суръати суруд тағйир наёбад (**Allecretto),** вагарна ба тобиши суруд таъсири номатлуб мерасонад.

**Дарси якум**

1) Қисмати ташкили дарс: бо овози мусиқии сабук хонандагон ба синф даромада, одоби саломро ба ҷо меоваранд ва дар ҷойҳои худ менишинанд. Омӯзгор баъди тафтиши давомоти хонандагон номи мавзӯъро дар тахтаи синф навишта, самтҳои фаъолияти имрӯзаи онҳоро мефаҳмонад (сурудан, назария, дарккунӣ, эҷодӣ) ва онҳоро ба сурудсароӣ тайёр мекунад. Машқҳои овозиро дар қаторовозаи до-мажор бо 2 нафас ба боло ва аз боло ба поён бо 2 нафас иҷро мекунанд, ки инро дар дарсҳои гузашта мо нишон додаем ва ҳаминро дар лаҳни суруд **Ми**-мажор низ месароянд. Машқи дуюм ба тарзи «**ми-мо-му**» ним тонӣ ё ним пардагӣ ба боло ва ба поён иҷро карда мешавад, то хонандагон ба давраи овозии лаҳн ворид шаванд.

2) Сурудан. Пеш аз он, ки суруд ба хонандагон омӯзонида шавад, бояд аз тарафи омӯзгор иҷро шавад.

а) Мусиқии сурудро омӯзгор дар сози мусиқӣ як маротиба менавозад ё ба воситаҳои техникӣ мешунавонад.

б) Маротибаи дигар навохта (шунавонида ва ғ.) то охир сурудро месарояд ва баъд бори дигар доир ба ҷойҳои мураккаби он ба хонандагон тавсия медиҳад. Дар вақти омӯзонидани суруд бояд аввал он бо истифодаи методи зарбӣ-шунавоӣ (чапак) қисм-қисм аз худ карда шавад, барои ҳисоб нотаи ҳаштяк гирифта шавад. Ҳамин тариқ, дар давоми 18-20 дақиқаи дарсӣ банди 1-уми суруд аз худ карда шуда, бо ҳамовозии сози мусиқӣ суруда шавад. Ҳаминро бояд хотиррасон намуд, ки диапазони овозии суруди «Парасту» нотаҳои ми 1 – до 2-ро ташкил медиҳад, ки давраи 6-овозро дар бар мегирад ва он ба диапазони овози сарояндагии хонандагони синфи 2 рост меояд.

3) Маърифати мусиқӣ. Тарзи муайян кардани лаҳнро мо дар дарсҳои гузашта гуфтаем ва ҳаминро илова мекунем, ки агар суруд аз се овози асосии лаҳн, аз якеаш сар шуда, дар ҳамон сеовоза дар 1-овозаш хотима ёбад, пас он лаҳни мажорӣ ё минории ҳамон овоз аст. Дар вақти сохтан ба боло ё поён аз сарпарда (тоника)-и лаҳн, фосилаи квартаи тоза: Ба **боло Ми 1-Ла 1-2,5** тон**,** ба поён **Ми 1-Си – 2,5** тон, ё аз сарпарда (тоника)-и **Ми-мажор** сохтани фосилаи терсия хурд ба боло **Ми 1-Сол 1,5** тон**,** ба поён **Ми 1-До# 1,5 тон** чунин мешавад. Хонандагон ин фосилаҳоро дар дафтари худ созанд ва ин фосилаҳоро, ки дар суруд низ омадаанд, сароянд ва ҳамчунин аз овози дилхоҳ (нота) ба болою поён сохтани онро омӯзгор ба хонандагон вазифаи хонагӣ диҳад.

4) Шунидани мусиқӣ: омӯзгор мусиқии «Сарахбори кӯҳистон», оҳанги халқии тоҷикиро ба хонандагон шунавонида, доир ба шаклҳои он мубоҳиса ташкил намояду онро таҳлил кунад. Оҳанги «Сарахбори кӯҳистон» аз ду қисм: 1-дебоча ва 2 уфар иборат буда, дар лаҳни «**Ла**-мажор» эҷод шудааст. Суръати дебоча муътадил буда, аз уфар ба куллӣ фарқ мекунад. Андоза ва зарби дебоча низ дар 4/4 навишта шудааст ва он аз нотаҳои камондор бо дигар нотаҳо пайваст мебошанд, ки дар вақти овоздиҳӣ давомёбиаш ё мадидаш дароз мешаванд. Лаҳни уфар бошад, бо дебоча як аст, вале суръаташ шӯх, андозааш 6/8 ва бисёртар аз нотаҳои триол иборат аст, ки дар вақти шунидан ба кас илҳом бахшида, шахсро ба ваҷҳ меорад. Ҳамчунин ҳар вақти такрор ёфтани қисмҳои он бо тобишӣ f (форте) баланди садодиҳӣ диққат додан лозим аст.

**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба қисматҳои сурудан, шунидан ва маърифати мусиқӣ қайдҳои дар раванди дарс анҷомдодаро ба хонандагон муаррифӣ карда, бо дарназардошти сифатҳои азхудкунӣ ба малакаву маҳорати онҳо баҳо диҳед. Инчунин дар дарси мазкур арзёбиро вобаста ба иҷрои суруд ва ифода кардани зарби оҳанг саволу ҷавоб ташкил кунед.

**Дарси дуюм**

1) Қисмати ташкили дарс: ворид шудан бо мусиқӣ ба дарс. Ба ҷо овардани одоби салом. Баёни мақсадҳои дарс ва баррасии он бо хонандагон.

2) Шунидани мусиқӣ:Пеш аз шунидании мусиқӣ дарси гузашатаро ба ёд меорем, ки кадом асарро шунида будем? Оҳанг дар бораи чӣ ба мо маълумот медод? Номи асар чӣ буд? Он бештар кадом фаслро ифода мекунад? Биёед, як маротиба порча аз «Сарахбори кӯҳистон», оҳанги халқии тоҷикиро шунида, фикру мулоҳизаи худро тавассути якчанд савол иброз дорем:

“Ман ... (номи асар ва оҳангсоз)-ро шунидам”.

Ин асар ба ман ҳиссиёти ... бахшид.

Мусиқӣ ... (чӣ гуна?) овоз дод.

3) Азхуднамоии банди дуюм ва ифоданок сароидани «Парасту», шеъри А. Раҳмон, оҳанги Н. Бобокалонова. Пеш аз азхуднамоӣ банди аввали сурудро ҳамчун машқи овозӣ гузаронед. Давоми азхудкунии сурудро тавассути усули “Акси овоз”ташкил кунед.

4) Дар бораи фосилаҳо маълумот диҳед. Онро ба таври намуна ба шумо пешниҳод мекунем, аммо шумо вобаста ба тайёрии хонандагони худ метавонед онро тағйир диҳед.

*Намуна:* фосила таносуби ду овозро меноманд. Фосилаҳоро бо номи рақамҳои арифметикии лотинӣ ном мебаранд. Мехоҳед, ҳисоби то ҳафтро ба лотинӣ номбар кунед? Пас, биёед, номи фосилаҳои мусиқиро номбар мекунем: прима -1, секунда -2, терсия - 3, кварта - 4, квинта - 5, секста - 6, септима - 7, октава - 8.

Фосилаҳо мелодикӣ (нотаҳо дар алоҳидагӣ навохта мешаванд) ва гармоникӣ (агар ду нота баробар навохта шаванд) мешаванд.



МЕЛОДИКӢ



ГАРМОНИКӢ

Намунаи болоро хаттӣ ва амалӣ иҷро карда метавонед.

**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба қисматҳои сурудан, шунидан ва маърифати мусиқӣ қайдҳои дар раванди дарс анҷомдодаро ба хонандагон муаррифӣ карда, бо дарназардошти сифатҳои азхудкунӣ ба малакаву маҳорати онҳо баҳо диҳед.

## Мавзӯи 7. РАҚСИ ДАРЁ – 2 соат

**Барнома.** Сохтани лаҳни **ре**-минор бо се овозааш. Навиштани танфис (пауза)-ҳои чорякӣ. Репертуар: барои иҷро: «Таронаи рӯз» шеъри М.Турсунзода, мусиқии М. Атоев; барои шунидан: «Рақс» мусиқии Қ.Яҳёев.

**Салоҳиятҳо. Хонанда:**

– бо истифода аз қоидаҳои сурудан дар ду овоз суруда метавонад;

– образҳоро дар асарҳои мусиқӣ тасаввур намуда, онро ба таври эҷодӣ баён ва тасвир карда метавонад;

– аломатҳои тағйирдеҳ ва динамикиро медонад ва таркиби сурудҳои дуовозаро бо нотаҳо ҷудо карда метавонад;

– дар заминаи қонуниятҳои мусиқӣ, овозҳои заруриро меёбад, месанҷад, бадоҳатан иҷро мекунад ва порчаи мусиқии худро эҷод мекунад.

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– фосилаҳои содаро аз сарпарда (тоника) ба боло ва поён месозанд;

– доир ба мусиқии шунидаашон фикрашонро гуфта метавонанд;

– оҳанги шунидаро дарк мекунанд ва характери онро муайян месозанд;

– ба зарби пешниҳодшуда бадоҳатан оҳанг эҷод мекунанд.

**Методикаи таълим.** Дар поён баъзе тавсияҳои методиро оид ба гузаронидани мавзӯи мазкур пешниҳод мекунем. Боварӣ дорем, ки шумо вобаста ба қобилияти хонандагон ва шароити муассиса тағйиру иловаҳо ворид месозед.

Омӯзгор дар бораи мазмуни суруд ба хонандагон маълумот медиҳад. Аз ҷумла, рӯд аз куҳо сарчашма мегирад ва нафъи он ба инсон дар чист. Дарё дар ҳаёти инсон ва табиат хело азиз аст. Рӯсурхии марди деҳқон ва дастархони пури мо аз файзи ҳамин рӯд мебошад, ки заминҳои деҳқонро шодоб мегардонад, дар натиҷа ҳосили марди деҳқон зиёд шуда, халқ серу шодон ва давлат тинҷу ором мешавад. Дар бораи ҳаёт ва фаъолияти муаллифон маълумоти кӯтоҳ дода, доир ба кадом суръат иҷро кардани сурудро мефаҳмонад. Ҳамчунин лаҳни сурудро муайян мекунад – «**ре**-мажор» ва доир ба андозаи суруд маълумот дода, ибтидои сурудро баъди паузаи чорякӣ нишон медиҳад. Суруд дар 11 тақтеъ бе матн навохта шуда, дар тақтеи 12 матн баъди паузаи чорякӣ бо тобишнокии овозии на он қадар баланд (mf) ибтидо меёбад ва он 2-бор бо аломати реприза такрор меёбад. Мисраи дуюм низ ба ҳамин тарз суруда мешавад. Авҷи суруд бо тобишнокии баланд (f) бо матни «Шӯр дар сина ниҳон рақскунон мегузарӣ, мегузарӣ» 2 бор ва боз бо тобишнокии mf- мисраи чоруми банди якум ду бор суруда шуда, банди якум ба охир мерасад ва бо аломати дигари такрории сегно банди дуюм айнан чунин суруда мешавад.

**Дарси якум**

1) Қисмати ташкили дарс: баъди ба синфхона даромадани хонандагон зери навои мусиқӣ ва одоби саломро ба ҷо овардан омӯзгор мавзӯи дарсро дар тахтаи синф менависад ва ба самтҳои фаъолияти хонандагон равшанӣ меандозад. Дар лаҳни суруд машқҳои

овозиро бо ҳиҷоҳои **«да, до, ду»** сароида, баъдан қатори лаҳниро бо даҳони пӯшида «ҳм» гӯён овозашонро бо овозҳои қаторовозаи лаҳнӣ ҷӯр карда месароянд.

2) **Сурудан.** Омӯзгор аввал оҳанги сурудро як маротиба навохта, маротибаи дуюм онро бо оҳанг то охири банди дуюм месарояд, то суруд бо оҳангаш дар хотираи хонандагон нақш бандад. Ин тарзи омӯзиш сабаби зуд азхуд кардани суруд мешавад. Бояд тазаккур дод, ки дар вақти сурудан ва мусиқӣ гӯш кардан ҳама хомӯш ва бодиққат бошанд, то ҳар як овози овоздодашуда бо тобишнокияш шунида шавад, вагарна суруд ва мусиқӣ дар хотираи кӯдакон ғалат нақш мебандад, ки сабаби дар оянда нодуруст (фалш) сароидани хонандагон мешавад. Банди аввали суруд, чӣ тавре дар боло қайд намудем, қисм-қисм омӯзонида шавад. Банди дуюми суруд бо оҳанг дар дарси 2 бо нотаҳо сароида мешавад. Лозим ба ёдоварист, ки суруд дар 2-соати дарсӣ омӯзонида мешавад.

3) Мо тарзи муайян кардани лаҳни суруд ва мусиқиро дар дарсҳои гузашта нишон додем. Дар ин суруд лаҳнаш «**ре**-минор» мебошад ва хонандагон ҳамавақт бояд се овозаи онро, ки зинаи I, III, V-ро дар бар мегирад, чунин муайян созанд: зинаи **1- Ре, 2- Фа, 3-лЛа,** яъне ба тарзи мелодикӣ чунин ифода меёбад: «**Ре,Фа,Ла»;** ба таври гармоникӣ дяр якҷоягӣ суруда мешавад. Ба ҳамин тарз аз тоника ба боло ва поён сохтани терсияи хурд **Ре 1- (1,5 тон)- Фа1** ва **Ре 1-(1,5 тон) – Си (1,5тон)** мешаванд. Омӯзгор вобаста ба дараҷаи салоҳиятнокии хонандагон сохтани ин фосилаҳоро аз дилхоҳ овоз (нота) вазифа месупорад.

4) Оҳанги Қ.Яҳёев – «Рақс» дар лаҳни «**ре**-минор» оғоз шуда, як «бемол» (сиb) дорад. Аввал андозааш 3/4 буда, баъд бо 7/8 тағйир меёбад, бо суръати муътадил ва шӯхона овоз медиҳад. «Рақс» барои сози мусиқии рубоб эҷод шудааст ва фортепиано онро ҳамовозӣ мекунад. Дар «Рақс» ҳамаи се аломатҳои такрорӣ (сегно, реприза ва фонар) истифода бурда шудааст. Дар вақти иҷрои «Рақс» ҳамаи торҳои сози рубоб навохта мешаванд. Андозаю зарб ва усули мусиқӣ бо ҳам омехта овоз медиҳанд. Омӯзиши аломатҳои тобишнокии мусиқӣ барои хонандагон каме мушкил аст, вале агар дуруст диққат диҳанд, рақс хело ҷаззоб ва дилкаш овоз медиҳаду хонандагонро ба ваҷҳ меорад ва хулосаи худро дар охир дуруст иброз дошта метавонанд.

**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба қисматҳои сурудан, шунидан ва маърифати мусиқӣ қайдҳои дар раванди дарс анҷомдодаро ба хонандагон муаррифӣ карда, бо дарназардошти сифатҳои азхудкунӣ ба малакаву маҳорати онҳо баҳо диҳед.

**Дарси дуюм**

1) Қисмати ташкили дарс: ба дарс бо овози мусиқӣ ворид шудан. Ба ҷо овардани одоби салом. Баёни мақсадҳои дарс ва баррасии он бо хонандагон.

2) Порча аз оҳанги Қ. Яҳёев "Рақс"-ро шунавонед. Сипас саволҳо диҳед: Ин кадом оҳанг аст? Чӣ ном дорад? Кӣ навиштааст? Оҳангсоз кадом созҳоро истифода бурдааст? Оҳангсоз ба мо тавассути ин оҳанг дар бораи чӣ маълумот додан мехоҳад? Доир ба саволҳои пешниҳодшуда муҳокимаҳо ташкил кунед ва метавонед боз саволҳои дигарро вобаста ба вазъият истифода баред.

3) Оҳанги суруди дарси гузаштаро навозед ва дар бораи муаллифон, номи оҳанг ва мазмуни матни он пурсиш гузаронед. Ба сифати машқи овозӣ банди аввалро сароед. Банди аввалро дар асоси тавсияҳои дарси якум якҷоя иҷро карда, сипас ба азхуднамоии банди дуюм ва сурудани ифоданок гузаред. Ҳангоми сурудани банди дуюм замзама кардани оҳангро дар вақти навозиш тавсия диҳед ва сипас бо матн сароед. Сурудро якҷоя бо хонандагон иҷро кунед.

4) Навиштани паузаи чорякиро машқ кунед. Онро дар нотагоҳ, сурудҳои китоби дарсӣ нишон диҳед. Миқдори хомӯшии онро бо нотаи чорякӣ муқоиса кунед. Тарзи навиштро фаҳмонида, ҳисоби онро иҷро кунед:



**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба қисматҳои сурудан, шунидан ва маърифати мусиқӣ қайдҳои дар раванди дарс анҷомдодаро ба хонандагон муаррифӣ карда, бо дарназардошти сифатҳои азхудкунӣ ба малакаву маҳорати онҳо баҳо диҳед. Доир ба корҳои гурӯҳӣ меъёрҳоро муайян карда, дар асоси он баҳогузорӣ аъзои гурӯҳҳоро низ истифода бурда метавонед.

## Мавзӯи 8. ТАЪРИХИ КУҲАН ДОРЕМ – 2 соат

**Барнома.** Муайян кардани зарб, лаҳни суруд ва омӯзиши нотаҳои ҳаштякӣ, шонздаҳякӣ. Репертуар: барои иҷро: «Ворисон» матни Б. Собир, оҳанги С. Билолов; барои шунидан: «Ситораҳо» оҳанги А. Одинаев.

**Салоҳиятҳо. Хонанда:**

– бо истифода аз қоидаҳои сурудан дар ду овоз суруда метавонад;

– образҳоро дар асарҳои мусиқӣ тасаввур карда, онро ба таври эҷодӣ баён ва тасвир карда метавонад;

– аломатҳои тағйирдеҳ ва динамикиро медонад ва таркиби сурудҳои дуовозаро бо нотаҳо ҷудо карда метавонад;

– дар заминаи қонуниятҳои мусиқӣ, овозҳои заруририро меёбад, месанҷад, бадоҳатан иҷро мекунад ва порчаи мусиқии худро эҷод мекунад.

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– ба тарзи сурудани тантанавӣ (маршӣ) диққати махсус диҳанд;

– тарзи навишти нотаҳои ҳаштякӣ ва шонздаҳякиро донанд ва иҷро кунанд;

– доир ба оҳанги шунидаашон фикрашонро озод баён кунанд;

– машқҳои овозиро ба таври вокалӣ-хорӣ дар лаҳни суруд иҷро кунанд.

**Методикаи таълим.** Дар поён баъзе тавсияҳои методиро оид ба гузаронидани мавзӯи мазкур пешниҳод мекунем. Боварӣ дорем, ки шумо вобаста ба қобилияти хонандагон ва шароити муассиса тағйиру иловаҳо ворид месозед.

Дар аввал омӯзгор дар бораи мазмун ва мундариҷаи суруд, ки ба давраҳои таърихии халқи тоҷик бахшида шудааст, ба хонандагон маълумот медиҳад. Инчунин дар бораи ҳаёт ва фаъолияти муаллифони суруд ва ҳамкории зичи онҳо дар бораи эҷоди суруд нақл карда,

лаҳн, суръат ва андозаи сурудро муайян менамояд (лаҳн **Ре**-мажор). Дар бораи 2 аломати назди калид, ки диез (#) ном доранд, хонандагонро шинос карда, тарзи сурудани онро нишон медиҳад.

**Дарси якум**

1) Қисмати ташкили дарс. Ба дарс бо мусиқӣ ворид шудан, ба ҷо овардани одоби салом. Баёни мақсадҳои дарс ва баррасии он бо хонандагон. Хеле хуб мебуд, ки ин дарс бо мусиқии тантананок (маршӣ) аз аввал то охир ҳамаи қисматҳои дарсро фарогир бошад, то хонандагон ба давраи лаҳнии мусиқии маршӣ дохил шаванд ва омӯзгор ин оҳангҳоро дар сози мусиқӣ навозад ё ба воситаи васоити техникӣ онро ба самъи хонандагон расонад. Таъкидан ба омӯзгор мегӯем, ки ин дарси охирин аст ва он бояд ҳаматарафа, бо тайёрии хуб гузаронида шавад, то меҳри хонандагон дар вақти таътил аз суруду мусиқӣ дур нашавад. Баъди одоби саломро баҷо овардан, хонандагон ҷобаҷо мешаванд ва омӯзгор ба дарс шурӯъ мекунад.

2) Омӯзгор номи мавзӯъро ба хонандагон фаҳмонида, самтҳои фаъолияти онҳоро баррасӣ мекунад. Хусусан, ҳаматарафа тайёр шудани шогирдонро барои азхуд кардани суруди «Ворисон», ки хело ҷаззоб буда, дар он се шакли фаъолият дар ҳамбастагӣ ба якдигар амалӣ мешаванд, пешниҳод намояд. Барои он, ки хонандагон ба сурудан тайёр шаванд, онҳо хондани машқҳои овозиро дар қаторовоза ба боло V **До, Ре, Ми, Фа, Сол, Ла, Си, До** V ва ба поён бо 2 нафаси мусиқӣ бо талаффузи нотаҳо иҷро кунанд. Ҳамин машқро дар лаҳни «ре-мажор» бо назардошти 2 овози баландшаванда, яъне ба боло V **Ре, Ми, Фа #, Ре, До #, Ми** бо поён сароянд. Ҳамчун машқи даҳони пӯшидаи «ҳм»-ро низ ба болою поён иҷро карда, бо сурудани се овози асосии **Ре, Фа #, Ла** машқҳоро ба охир расонида, барои сурудани банди аввал тайёр шаванд. Омӯзгор дар бораи суръати суруд, ки бо тантана мебошад, ба хонандагон маълумот дода, оҳангро бояд як маротиба аз аввал то охир навозад ва диққати хонандагонро ба аломатҳои хомӯшии чорякӣ (паузаҳо) ҷалб намояд. Маротибаи дуюм бошад, онро навохта, худаш месарояд ва маротибаи сеюм барои омӯхтан ба хонандагон шурӯъ мекунад. Хуб мешуд, ки суруд бо тақтеъҳо, ё ҷумлаҳои мусиқӣ бо методи зарбӣ-шунавоӣ (чапак задан) омӯзонида шавад, яъне ба ҳайси ҳисоб нотаи ҳаштякӣ чаппа гирифта шавад ва ҳамин тавр як банди суруд ба хонандагон омӯзонида, баъдан бо ҳамовозии сози мусиқӣ ба тарзи вокалӣ-хорӣ суруда шавад.

3) Чӣ тавре қайд намудем, дар боло тарзи омӯзиши нотаҳо ҳаштякӣ ва шонздаҳякиро нишон додем, вале бояд тазаккур дод, ки дар суруд ба ғайр аз инҳо боз нотаҳои чорякии нуқтадор, ҳаштякии нуқтадор ва пештақтеъ (затакт) низ мавҷуданд, ки омӯзиши онҳо барои дуруст сурудан ҳатмист. Масалан: Чӣ тавре ки мебинед, мо шумораи нотаҳоро дар андозаи 4/4 барои ҳисоб пешниҳод намудем ва омӯзгор метавонад тарзи дигари омӯзиши онҳоро ба хонандагон пешниҳод намояд. Яъне, мо дар ин ҷо ҳисоби нотаи чорякии нуқтадорро бо 3 қарсак, 1 ҳаштякиро бо 1 қарсак ва 2 шонздаҳякиро бо 1 қарсак нишон додем. Омӯзиши шаклҳои дигари нотаҳоро дар дарсҳои гузашта пешниҳод карда будем ва ҳоҷат ба такрори онҳо нест.

4) Оҳанги «Ситораҳо»-и А. Одинаевро ба хонандагон навохта (шунавонида), доир ба тобиш, зарб ва суръати он баҳс ороед. Фикри хонандагонро шунавед. Масалан, савол гузоред, ки лаҳни оҳанг, ки аз ду аломати бемол (b) иборат аст, ба кадом лаҳнҳо дохил мешавад? Сиb-мажор ё **Сол**-минор. Барои ин ба ҷойгиршавии овозҳо (нотаҳо)-и оҳанг рӯй меоварем ва мебинем, ки оҳанг аз кадом овоз (нота) ибтидо гирифта, дар кадом овоз (нота) хотима ёфтааст. Ин тарзи омӯзиш 0162 алакай лаҳни сурудро муайян мекунад. Мусиқии «Ситораҳо» аз овоз (нота)-и **Сол**1 сар шуда, дар овоз (нота)-и **Сол** хотима мeёбад ва маълум шуд, ки лаҳни мусиқии «Ситораҳо» **Сол**-минор мебошад. Акнун суръаташро мебинем. **«Andahte»** – оромона, яъне оҳанг бояд ором, бе эҳсоси баланд иҷро шавад. Ҳамин

тариқ, омӯзгор баҳсро ташкил карда, номаълум хонандагон донишҳои гирифтаи мусиқиро ба ёд меоранд ва онҳоро аз нав такрор мекунанд.

**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба қисматҳои сурудан, шунидан ва маърифати мусиқӣ қайдҳои дар раванди дарс анҷомдодаро ба хонандагон муаррифӣ карда, бо дарназардошти сифатҳои азхудкунӣ ба малакаву маҳорати онҳо баҳо диҳед.

**Дарси дуюм**

1) Қисмати ташкили дарс. Ба дарс бо мусиқӣ ворид шудан. Ба ҷо овардани одоби салом. Баёни мақсадҳои дарс ва баррасии он бо хонандагон.

2) Оҳанги «Ситораҳо»-и А.Одинаевро шунавонед. Пурсед, ки кадом оҳанг аст? Дар кадом мавзӯъ навишта шудааст? Оҳанги он чӣ гуна аст? Ғамангез ё хурсандибахш? Чаро чунин мешуморед? Қисматҳои ифоданоки сурудро бори дигар шунавонед ва мазмуни онро шарҳ диҳед. Аз хонандагон пурсед, ки оҳанг писанд шуд ё не?

3) Банди аввали суруди «Ворисон», матни Б. Собир, оҳанги С. Билоловро ба ёд оварда, тавассути бозӣ, ҳаракатҳои мусиқию зарбӣ ба роҳ монед. Фаромӯш насозед, ки як порчаи нақороти сурудро аввал ба сифати машқи овозӣ истифода баред. Омӯзиши давоми сурудро ба роҳ монда, онро ифоданок иҷро кунед.

4) Тасаввур кунед, ки мо қадам мезанем. Ва ҳар як қадами мо бо нотаҳои чорякӣ баробар аст. Биёед, зарби онро иҷро мекунем:



Акнун, тасаввур кунед, ки мо бо суръати начандон тез ҳаракат мекунем. Биёед ҳаракатамонро зудтар мекунем ва баробари зарби нотаҳои зерин қадам мегузорем:





**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба қисматҳои сурудан, шунидан ва маърифати мусиқӣ қайдҳои дар раванди дарс анҷомдодаро ба хонандагон муаррифӣ карда, бо дарназардошти сифатҳои азхудкунӣ ба малакаву маҳорати хонандагон баҳо диҳед. Доир ба корҳои гурӯҳӣ меърҳоро муайян карда, дар асоси он баҳогузорӣ ба аъзои гурӯҳҳоро низ истифода бурда метавонед.

## Мавзӯи 9. АРЗЁБӢ ВА ҶАМЪБАСТ – 1 соат

**Барнома.** Дарс-консерт. Саволу ҷавоб доир ба маърифати мусиқӣ (маводди синфи чорум). Интихобан иҷрои асарҳо ва ё порча аз он. Викторинаҳои мусиқӣ оид ба шунидани мусиқӣ. Вазифа барои таътили тобистона.

**Салоҳиятҳо. Хонанда.**

– бо истифода аз қоидаҳои сурудан дар ду овоз суруда метавонад;

– образҳоро дар асарҳои мусиқӣ тасаввур карда, онро ба таври эҷодӣ баён ва тасвир карда метавонад;

– аломатҳои тағйирдеҳ ва динамикиро медонад ва таркиби сурудҳои дуовозаро бо нотаҳо ҷудо карда метавонад;

– дар заминаи қонуниятҳои мусиқӣ, овозҳои зарурриро меёбад, месанҷад, бадоҳатан иҷро мекунад ва порчаи мусиқии худро эҷод мекунад.

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– дониш, малака ва маҳорати азхудкардаашонро муаррифӣ карда тавонанд.

**Методикаи таълим**

Ин дарси ҷамъбасти синфи чорум аст. Дарс-консерт ва викторинаҳои мусиқиро ташкил карда, муваффақиятҳои хонандагонро бо таърифу таҳсин қадр кунед ва барои рафъи ғалатҳои ҷойдошта тавсияҳо диҳед. Шогирдонро байни ҳам муқоиса накунед! Натиҷаҳои нишондодаи онҳоро бо аввали сол муқоиса кунед. Масалан, Фаррух дар аввали сол тарзи дурусти гузориши овозро ба ҷо намеоварл, барои ҳамин ҳам ноҷӯр месароид. Баъди кӯшиш ва ғайратҳои пайваста ӯ акнун, дар охири сол сурудро форам ва ҷӯр сароида метавонад. Ташаккур ва офарин мегӯем! Беҳтарин лаҳзаҳои дарсро ба хотир оранд ва гӯянд. Кадом душворӣ доштанд ва онро чӣ гуна ҳал карданд? Барои таътили тобистона вазифа диҳед, ки ба кадом кор машғул шаванд ва кадом суруду мусиқиҳоро шунаванд.

**Арзёбӣ.** Ин дарс хусусияти ҷамъбастӣ дошта, дар он малакаю маҳорати хонандагон ба таври умумӣ ҷамъбаст карда мешавад. Шумо метавонед аз усулҳои «Ба худ баҳо додан», «Баҳо ба якдигар» ва саволномаҳо низ истифода баред.

**Адабиёт**


1. Апраксина О. А. Методика музыкального воспитания в школе. – Москва. Просвещение 1983.

2. Барномаи таълими суруд ва мусиқӣ дар синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе, 2008

3. Б. Хайруллоев. Барномаи таълимӣ аз фанни методикаи тарбияи мусиқӣ. – ДДОТ ба номи Қ.Ҷӯраев 2005.

4. Б. Хайруллоев. Методикаи тарбияи мусиқӣ дар синфҳои мусиқӣ. – Душанбе. ДДОТ, 2006.

5. Б. Хайруллоев. Методикаи тарбияи мусиқӣ дар мактаб. – Душанбе, Нур-2003, 2008.

6. Б. Хайруллоев. Назария ва методикаи тарбияи мусиқӣ барои коллеҷҳо ва омӯзишгоҳҳои педагогӣ. – Душанбе. АТТ, 2010.

7. Б. Хайруллоев. Музыкально – педагогическая подготовка учителей начальных классов в Таджикистане. Авт. кан.пед.наук. – Душанбе, РТСУ, 2006.

8. Лутфуллоев М. Дарс. – Душанбе, 1995.

9. К. Ҳалимов. Дарё. – Душанбе. Маориф, 2000.

10. Қ. Яҳёев. Маҷмӯи сурудҳо барои бачагон ва наврасон. – Душанбе, 2003.

11. М. Атоев. Савту навои об. – Душанбе, 2004.

12. Мирзоахмедов В.А., Файзуллоев Г.Ш., Хижняк Ю.Н. «Мусиқӣ». Китоби дарсӣ барои синфи сеюм. – Душанбе, «Маориф», соли 1991

13. Охунов Ҷ. Назарияи ибтидоии мусиқӣ. – Душанбе, 1986

14. Охунов Ҷ. Шукуфаҳои умедбахш. – Душанбе. Ирфон, 1989.

15. Обидов Ҷ. Дарси рубоб. – Душанбе . Ирфон 1969.

16. Румер.М.,Зомзина Е., Куликова Н. Музыка для 4-го класса. – Москва. Музыка, 1975.

17. Румер.М.,Зомзина Е., Куликова Н. Музыкальная книга для 3-го класса. – Москва. Музыка, 1975.

18. Рачина Б. С. Технологии и методика обучения музыке в общеобразовательной школе, учебное пособие для высших учебных заведений. – Издательство «Композитор-Санкт-Петербург», 2007 г.

19. Сафари Гулназар. Суруд ва мусиқӣ барои синфи 3. – Душанбе. Полиграфгрупп 2013.

20. Сатторов С., Охунов Ҷ., Яҳёев М. Алифбои мусиқӣ. Китоби дарсӣ барои синфи якум. – Душанбе, МТЛ ОРЕС, 2005.

21. Соҳибов, Ф.Шаҳобов ва И.Рогальский. Суруд ва мусиқӣ дар синфҳои ибтидоӣ. – Сталинобод 1959.

22. Стандарти таҳсилоти ибтидоӣ. – Душанбе, 2010

23. С. Раҳмонов, М.Яҳёев, С.Холмуродов. Дарси суруд. – Душанбе. ДДОД ба номи Қ.Ҷӯраев, 1994.

24. Усулҳои ҳамкорӣ дар таълим. Мураттибон: Зиёев М. Н., Мирзоматов Н., Олимова Ф., Тошбоева З. – Душанбе, 2010.

25. Файзуллоев Г.Ш., Мирзоахмедов В.А.,Сизикова С.Ф. «Мусиқӣ». Китоби дарсӣ барои синфи сеюм. – Душанбе, «Маориф», соли 1989.

26. Ҷӯрахон Обидпур. Суруд ва мусиқӣ, синфи 4. – Душанбе, 2008.

***Сарчашмаҳои интернетии истифодашуда***

1. http://64parallel.ru/koleso/vtoroklassniki-sygrali-v-pole-chudes/#prettyPhoto[gallery]/0/
2. http://www.naison.tj/images/news/fal03.jpg
3. http://www.naison.tj/images/news/fal38.jpg

**http://ru.wikihow.com**

# РОҲНАМОИ ФАННИ СУРУД ВА МУСИҚӢ БАРОИ СИНФИ 4-УМ

## барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ


| | |
|---|---|
| Муҳаррирон | А. Комилзода |
| | М. Меликова |
| Мусаҳҳеҳ | М. Саидова |
| Муҳаррири техникӣ | Қ. Саъдуллоев |
| Тарроҳ | Ф. Мирзоалиева |

Ба матбаа 28.06.2016 супорида шуд.
Ба чоп 16.08.2016 иҷозат дода шуд. Коғази офсет.
Чопи офсет. Андоза 60х84 1/8. Ҷузъи чопӣ 9.5.
Адади нашр 10000 нусха.
Супориши № 125/2016

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, 50
Тел: 222-14-66
E-mail: najmiddin64@mail.ru

Дар матбааи ҶДММ «Душанбе-Принт»
чоп шудааст.